А. АЗИЗОВ, С. РАҲИМОВ, Ш. АЗИЗОВ

# ТЕХНОЛОГИЯ

## (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

## 10

Нашри сеюм

Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2023

**ТДУ (УДК) 331(075)+373+371.671**
**ТКБ (ББК) 30.6я72+74.202.4+74.268.5**
**А-37**

**А-37.** Азизов А., Раҳимов С., Азизов Ш. (**Технология. Таълими меҳнат)** Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Нашри сеюм. – Душанбе: "Маориф", 2023. – 224 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб бо намуди зебо дастраси хонандагони дигар гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали сол | охири сол |
| **1.** | | | | | |
| **2.** | | | | | |
| **3.** | | | | | |
| **4.** | | | | | |
| **5.** | | | | | |

**ISBN 978-99985-39-04-4**
**© «МАОРИФ» 2023**
**Моликияти давлат**

# МУҚАДДИМА

Шумо аз барномаҳои телевизиону радио, рӯзномаю маҷаллаҳо, гуфтугӯйи калонсолон амалан ҳар рӯз дар бораиислоҳоти иқтисодӣ, ки дар мамлакати мо идома дорад, маълумоти гуногун мегиред.

Дар бораи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, зарурати инкишоф додани соҳибкории озод ва дастгирии соҳибкории хурду миёна бисёр мегӯянду менависанд. Вазифаи муҳимтарини ин гузариш баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот ва афзоиши миқдори молу маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад ва дар ин бобат умеди асосӣ ба соҳибкорон аст. Маҳз онҳо бояд дар ҳалли масъалаҳои мазкур нақши ҳалкунанда бозанд.

*Соҳибкорӣ чист ва соҳибкор кист?* Оё дар ҳақиқат дар иқтисоди бозоргонӣ соҳибкор нақши ҳалкунанда мебозад? Эҳтимол, шумо низ оид ба ин масъалаҳо борҳо фикру андеша кардаед.

Оё ба назаратон чунин наменамояд, ки замони ба таври объективӣ сарфаҳм рафтан ба ин масъалаҳо фаро расидааст? Китобе, ки алъон дар даст доред, ба шумо дар ин бобат ёрӣ мерасонад!

Агар шумо китобро бодиққат хонед, супоришҳоеро, ки дар охири ҳар фасл омадаанд, дақиқан ва пай дар пай иҷро кунед, дар охир соҳиби бизнес-нақшаи мустақилона таҳиягардида мешавед. Дар бораи таъиноту аҳаммияти бизнес-нақша дар фаъолияти соҳибкор дар китоб муфассал нақл шудааст. Ҳангоми таҳияи бизнес-нақша ташаббускору боҷуръат бошед, аз қарорҳои наву ғайриқолабӣ наҳаросед, вале ҳамеша воқеъбин бошед. Ҳамзамон дар машғулиятҳои амалӣ оид ба технология шумо намунаҳои маҳсулотеро, ки истеҳсоли он дар корхонаатон пешбинӣ шудааст, тайёр мекунед.

Агар дар китоб бо ягон калима ё истилоҳи нофаҳмо дучор оед, дилгир нашавед. Ҳамаи истилоҳҳои махсус ё дар матн ё дар луғатнома, ки дар охири китоб меояд, шарҳ дода мешаванд.

Дар замимаҳои китоб маводди иловагии зерин овар-да шудаанд: тест барои арзёбӣ (ё баҳодиҳӣ)-и қобилияти соҳибкории худ, яъне намунаҳои ғояҳои соҳибкорӣ, ки шумо онҳоро чун асос барои корхонаи худ истифода карда мета-вонед. Умедворем, шумо курси технологияи соҳибкориро бомуваффақият фаро мегиред.

Шумо таҳсилро дар мактаб ба итмом расонида истода-ед. Нақшаи ояндаи худ – касб, ихтисос, карйерaро чӣ тавр тартиб додан лозим аст? Таҳсилро дар куҷо давом додан ба мақсад мувофиқ мебошад: дар омӯзишгоҳи касбӣ, коллеҷ ё мактаби олӣ?

Як боби китоб ба ин масъалаҳо бахшида шудааст. Иҷрои лоиҳаи эҷодии «Нақшаҳои ҳаётии ман ва карйераи касбӣ» ба аз худ кардани дарсҳо ва касбинтихобкунӣ ва худмуайян-кунии касбӣ ёрӣ мерасонад.

Ҳангоми аз худ кардани технологияи интихоби касб ҳамаи дониши андухтаатон аз курси технология мавриди ис-тифода қарор мегирад ва маҳорати истифодаи эҷодкорона дар зеҳни шумо ташаккул меёбад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ

## 1. МАФҲУМИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ. ТАҚСИМ ВА МАХСУСГАРДОНИИ МЕҲНАТ

Дигаргунсозии эҷодкорона, такмили воқеият ва худи инсон фаъолият номида мешавад. Намудҳои фаъолияти ба ҳамаи одамон хосро ҷамъбаст намуда, асоситарини онҳоро номбар мекунем: муошират, бозӣ, таълим, меҳнат. Меҳнати инсон касбӣ ва ғайрикасбӣ (ҳоббӣ, шавқу мароқ) буда метавонад.

Фаъолияти касбиро чун қисми таркибии фаъолияти меҳнатӣ, фаъолияти асосии инсон ҳисоб кардан мумкин аст.

Фаъолияти касбӣ фаъолияти инсон аз рӯйи касбу ихтисос дар ягон риштаи мушаххас ва соҳаи истеҳсолот мебошад. Комёбии инсон дар кор аз он вобаста аст, ки ӯ то чӣ андоза ба фаъолияти касбиаш омода аст.

Дар фаъолияти касбӣ инсон вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, ки асоситаринаш инҳоанд:

Фаъолияти касбӣ ҳамеша мақсади муайян дорад ва иҷрои вазифаҳои мушаххасро пешбинӣ мекунад.




**Расми 1.** *Вазифаҳои асосии фаъолияти касбӣ*

Мақсади фаъолияти касбӣ натиҷаи эҳтимолӣ мебошад, ки рушди шахсият ва фаъолияти ҳаётии онро таъмин мекунад.

Вазифаи фаъолияти касбӣ марҳалаҳои ба даст овардани мақсад мебошад. Масалан, барои ҷавонон таъмин кардани сатҳи муайяни маориф (умумӣ, касбии ибтидоӣ, миёнаи махсус, олӣ) мақсади фаъолияти педагогӣ аст. Вазифаҳои фаъолияти педагогӣ таълим, тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият ба шумор меравад.

Ба фаъолияти касбӣ вижагиҳои махсус (муҳит, вазъият, шароити истироҳату кор, объекту ҳадафи меҳнат) хос аст.

Бомуваффақият аз худ кардани фаъолияти касбӣ, пеш аз ҳама, ба фаҳмиши муҳтавои он вобаста аст. Барои ин оид ба касб дониш ва таҷрибаи муайян андухтан лозим аст. Машғулияти муваққатиро бе тайёрии назариявию амалӣ фаъолияти касбӣ шуморидан хатои маҳз аст. Масалан, оё мо гуфта метавонем, ки шахси мошина ё ноқили барқиро таъмиркунанда бо фаъолияти касбӣ машғул аст? Албатта, не. Агар ӯ малакаю дониш ва маҳорат надошта бошад, на танҳо носозии мошинаро бартараф намекунад, балки онро бадтар мекунад. Ҳарчанд гоҳе чунин ҳолат низ метавонад рух бидиҳад. Вале ҳама тасдиқ хоҳанд кард, ки агар ба ин кор соҳибкасб ва шахси дар ин соҳа иштиғолдошта (фаразан, электрик ё механики мошин) машғул шавад, кор аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо (боэътимодӣ, суръат ва сифат) беҳтару хубтар иҷро мешавад.

Фаъолияти касбӣ якҷоя бо пайдоиши муносибатҳои молию пулӣ дар натиҷаи мубодилаи молу хизмат арзи ҳастӣ кардааст.

Дар фаъолияти касбӣ доимо зиддияти байни ҳозираю оянда, иҷрошавандаю дилхоҳ, идеалию воқеӣ ба вуҷуд меояд.

Мутахассисоне мавҷуданд, ки дар корашон ангезаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзишмандро ба роҳбарӣ мегиранд. Қувваи ҳаракатдиҳандаи онҳо зиддияти байни идеали фаъолияти касбии худ ва наздикшавиашон ба ин идеал ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин одамоне низ ҳастанд, ки тибқи речаи иҷрои меъёру фармудаҳои муайяни касбӣ амал мекунанд. Аввалиҳо тибқи идеали касбӣ шахсияти худро тағйир медиҳанд, дуюмиҳо бошанд, асосан малакаҳои касбиашонро такмил медиҳанд.

Бомуваффақиятии аз худ кардани фаъолияти касбӣ ба ангезаи интихоби ин касб, тавҷеҳи касбӣ ва мувофиқати сифатҳои шахсияти корманд ба соҳаи интихобкардаи ӯ вобаста аст. Ғайр аз ин, дар фаъолияти дилхоҳи касбӣ маҳдудиятҳо тибқи саломатӣ мавҷуд аст.

Фаъолияти касбӣ бо фарҳанги технологӣ робитаи зич дорад, зеро фаъолнокии дигаргункунанда асоси навъи дилхоҳи меҳнатро ташкил мекунад. Бинобар ин, чӣ қадаре ки сатҳи фарҳанги технологӣ баланд бошад, ҳамон қадар шахс дар фаъолияти касбӣ муваффақ мегардад.

Таксими меҳнат низоми барои ҳар як давраи таърихӣ махсуси навъҳои байни ҳам алоқаманди фаъолияти меҳнатӣ, тафриқаи меҳнат аз рӯйи вазифаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар давраҳои қадим таксимкунандаи асосии меҳнат табиат буд. Шароити ҷуғрофию иқлимӣ барои қабилаҳою аъзои

алоҳидаи онҳо (рӯёндани гандум, шикори ҳайвоноти ваҳшӣ, чаронидани ҳайвоноти хонагӣ ва ғайра) характери машғулиятро муайян мекард. Таксимоти ибтидоии меҳнат, асосан, ба хусусиятҳои биологии аъзои ҷомеа (меҳнати мардонаю занона) такя мекард.

Дар давраи вайрон шудани сохти ҷамъияти ибтидоӣ аввал чорводорӣ аз зироаткорӣ ва сипас аз ҳунар тиҷорат ҷудо мешавад. Дар оғози сохти ғуломдорӣ меҳнати ақлӣ аз ҷисмонӣ ҷудо мешавад ва дар натиҷа фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва идорию маъмурӣ, машғулият бо санъат хоси одамони алоҳида мегардад. Меҳнати ҷисмонии вазнини якнавохт бошад, ба уҳдаи одамони дигар вогузор мешавад. Ҳамин тариқ, ҷойи интихоби табииро тақсими меҳнат байни одамон аз рӯйи вазъияти иҷтимоии онҳо мегирад.

Давраи минбаъдаи тақсими меҳнат мануфактура мегардад. Дар аввал ҳунармандон ҳамакора буданд, ки ҳамаи амалиётро оид ба тайёр кардани маснуот (зарф, олати меҳнат, либос ва ғайра) мустақилона иҷро мекарданд. Сипас, ҳунарҳо ба як қатор амалҳои ҷузъӣ, ки байни ҳам мувофиқату мутобиқати зич доштанд, ҷудо шуданд. Ба ҷойи «ҳунарманди ҳамакора» «коргари хусусӣ» меояд, ки ӯ як амалро иҷро мекунад, вале нисбатан самарабахшу пурмаҳсул. Яъне махсусгардонии меҳнат ба амал меояд.

Махсусгардонии меҳнат шакли тақсими ҷамъиятии меҳнат мебошад. Яъне одамони алоҳида дар раванди офариниши ягон маҳсулот амалҳои мухашаххаси меҳнатиро иҷро мекунанд.

Махсусгардонии меҳнат лаҳзаи зарурии фаъолияти меҳнатӣ буда, сабаби зерин онро ба вуҷуд овардааст: инсон дар раванди меҳнат бо ашёи гуногун сару кор дорад, асбобу усулҳои мухталифи меҳнатро истифода мекунад ва марбут ба ҳамин фаъолияти меҳнатии ӯ вижагиҳои махсусро касб мекунад.

Махсусгардонӣ воситаи инкишофи неруҳои истеҳсолкунанда буда, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунад.

Инкишофи саноати калони мошинӣ коргарро, ки дар истеҳсолот шахси асосӣ буд, ба замимаи мошин табдил дод. Тақсиму махсусгардонии меҳнат боиси «тақсими» худи инсон, тақсими фаъолияти ҳаётии ӯ шуд: ба сифати вазифаҳои мустақили он то охири умр тарафҳои фаъолияти марбут ба инсон ҷудо шуданд, ки танҳо дар ягонагӣ муҳтавои онро ташкил мекунанд. Дар натиҷа, ҳар фард дар соҳаи фаъолияти касбии маҳдуд побанд мешавад ва ба инсони «хусусӣ» табдил меёбад.




**Расми 2**. *Шаклҳои тақсими кор*

Дар шароити инқилоби илму техника таҳти таъсири механиконии комлексӣ ва автоматонии равандҳои истеҳсолӣ тағйири меҳнат ба амал меояд, ки он аз коргар аз худ кардани якчанд касб (тахассус)-ро тақозо менамояд. Тағйирёбии меҳнат тадриҷан тақсими меҳнатро маҳдуд мекунад.




**Расми 3**. *Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти касбӣ*

**Шаклҳои тақсими меҳнат** тарзҳои ташкили раванди фаъолияти касбии одамонро тавсиф мекунад.

Алҳол шаклҳои зерини тақсими меҳнат мавҷуд аст:

Кори ақлӣ – меҳнате, ки дар раванди он инсон асосан ҷидду ҷаҳди зеҳнии худро сарф мекунад.

Кори ҷисмонӣ – меҳнате, ки дар он инсон, асосан, ҷидду ҷаҳди ҷисмонии худро сарф мекунад.

Махсусгардонии соҳавӣ – тақсими меҳнат тибқи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сохтмон ва ғайра) ва ғайримоддӣ (илм, маориф, савдо, тибб ва ғайра).

Махсусгардонии предметӣ – тақсими корхонаҳо аз рӯйи маҳсулоти истеҳсолшавандаи якҷинса (заводи автомобил, коргоҳи дӯзандагӣ, коргоҳи ҳасиб ва ғайра)

Махсусгардонии ҷузъӣ – истеҳсоли қисму ҷузъиёти алоҳидаи маҳсулоти тайёр (масалан, маҳсулоти корхонаи шарикоподшибник, маҳсулоти корхонаи чархи мошин ва ғайра).

Махсусгардонии марҳалавӣ (технологӣ) – иҷрои амалиёти алоҳида, як қисми раванди технологӣ (масалан, истеҳсоли масолеҳ барои корхонаҳои мошинсозӣ дар корхонаи рехтагарӣ, тайёр кардани калоба барои коргоҳҳои ресандагӣ ва ғайра).

Махсусгардонии функсионалӣ – махсусгардонӣ аз рӯйи вазифаҳое, ки одамон дар истеҳсолот иҷро мекунанд (кормандони муҳандис-техникӣ, хизматчиён, кормандони хурди хизматрасон ва ғайра).

Махсусгардонии касбӣ – тафриқаи кормандон аз рӯйи касб ё ихтисос (челонгар, муҳосиб, иқтисоддон ва ғайра).

Махсусгардонии тахассусӣ – таъсиси ҷузъи том ё воҳиди кормандон дар дохили гурӯҳи касбӣ вобаста ба дараҷаи тахассуси онҳо (разряд, синф, категория)

Махсусгардонии меҳнат дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт вижагиҳои худро дорад. Масалан, дар истеҳсолоти кишоварзӣ шаклҳои зерини махсусгардонӣ мавҷуданд:

- минтақавӣ – вақте ки дар минтақаҳои алоҳида ягон соҳаи мушаххаси истеҳсолот бартарӣ дорад;
- байнихоҷагӣ – таъсиси хоҷагиҳои алоҳида (чорводорӣ, зироаткорӣ ва ғайра);
- дохилихоҷагӣ – байни бригадаҳо, шуъбаҳо, фермаҳо, звеноҳо;

- дохилисоҳавӣ – тақсими соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба корхонаҳои нисбатан махсусгардонида.

*Мутахассиси таҳиягари бозиҳо. Мутахассис оид ба коркард ва ташкили бозиҳои таълимӣ (корӣ, таърихӣ, фантастӣ ва г.), бозиро бо истифода аз ҳавасмандкунӣ ҳамроҳӣ мекунад. Хусусиятҳои касбӣ: тафаккури низомандӣ, иртиботи байни соҳавӣ, кор бо одамон, забондонӣ, маданиятнокӣ, малакаи эҷодиёти бадеӣ.*

*фаъолият, фаъолияти касбӣ, мақсад, вазифа, функсияҳои фаъолияти касбӣ, тақсими махсусгардонии меҳнат*

## КОРИ АМАЛӢ

*1. Мақсад ва вазифаи фаъолияти касбииояндаи худро муайян кунед.*
*2. Ҷадвалро пур кунед.*

**3.**

| Намудҳои фаъолияти касбӣ | Мақсад | Вазифа |
|---|---|---|
| Фаъолияти ҳуқуқшиносӣ | | |
| Санъат | | |
| Савдо | | |
| Мошинсозӣ | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | | |

**4. Ҷадвалро пур кунед.**

| Шаклҳои тақсими меҳнат | Намунаҳо |
|---|---|
| Асосан меҳнати ақлӣ | |
| Асосан меҳнати ҷисмонӣ | |
| Соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ | |
| Соҳаҳои истеҳсолоти ғайримоддӣ | |
| Махсусгардонии касбӣ | |
| Махсусгардонии ҷузъӣ | |
| Махсусгардонии технологӣ | |
| Махсусгардонии функсионалӣ | |

## Махсусгардонии тахассусӣ

**Ин аҷиб аст**

*Ҳар сол дар Ҷопон хонандагони синфҳои 7-9-ум (методикаи F-lest) худро аз рӯйи 16 навъи касб аз соҳаҳои гуногун месанҷанд: (хоҷагии қишлоқ, дар фаъолияти илмӣ, тиҷорат ва ғайра). Ҳамин тавр, дар се сол онҳо худро дар 48 касби гуногун месанҷанд. Баъди он аз рӯйи 62 нишондиҳанда худтаҳлилкунӣ оид ба ҷадвали панҷбала мегузаронанд. Ин барои интихоби дурусти касб мусоидат мекунад.*

### Савол ва супориш:

1. *Моҳияти фаъолияти касбӣ ва фарқи он аз фаъолияти ғайрикасбӣ дар чист?*
2. *Тақсими меҳнат боиси чӣ мешавад?*
3. *Давраҳои таърихан бамиёномадаи тақсимоти меҳнати одамонро тавсиф кунед.*
4. *Моҳияти тақсими меҳнат дар чист?*
5. *Таҳти мафҳуми "шаклҳои тақсими меҳнат" чиро мефаҳмед?*
6. *Шаклҳои муосири тақсими меҳнати касбии одамонро кушода баён кунед.*
7. *Фаъолияти касбӣ чист? Он аз фаъолияти ғайрикасбӣ чӣ фарқ дорад?*
8. *Вазифаҳои фаъолияти касбӣ кадомҳоанд?*
9. *Мақсаду вазифаҳои фаъолияти касбиро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?*
10. *Муваффақияти фаъолияти касбии инсон аз чӣ вобаста аст?*
11. *Хусусиятҳои касбии мутахассиси таҳиягари бозиҳоро шарҳ диҳед.*

## 2. РИШТА, СОҲА, ҲАДАФҲОИ МЕҲНАТ

Фаъолияти касбии инсон дар соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёт сурат мегирад.

***Соҳа*** – маҷмуи таърихан бавуҷудомадаи корхонаҳо, истеҳсолот, ташкилот, ки бо ягонагии таъиноти иқтисодии маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизматҳо, якҷинсии ашёи хому масолеҳи истеъмолкунанда, умумияти пояи моддию техникӣ ва равандҳои технологӣ, вижагии *ҳайати* касбии кадрҳо ва шароити меҳнат тавсиф карда мешавад.

Риштаи фаъолияти касбӣ – маҷмуи соҳаҳо, ки аз рӯйи аломати мушаххас муттаҳид шудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои меҳнат ду риштаи калони фаъолияти касбиро ҷудо мекунанд: риштаи истеҳсолоти моддӣ ва риштаи истеҳсолоти ғайримоддӣ.

Ба ҳар кадоми он соҳаҳои муайяне дохил мешаванд, ки онҳоро дар нақшаи поён зикр мекунем:




**Расми 6.** *Аслиҳаҳои истеҳсолот*

Дар риштаи истеҳсолоти моддӣ ду навъи маҳсулот истеҳсол мешавад: воситаҳои истеҳсолот ва истеъмол. Риштаи ғайриистеҳсолӣ он соҳаю навъҳои фаъолияти касбиро дар бар мегирад, ки ба аҳолӣ, дигар соҳаҳои иқтисодиёт, идоракунии онҳо хизмат мерасонанд. Риштаи истеҳсолоти моддӣ ва соҳаҳои ғайримоддӣ ба ҳам зич алоқамандананд. Вазъият ва инкишофи риштаи ғайриистеҳсолӣ ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ таъсири фаъолона мерасонад ва нишондиҳандаҳои муҳимтарини он ба шумор меравад.

Баробари инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҷамъият, теъдоди кормандони риштаи истеҳсолоти моддӣ кам ва истеҳсолоти ғайримоддӣ зиёд мешавад Айни замон соҳаҳои хизматрасонӣ (сервис) босуръат инкишоф меёбанд.

Дар ҳар ришта соҳаи фаъолияти касбиро аз ҷиҳати самти он, яъне предмети меҳнат ҷудо кардан мумкин аст.

Ҳадафи меҳнат он чизест, ки меҳнати инсон ба он равона карда шуда, коргар ба он таъсир мерасонад, онро шаклан тағйир дода, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ мутобиқ мекунад.

| | |
|---|---|
| Ҳадафҳои меҳнат | Баҳодиҳӣ. Санҷиш. |
| | Таҳқиқот бурдан, ихтироъ кардан. |
| | Кашонидани ягон чиз. |
| | Сохтани ягон предмет. |
| | Омӯзонидан, машварат додан, тарбия намудан. |
| | Эҷод кардан. |
| | Роҳбарӣ намудани одамон. |
| | Хизматрасонӣ ба ягон кас ё ягон чиз. |
| | Пайваста болои худ кор кардан, худро дар ҳолати омодагӣ нигоҳ доштан. |

**Расми 5.** *Ҳадафҳои меҳнат*

Аз рӯйи ҳадафи меҳнат панҷ соҳаи фаъолияти касбиро ҷудо мекунанд: инсон – табиат, инсон – техника, инсон – низоми аломатӣ, инсон – инсон, инсон – образи бадеӣ.

Соҳибкорӣ соҳаи махсуси фаъолияти касбӣ мебошад, ки дар худ соҳаю риштаҳои дигарро муттаҳид сохта метавонад.

Соҳибкорӣ  фаъолияти эҷодӣ оид ба истеҳсоли мол ва хизмат аз ҳисоби маблағи худӣ ё қарз бо мақсади гирифтани фоида аст. Фаъолияти соҳибкорӣ мумкин аст ҳам дар риштаи истеҳсолоти моддӣ ва ҳам дар истеҳсолоти ғайримоддӣ амалӣ гардад.

Раванд (протсесс)  ҳаракат, рафт, марҳалаҳои инкишоф, тартиби табдили ҳолат ва иҷрои амалҳои муайян аст.

**Раванди фаъолияти касбӣ** аз муайян кардани мақсаду вазифаҳои фаъолият оғоз меёбад ва онҳо дар дастурамалҳои мансабӣ, тавсифномаҳои тахассусӣ, профессиограммаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои технологӣ инъикос ёфтаанд.

Компоненти асосии раванди фаъолияти касбӣ инсон, яъне субъекти фаъолият, касе, ки он фаъолиятро амалӣ мегардонад, ба ҳисоб меравад.

Пеш аз ҳама, инсон бояд ба меҳнат кардан аз рӯйи касби мушаххас омода бошад. Омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ин сифати интегративии шахсият мебошад, ки ба инсон имкон медиҳад бомуваффақият ҳамин фаъолиятро иҷро кунад. Омодагӣ ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

- физиологӣ (рушди умумӣ, вазъи саломатӣ);
- маънавӣ (талабот ба меҳнат, меҳр ба касб, ташаккул ёфтани сифатҳои муҳимми ахлоқӣ);
- психологӣ (мувофиқати хусусияту хосиятҳои психика, диққат, хотира, тафаккур, миҷоз ва ғайра ба характери меҳнат);
- амалӣ (мавҷудияти донишҳои махсус, маҳорату таҷриба)

Талаботи касб ба инсон дар профессиограммаҳо ва психограммаҳо баён карда мешаванд. Талаботро ба тайёрии касбӣ оид ба ҳар ихтисос стандартҳои давлатӣ муайян мекунанд.

Фаъолияти меҳнатии инсон маъмулан ангеза дорад. Ангеза чизест, ки ба фаъолият водор мекунад. Ангезаҳои фаъолияти меҳнатӣ метавонанд аз лиҳози ҷамъиятӣ аҳаммиятнок (қонеъгардонидаи талаботи ҷамъият), аз лиҳози шахсият аҳаммиятнок (қонеъ гардонидани талаботи хусусии ҳаётан муҳим), ғаразнок (ҷидду ҷаҳд ба бойшавӣ, обрӯю эътибор ва роҳбарӣ) бошанд.

Фаъолияти меҳнатии худро инсон тавассути истифодаи воситаҳои муайяни меҳнат амалӣ мегардонад.

**Воситаҳои меҳнат** он чизҳое ҳастанд, ки инсон бо ёрии онҳо ба мақсади истеҳсоли неъматҳои моддию маънавӣ ба предмети меҳнат таъсир мерасонад. Ба воситаҳои меҳнат асбоб истеҳсолот, ҳамчунин замин, биноҳои истеҳсолӣ, роҳи оҳан, роҳҳои мошингард ва роҳҳои дигар, лӯлаҳои нафту газ, хатҳои интиқоли барқ ва ғайра дохил мешаванд. Дар ҳайати воситаҳои меҳнат нақши муайянкунандаро асбоби истеҳсолот мебозад.

Аслбоби истеҳсолотро дар навъҳои зерин тасаввур кардан мумкин аст:




**Расми 6.** *Аслбоби истеҳсолот*

Мошинҳо вобаста ба коре, ки анҷом медиҳанд, ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

энергетикӣ (турбина, муҳаррик, генератор ва ғайра);

корию технологӣ (дастгоҳ, тухмипошак ва ғайра);

- наќлиётӣ (конвейер, автомобил);
- борбардор (кранҳо ва ғайра);
- иттилоотӣ (компютер).

**Таҷҳизот** – маҷмуи воситаҳои техникӣ, ки мошинҳои технологиро пурра мекунанд ва барои иҷрои қисми муайяни раванди технологӣ (насб кардан, назорати масолеҳ ва ғайра) заруранд.

**Асбобҳои корӣ** баръакси мошин, кори фоиданокро иҷро карда наметавонанд. Онҳо олоти меҳнати инсон (сӯзан, печтоб ва ғайра) ё воситаҳои андозагирӣ (ҷадвал, макрометр) мебошанд.

**Асбобҳои назоратию андозагирӣ** барои гирифтани андозаи нишондиҳандаҳои муайян ва назорат ба равандҳои технологӣ хизмат мекунанд. Онҳо аз рӯйи якчанд аломат тасниф мешаванд: таъинот (андозагирии ҳарорат, суръат ва ғайра), тарзи кор (механикӣ, барқӣ, оптикӣ ва ғайра), вазифа (нишондиҳанда волтметр, тарозу ва ғайра; қайдкунанда – датчикҳо ва ғайра). Асбобҳоеро, ки датчикҳояшон бевосита дар объект қарор доранду индикаторашон ба пултҳои махсус бароварда мешаванд, фосилавӣ мено-манд.

**Асбобҳои автоматӣ** амалиёти технологиро бе иштироки бевоситаи инсон тибқи барномаи додашуда иҷро мекунанд ва вазифаҳои зеринро ба субут мерасонанд: назорат, муҳофизат, танзим, идора.

Ба имконоти функсионалии инсон мансуб аст:

- имконоти даст (неру, чолокӣ, координатсия);
- имконоти узвҳои ҳис (босира, сомеа, зоиқа, шомма ва ғ);
- имконоти пайкар ё андом (пластика, неруи мушак ва ғ.);

• имконоти равонӣ (неру, эътидоли раванди равонӣ ва ғ.);
• имконоти нутқ, овоз ва ғайра.

Дар якҷоягӣ воситаҳои меҳнат ва ҳадафҳои меҳнат воситаҳои истеҳсолот номида мешаванд.

Дигаргунсозии ҳадафҳои меҳнат – раванди технологӣ бо ёрии воситаҳои меҳнат дар навъи амалиёту гузаришҳои технологӣ амалӣ гардонида мешавад.

Амалиёту гузаришҳои технологӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои махсус, аз қабили харитаҳои технологӣ, харитаҳои хатти сайр, графикҳо, накшаҳо, дастурамалҳо ва ғайра амалӣ мегардад. Маҳсули (натиҷаи) фаъолияти касбӣ мол ё хизмат ба ҳисоб меравад.

Мол маҳсули меҳнатест, ки барои фурӯш ё мубодила пешбинӣ шудааст. Ҳар мол ду хосият дорад: хосияти қонеъ гардонидани ягон талаботи инсон (арзиши талаботӣ) ва қобилияти мубодила шудан бо дигар чиз (шайъ).

Барои нигоҳ доштани маҳсули меҳнат (мол), ҷой, бино анборҳои махсус лозим аст.

Фурӯши маҳсули меҳнат бо роҳи фурӯш дар бозор, мубодила (бадалсавдо), истеъмоли хусусӣ сурат мегирад.

Хизматрасонии иттилоотӣ, бадеӣ, тиббӣ, маишӣ ва дигар навъҳои хизматрасонии одамон ба хизмат мансубанд.

Ҳамин тариқ, раванди фаъолияти касбӣ аз чунин омилҳо иборат аст: мақсад, вазифа, субъектҳои фаъолият, воситаҳои меҳнат, раванди технологӣ, амалиёт ва гузариш, ҳадафҳои меҳнат, маҳсули фаъолият (натиҷа), нигоҳдорӣ ва фурӯши он.

*Мутахассиси бозиҳои педагогӣ. Мутахассисе, ки барномаҳои таълимиро дар асоси методикаҳои бозӣ ба вуҷуд меорад, ҳамчун қаҳрамонҳои бозӣ баромад мекунад. Дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгори анъанавиро иваз мекунад. Хусусиятҳои зарурӣ барои ишғоли касб: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, кор бо одамон, забондонӣ, маданиятнокӣ, малакаҳои эҷодкории бадеӣ.*

*Ришта, соҳа, соҳаи фаъолияти касбӣ, омодагии инсон ба фаъолияти касбӣ, ҳадаф ва воситаҳои меҳнат, олати истеҳсолот, раванди технологӣ, мол.*

## КОРИ АМАЛӢ



*Моҳияти ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбии ояндаи худро тибқи ҷадвал муайян кунед:*

| Ҷузъиёт | Мухтаво |
|---|---|
| Мақсад | |
| Вазифа | |
| Сифатҳои аз лиҳози касбӣ зарурии субъекти фаъолият | |
| Воситаҳои меҳнат | |
| Ҳадафҳои меҳнат | |
| Амалиёту гузаришҳои технологӣ | |
| Маҳсули (натиҷаи) фаъолият | |

***Ин аҷиб аст***

*Шуморо дар навбат истодан дилгир кард? Дар Вашингтон ин муамморо сода ҳал кардаанд. Дар он ҷо касби аҷоиб мавҷуд аст – “Дар навбат истодан”. Шумо метавонед ба ширкати махсус муроҷиат кунед, ки ба ҷои шумо одам фиристад, то ки он ба ҷойи шумо ба навбат истад. Ҳангоми кор бо мизоҷҳои доимӣ тахфифи хубро туҳфа мекунанд.*

### *Савол ва супориш:*



1. *Ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбиро номбар кунед.*
2. *Мухтавои омодагии инсон ба фаъолияти касбиро кушода диҳед.*
3. *Инсон дар раванди фаъолияти касбӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?*
4. *Ҳадафҳои (гурӯҳҳои) фаъолияти касбиро номбар кунед.*
5. *Эҷодкорона воситаҳои меҳнат ва асбоби истеҳсолотро тавсиф кунед.*
6. *Моҳият ва сохтори раванди технологиро шарҳ диҳед.*
7. *Мол чист?*
8. *Оид ба мазмуни фаъолияти мутахассиси бозиҳои педагогӣ маълумот диҳед.*

## 3. МАФҲУМИ ФАРҲАНГИ МЕҲНАТ

Шумо аллакай аз таҷрибаи ҳаётии худ медонед, ки як корро ба тарзҳои гуногун иҷро кардан мумкин аст. Як одам корро босифату тез ба охир мерасонад. Одами дигар вақти зиёд сарф мекунад, хаста мешавад, вале корро ба таври матлуб иҷро намекунад.

Чаро чунин ҳолат рӯй медиҳад? Гап дар сари он аст, ки ҳар инсон дар бораи фаъолияти меҳнатӣ, ташкилу нақшагирии он, истифодаи технологияҳои мухталифи иттилоотӣ, техникаи бехатарӣ тасаввуроти гуногун дорад. Ҳамчунин, муносибати одамон ба меҳнат фарқ мекунад.

Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда муҳтавои фарҳанги меҳнатро ташкил медиҳанд. Дар ҳар инсон сатҳи инкишофи ин фарҳанг мухталиф аст: яке фарҳанги баланди меҳнат дорад, дигаре аз сатҳи пасти фарҳанги меҳнат бархӯрдор аст. Бинобар ин, натиҷаи кор фарқ мекунад.

Таҳти мафҳуми фарҳанги меҳнат сатҳи бадастомадаи ташкили истеҳсолот фаҳмида мешавад. Фарҳанги меҳнат ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:




**Расми 7.** *Фарҳанги меҳнат*

Фарҳанги меҳнат, пеш аз ҳама, интизоми технологиро дар бар мегирад, яъне риояи дақиқи технологияи аз ҳама мусоиди иҷрои кор ва талабот ба сифати он. Пай дар пай иҷрои амалиёти мушаххаси технологӣ бояд бо харитаҳои хатти сайру амалиётӣ мувофиқа карда шаванд. Фарҳанги меҳнат, ҳамчунин, маҳорати ташкил кардани ҷойи кори худро пешбинӣ мекунад.

Ҷойи кор минтақаи фаъолияти меҳнатии инсон мебошад, ки бо воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти иловагии барои идоракунии ягон раванд ё иҷрои корҳо зарур муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ҷойи кор бояд боэътимодию самарабахшии ҳадди аксари корро таъмин кунад, яъне ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

*1. Фазои мусоиди кор, ки ба иҷрои ҳамаи ҳаракату ҷойивазкуниҳо ҳангоми истифодаи таҷҳизот ва хизматрасонӣ имкон медиҳад;*

*2. Дар фазои корӣ мавҷуд будани «минтақаи дастрасии озод», яъне қитъае, ки дар он ҳамаи таҷҳизот: асбобҳо, мавод, асбобҳои иловагие, ки тез-тез даркор мешавад, гирд оварда шудааст;*

*3. Равшаннокии хуби табиӣ ва ё сунъии ҷойи кор;*

*4. Таҷҳизоте, ки хизматрасонӣ ба он одию босарфа буда, вақти зиёдро намегирад; ҳолати мусоиди корӣ, бартараф кардани хастагӣ ва ғайра;*

*5. Мубодилаи ҳаво, ҳарорат ва рутубат бояд мувофиқи меъёр бошад.*

Ҳангоми ташкили ҷойи кор, пеш аз ҳама, тавсифи антропометрии худро ба назар гирифтан лозим аст: андозаи андом, баландӣ аз фарш то нӯги дасти боло бардошта, то чашм дар ҳолати рост истодан ва нишастан, дарозӣ дар ҳолати рост истодану нишастан, паҳно ва дарозии панҷаи даст, дарозии даст ва ғайра. Ҳолати маъмулии кориро, муайян кардан хеле муҳим аст. Дар асоси хусусиятҳои инфиродӣ ҷойи кор бояд тавре таҷҳизонида шавад, ки ба иҷрои кор ҳеҷ чиз халал нарасонад ва барои гирифтани ягон чиз зарурати сахт дастро дароз кардан ба миён наояд, яъне дигар асбобу масолеҳ зери даст бошанд. Ба ороиши ҷойи кор низ диққати ҷиддӣ додан лозим аст.

**Дизайн** (англисӣ design – расм, лоиҳа) фаъолияти эҷодиест, ки ба ташаккул ва мураттабсозии предметию фазоии муҳит, ҳосил кардани ягонагии ҷиҳатҳои функсионалию эстетикии он равона карда шудааст. Натиҷаи ин кор низ дизайн номида мешавад.

Ҳамаи чузъиёти интерйер, шаклҳои он, ороиш, ранг бояд ба ҳам мувофиқу мутобиқ буда, ба мусоиду мувофиқ кардани шароити меҳнат хизмат кунад. Унсури муҳимтарини дизайн банақшагирӣ ва ба вуҷуд овардани ҷойи истироҳат (сабукшавии психологӣ) дар наздикии ҷойи кор мебошад. Дар ҷойи истироҳат ташкил кардани «гӯшаи табиати зинда» мувофиқи мақсад мебошад, зеро муошират бо олами табиат ба барқарор кардани комили неруи инсон мусоидат мекунад.

Вобаста ба инкишофи техника, шумораи объектҳои меҳнат, ки онҳоро идора кардан лозим аст ва параметрҳои он меафзо-

янд, низомҳои идоракунии фосилавӣ тараққӣ меёбанд. Инсон аз объектҳое, ки онҳоро идора мекунад, торафт дур мешавад, дар бораи тағйир ёфтани ҳолати объектҳо инсон на дар асоси мушоҳидаи бевосита, балки дар асоси идроки сигналҳои алоҳида хулоса мебарорад. Инсон идоракунию назорати ғайримустақимро ба субут расонида, иттилоотро дар намуди рамз (нишондодҳои ҳисобкунакҳо, индикаторҳо, асбобҳои ченкунанда) мегирад. Дар натиҷа зарурати рамзкушоӣ ва фикран муқоиса кардани иттилооти мазкур бо маълумоти воқеӣ ба миён меояд. Зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ки алҳол воситаи ташкилу амалӣ гардонидани ҳамаи шаклҳои фаъолият мебошанд, маҳз дар ҳамин нукта ниҳон аст.

Яке аз қисмҳои муҳимтарини фарҳанги меҳнат таъмини ҳифзу бехатарии он мебошад.

Техникаи бехатарӣ низоми тадбирҳои ташкилию техникӣ мебошад, ки таъсири омилҳои хавфноки истеҳсолиро ба инсон, ба миён омадани вайронкунии қоидаҳои бехатарӣ ва дар натиҷаи ин рух додани ҷароҳатбардорию ҳодисаҳои нохушро пешгирӣ мекунад.




**Расми 8.** *Сохтори фарҳанги далеловарии рафтори коргар*

Ба ҳар намуди фаъолият шарту шароит ва қоидаи муайян хос аст, ки дар дастурамал оид ба техникаи бехатарӣ зикр карда мешавад. Дар бисёр мавридҳо риоя накардани ин қоидаҳо боиси ҳолатҳои нохуш мегардад.

Дар таъмини бехатарии кор интихоби либоси корӣ аҳаммияти махсус дорад. Он набояд чунон танг бошад, ки ба ҳаракати коргар халал расонад ва айни замон, набояд овезон шуда, ҳаракати озодонаро маҳдуд кунад. Ғайр аз ин, либоси корӣ тозагии либоси шахсии коргарро таъмин намуда, муҳлати хизмати онро дароз мекунад.

Ҳангоми иҷрои кор, махсусан, ба риояи қоидаҳои истифодаи неруи барқ, талаботи муҳофизат аз сӯхтор ва муҳофизат аз ҷароҳатҳои механикӣ диққат додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, фарҳанги меҳнат интизоми технологӣ, ташкили оқилонаи ҷойи кор, риояи қоидаҳои бехатарии меҳнат, эстетикаи истеҳсолӣ, муносибати ғамхорона ба таҷҳизот, масолеҳ, неру, маҳорати муайян кардану таҳлил намудани самараи иқтисодии кори иҷрошавандаро дар бар мегирад.

Азбаски фарҳанги меҳнат бо фаъолияти мушаххаси меҳнатӣ марбут аст, он қисми таркибии фарҳанги технологӣ ба шумор меравад.

**Модератор** *(гардонанда). Мутахассис оид ба ташаккули муҳокимаи мушкилот ё кори дастаҷамъонаи эҷодӣ бо мақсади таъмини азхудкунии маводди нав аз тарафи хонандагон дар рафти фаъолияти амалӣ мебошад. Сифатҳои соҳавӣ: кор бо одамон, малакаҳои эҷодкории бадеӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо.*

*Фарҳанги меҳнат, ҷойи кор, дизайн, техникаи бехатарӣ, бизнес-нақша, самарабахшии истеҳсолот*

## КОРИ АМАЛӢ

*1. Нақшаи «Ҷойи кори ман»-ро тартиб диҳед.*

*2. Самарабахшии ягон намуди фаъолияти меҳнатиро муайян кунед ва бизнес-нақша тартиб диҳед.*

**Ин аҷиб аст**

*Дар ҷаҳон тақрибан 70000 касбҳои гуногун вуҷуд дорад. Баъзе касбҳо чунон ғайристандартӣ мебошанд, ки дар бораи онҳо бисёриҳо нашунидаанд ва ҳатто дар бораи мавҷуд будани он тасаввурот надоранд. Истилоҳи “профессия” (касб) дар тарҷума аз забони лотинӣ “professio” – “дар бораи кори худ эълон мекунам”-ро мефаҳмонад.*

**Савол ва супориш:**

1. *Ҷузъҳои асосии муҳтавои фарҳанги меҳнатро номбар кунед ва шарҳ диҳед.*
2. *Интизоми технологӣ чист?*
3. *Шартҳои ташкили оқилонаи ҷойи корро номбар кунед.*
4. *Чӣ тавр бехатарии меҳнатро таъмин кардан лозим аст?*
5. *Самарабахшии фаъолияти меҳнатиро чӣ тавр муайян мекунанд?*
6. *Эҷодкорона омилҳоеро номбар кунед, ки ба баланд бардоштани самарабахшии меҳнат мусоидат мекунанд.*
7. *Оид ба касби модератор маълумот диҳед.*

## 4. ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪСИСИ КОРХОНА ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ КОРХОНА

Соҳибкор ё гурӯҳи ҳамфикрон барои таъсиси корхонаи хурди хусусӣ ё коллективӣ бояд марҳалаҳои муайяни инкишофи ғояи худ ва дар амалия татбиқ кардани онро аз сар гузаронанд:

Марҳалаи якум – таҳлилӣ. Дар ин марҳала бояд гурӯҳи ташаббускор соҳаи фаъолияти корхонаи таъсисшавандаро ёбад. Бояд қарори қатъӣ қабул карда шавад, ки корхона хусусӣ мешавад ё коллективӣ. Дар ин маврид кадоме аз шаклҳои зерини соҳибкории хурд ба мақсади онҳо мувофиқтару самарабахштар аст? Ҷамъияти саҳомӣ; ҷамъияти дорои масъулияти номаҳдуд; ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, кооператив ва ғайра. Онҳо бояд чи истеҳсол кунанд?

Марҳалаи дуюм – мутобиқшавӣ ба шароити бозор. Корхонаҳои хурд ба инкишофи рақобат мусоидат мекунанд, ки ин боиси нисбатан пурра ва ҳамаҷониба қонеъ гардонидани талабот ба молу хидмат бо назардошти эҳтиёҷоти инфиродӣ мегардад.

Дар раванди таъсиси корхонаи хурд мавҷудияти ашёи хом ва иқтидорҳои истеҳсолӣ (биною таҷҳизот) нақши муҳим мебозад.

Бо мақсади таъмини фурӯши маҳсулоти дар оянда истеҳсолшаванда, ба таври маҷмуъ, омӯхтани талабот мувофиқи мақсад аст.

Марҳилаи сеюм – омӯхтани санадҳои меъёрӣ ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии корхона.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун дар бораи корхона ва фаъолияти соҳибкорӣ» амал мекунад. Он асосҳои умумии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъсиси корхонаҳоро дар шароити гуногунии шаклҳои моликият муайян мекунад, ҳуқуқу масъулияти субъектҳои соҳибкориро танзим менамояд, тадбирҳои муҳофизату дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкориро дар Тоҷикистон муайян мекунад.




**Расми 9.** *Омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти корхона*

Корхона аз лаҳзаи аз ҷониби сарвари маъмурияти ноҳия ё шаҳр ба қайд гирифта шудани он таъсисёфта ҳисоб мешавад. Бақайдгирии давлатӣ ё номнависӣ бояд дар давоми як моҳ баъди супурдани ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ сурат гирад.

Марҳалаи чорум – инкишофи пойдории иқтисодӣ. Баъди гузаштани марҳалаи мураккаби ташкили корхона, фаъолияти он дар самти истеҳсоли молу хизмат оғоз меёбад.

Молия – маҷмуи ҳамаи пулҳое, ки дар ихтиёри ягон кас аст.

Вазъи молия (миқдори пул, ҳамчунин, сарфи дурусти он) чӣ барои одами алоҳида ва оила ва чӣ барои корхона, ташкилот ва давлат хеле муҳим аст.

Вазъи молиявии давлат, корхона, оила, одами алоҳида нисбатан пурра дар буҷа (давлатӣ, оилавӣ, инфиродӣ) инъикос меёбад. Аз хароҷот зиёд будани даромади буҷа нишондиҳандаи устувории вазъи молиявӣ буда, меъёр ба ҳисоб меравад.

Агар даромад ҳамаи хароҷотро рӯйпӯш накунад, вазъи молиявӣ ноустувор ҳисоб мешавад ва ин вазъият боиси оқибатҳои нохуш шуда метавонад: барои оила – паст шудани сатҳи зиндагӣ ва қарздор шудан; барои корхона – муфлисшавӣ.

Тиҷорат – соҳаи иқтисодиёт, ки фурӯши молро бо роҳи хариду фурӯш амалӣ мегардонад. Маънои иқтисодии калимаи «тиҷорат», «савдо» соҳаи соҳибкорист, ки ба фаъолияти миёнаравӣ байни саноат ва корхонаҳои истеҳсолӣ – истеҳсолкунандагони мол ва истеъмолкунандагони бевоситаи он алоқаманд аст.

Хизматҳо – натиҷаи фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо ва шахсони ғайрирасмӣ, ки ба қонеъ гардонидани талаботи муайяни аҳолӣ ва ҷамъият нигаронида шудааст. Бо хизмат мо ҳар рӯз сарукор дорем: вақте ки барои дастурӯйшӯйӣ ҷумаки обро мекушоем, хизмати коммуналиро истифода мебарем; ба микроавтобусу троллейбус даромада, аз хизмати нақлиёт истифода мебарем.

Истеҳсолот: моддӣ, маънавӣ. Захираҳое, ки дар истеҳсоли молу хизмат иштирок мекунанд, омилҳои истеҳсолот номида мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои асосии фаъолияти соҳибкор оиннома, шартномаи муассисон, қонун дар бораи корхонаҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Дар мамлакатҳои гуногун ин ҳуҷҷатҳо номҳои мухталиф доранд. Дар мамлакати мо ҳуҷҷате, ки муносибатҳои байни ширкати оянда ва ҷамъиятро муайян мекунад, оинномаи ширкат номида мешавад. Ҳуҷҷате, ки муносибати байни аъзоро дар дохили ширкат муайян мекунад, шартномаи муассисии ширкат ном дорад.

Таҳия ва тасдиқи ин ҳуҷҷатҳо лаҳзаи муҳимми таъсис ва номнавис кардани ширкат мебошад. Дар оиннома нуктаҳои зайл зикр мешаванд:

- номи соҳиби ширкат;
- мақсади таъсиси ширкат, яъне он кадом молро истеҳсол мекунад ё чӣ хел хизмат мерасонад;
- ҳаҷми сармояи оинномавии ширкат ва ҳиссаи ҳар соҳиби он.

Масалан, агар дар вақти таъсиси ширкат ҳамаи аъзо маблағи якхелаи пул ворид карда бошанд, пас онҳо дар сармояи оинномавии ширкат ҳиссаи баробар доранд.

Дар шартномаи муассисони ширкат қоидаҳои идоракунии ширкат, ки соҳиби он барои худ муайян кардааст, сабт ме-

гарданд. Масалан, дар шартномаи муассисон мумкин аст сабт шуда бошад, ки ҳангоми муҳокима ва қабули корҳои барои ширкат хеле муҳим тамоми соҳибон ҳуқуқи баробар доранд ва чунин қарорҳо танҳо бо ризоияти тамоми соҳибон қабул мешаванд.

Шартномаи муассисон қоидаҳоеро муайян мекунад, ки фоидаи фаъолияти ширкат аз рӯйи он тақсим карда мешавад. Дар он, инчунин, қоидаҳои махсус зикр мешаванд, ки дар онҳо вазъиятҳои гуногуни ҳастии ширкат, масалан, агар як ё якчанд иштироккунанда аз ширкат бароянд, чӣ ҳодиса рух медиҳад, пешбинӣ мегардад.

Манбаъҳои маблағгузории корхона. Соҳибкор воситаҳои маблағгузориро ба бизнеси худ аз куҷо мегирад? Шумо дар ин бора аллакай маълумот доред ва метавонед ҷавоб диҳед:

«Фоидаи аз фурӯши саҳмияҳо бадастомадаро истифода мебарад» ё «фоидаи аз фаъолияти ширкат ба даст омадаро мавриди истифода қарор медиҳад».

Ин ҷавобҳо саҳеҳанд, вале дар соҳибкорӣ вазъиятҳое ба миён меоянд, ки имконот нокофианд. Масалан, ҳангоми таъсиси ҷамъияти саҳомӣ ба муассисон маблағ пеш аз он, ки саҳмияҳо ба фурӯш бароянд, зарур аст: саҳмияҳоро чоп кардан, рекламаро ба роҳ мондан, барои идора бино иҷора гирифтан лозим аст.

Ё мисоли дигар. Ширкат фаъолият мекунад ва фоида мегирад. Баъд аз чанде соҳибони ширкат оид ба васеъ кардани он қарор қабул мекунанд, вале фоида барои анҷом додани ин кор камӣ мекунад.

Пас, ҳам дар вазъияти якум ва ҳам дар вазъияти дуюм боз ягон имкон ё манбаъҳои маблағгузорӣ зарур аст. Кадомҳо? Агар ба шумо пул даркор шавад, аз ҳамсояҳо ё хешон қарз мегиред. Ширкате, ки масалан, ҳавопаймо истеҳсол мекунад, аз кӣ қарз гирифта метавонад? Албатта, шумо медонед, ки бонкҳо мавҷуданд, вале онҳо пулро чӣ тавр, ба кӣ ва бо кадом шарт медиҳанд? Дар соҳибкорӣ ҳамаи манбаъҳои маблағгузориро ба ду қисм–дохилӣ ва берунӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дохилӣ аз фоида ва пардохти муассисон ва беруна аз қарзи бонк, давлат, ширкатҳои дигар, қарзи тиҷоратӣ ва ғ. иборат аст.




**Расми 10.** *Манбаъҳои асосии маблаггузории корхона*

Манбаъҳои дохилӣ манбаъҳоеанд, ки дар «дохил»-и ширкат ҷойгиранд. Манбаи асосии дохилии маблағгузории ширкат фоидаи он ба ҳисоб меравад. Фоидаи ширкат ин фарқи байни даромаду хароҷоти он мебошад:

Ф = Д – Х (Ф – фоида; Д – даромад; Х – хароҷот)

Ин формуларо ба таври зерин низ навиштан мумкин аст:

Ф=Н – Х, ки дар ин ҷо Н – нархи моли фурӯхта аст.

Бузургии Ф-ро дар формулаи Ф=Н-Х иқтисодчиён фоидаи умумӣ меноманд. Як қисми ин фоида ба пардохти андоз сарф мешавад. Як қисми дигараш ҳамчун "фоизи" бонк масраф мегардад. Маблағе, ки баъди пардохти ҳамаи андозу маблағҳои ҳатмӣ аз фоидаи умумӣ боқӣ мемонад, маблағи бақия ё фоидаи соф номида мешавад. Онро барои маблағгузории соҳибкор, аз ҷумла сохтмони бинои нав ё таъмири бинои кӯҳна, харидани мошин, компютер ё ҳатто гузаронидани як қатор тадқиқоти илмӣ сарф кардан мумкин аст. Як қисми фоидаи мазкурро соҳибкор барои ҳавасмандгардонии кормандон, яъне ба онҳо додани мукофот бар иловаи моҳона истифода карда метавонад.

Манбаъҳои берунаи маблағгузориро дида мебароем:

**Ширкатҳои дигар.** Ширкате, ки воситаҳояш нокифоя аст, метавонад шариконеро ёбад, ки ҳамин хел масъала доранд. Шарикон

бизнеси якҷоя ташкил карда, имкони аз ҳудуди ширкати умумӣ набаромада васеъ кардани захираҳои молиявиро пайдо мекунанд.

Баъзе ширкатҳо ё иттиҳодияи ширкатҳо мумкин аст ба ҷамъиятҳои саҳомӣ табдил дода шаванд.

**Бонкҳо.** Агар ширкат бо дигар ширкатҳо муттаҳид гардида, барои инкишофаш воситаҳои иловагӣ ҷустан нахоҳад ё натавонад, онро аз бонк «қарз» мегирад.

Бонк – ташкилоти тиҷоратиест, ки дар ихтиёр воситаҳои пулӣ дорад ва метавонад бо шартҳои махсус онҳоро ба ширкат диҳад. Чунин муомилаи байни бонку ширкат қарзи бонк номида мешавад. Ғайр аз қарзи бонк, дар бизнес боз як намуди қарз мавриди истифода қарор мегирад. Ин қарзи тиҷоратӣ аст. Онро ба якдигар ширкатҳо дар шакли фурӯши мол бо мавқуфгузории пардохт пешниҳод мекунанд.

**Давлат.** Давлат ба корхонаҳои сектори давлатӣ дар шакли маблағгузории бевосита восита ҷудо мекунад. Дар ин сурат фоидаи фаъолияти ин ширкатҳо ба давлат тааллуқ дорад. Давлат, ҳамчунин, ба ширкатҳо метавонад воситаҳои худро дар намуди субсидияҳо пешниҳод кунад. Ин маблағгузории ҷузъӣ ба фаъолияти ширкатҳо мебошад. Боз як шакли маблағгузории фаъолияти ширкатҳо ин супориши давлатӣ аст. Давлат ба ширкат супориш медиҳад, ки ин ё он маҳсулотро тайёр кунад ва худро харидор эълон менамояд.

**Тайёркунандаи маҳруки таълим.** *Мутахассисест, ки “маршрут”-и таълими ихтисосҳои нави бахшҳои аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳодшударо эҷод мекунад, инчунин дастгоҳи машқ, ҳавасмандкуниҳо, муддати таҷрибаҳосилкунӣ ва ғайра дар асоси онҳо роҳи махсуси таълим бо назардошти психотип, қобилиятҳо ва мақсадҳои одами алоҳида коркард мешавад. Сифатҳои шахсият: тафаккури низомманд, иртиботи байни соҳавӣ, кор бо одамон, роҳбарӣ ба проектҳо, малакаҳои эҷодиёти бадеӣ, барноманависӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ.*

*Мутобиқшавӣ ба шароити бозор, санадҳои меъёрӣ, бақайдгирии корхона, молия, тиҷорат, хизматҳо, фоида аз фурӯши саҳмияҳо, манбаъҳои дохилӣ, манбаъҳои беруна, бонкҳо, ширкатҳо.*

## *КОРИ АМАЛӢ*



*Сармояи оинномавӣ – миқдори муайяни маблаге, ки барои таъсиси корхона ё фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст.*

*Дар асоси ягон намуди фаъолияти соҳибкорӣ муайян намоед:*

*1. Андозаи сармояи оинномавиро, ки барои фаъолият зарур аст.*

*2. Шумо сармояи оинномавиро аз куҷо дастрас карданиед?*

***Ин аҷиб аст***

*Барои он ки мутахассиси хуб дар соҳаи муайян бошем, лозим аст, ки на одам касбро интихоб кунад, балки касб одамро. Танҳо он вақт мувофиқати воқеӣ ҳосил мегардад ва самара ва дилбастагӣ мушоҳида мешавад. Ҳамаи касбҳо (аз фаррош то кайҳонавард) барои ҷамъият заруранд.*

***Савол ва супориш:***



*1. Манбаъҳои маблаггузории корхона кадомҳоянд?*

*2. Эҷодкорона оид ба омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти корхона маълумот диҳед.*

*3. Марҳалаҳои ташкили корхонаро номбар кунед.*

## 5. ЗАХИРАҲО ВА ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ

Чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, соҳибкор ба моликияти худ такя карда, истеҳсоли мол ё хизматро ба роҳ мемонад. Дар ҳамаи форматсияҳои иқтисодӣ барои истеҳсолоти дилхоҳ захираҳо заруранд. Захираҳо маҷмуи қувваҳои табиӣ, моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошанд, ки дар раванди истеҳсолот барои тавлиди молу хизматҳо истифода мешаванд.

Ҳамаи захираҳо ба табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ҷудо мешаванд.

Захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ захираҳое мебошанд, ки бе онҳо истеҳсолот вуҷуд дошта наметавонад. Бинобар ин,

онҳоро захираҳои базавӣ меноманд. Захираҳои молиявӣ дар шароити бозор ба миён меоянд ва истеҳсолӣ номида мешаванд. Агар ин тавр бошад, «омилҳои истеҳсолот» чӣ маъно доранд? Фарқи онҳо аз «захираҳои истеҳсолот» дар чист?

Захираҳои истеҳсолотро тавсиф намуда, қайд кардан лозим аст, ки ҳамаи он чизе, ки мумкин аст ба раванди истеҳсолот ҷалб шавад, захира ба шумор меравад. Омилҳои истеҳсолот захираҳое мебошанд, ки ба раванди истеҳсолот воқеан ҷалб шудаанд. Пас, «захираҳои истеҳсолот» нисбат ба «омилҳои истеҳсолот» мафҳуми васеътар аст. Баръакси захираҳо, омилҳо танҳо дар раванди истеҳсолот, ҳангоми таъсири мутақобила бо ҳам ба омил табдил меёбанд. Бинобар ин, истеҳсолот ҳамеша таъсири мутақобилаи омилҳо мебошад. Се омили асосии истеҳсолот вуҷуд дорад: замин, меҳнат, сармоя.

**Диққат:** Омилҳо аллакай кор мекунанд.
Захираҳо кор карда метавонанд.

1. Замин дар соҳаи истеҳсолот аҳаммияти сегона дорад:

а) замин чун манбаи захираҳои табиӣ дар раванди истеҳсолот мавриди истифода қарор мегирад;

б) замин чун объекти хоҷагидорӣ (дар соҳаҳои кишоварзӣ, истихроҷ, моҳипарварӣ ва ғайра), ҳамзамон, ҳамчун предмети меҳнат ва ҳам воситаи меҳнат баромад мекунад;

в) Он чун объекти моликият (иҷора додани замин).

2. Меҳнат. Аҳолии қобили меҳнат он қисми ҷамъият аст, ки бевосита дар раванди истеҳсолот ширкат мекунад. Меҳнаткашон қобилияти кории худро мефурӯшанд. Ин омил омили меҳнат, ҳамчунин соҳибкориро чун фаъолияте дар бар мегирад, ки қобилияти ташкили истеҳсолот, маҳорати сарфаҳм рафтани шароити бозор ва таваккал (риск) карданро тақозо мекунад. Соҳибкор низ меҳнат мекунад.

Низоми таъсири мутақобилаи се омил: меҳнат, замин ва сармоя  раванди истеҳсолотро ташкил мекунад.

**Захираҳои истеҳсолот**

- Табиӣ – қобили истифода бурдан дар истеҳсолот аст. Инҳо неру ва моддаҳои табиие мебошанд, ки ба захираҳои баохиррасандаю баохирнарасанда*, барқароршавандаю барқарорнашаванда тақсим мешаванд (замин, об, ҷангал, маъданҳои гуногун ва ғайра).
- Моддӣ – захираҳое, ки бо меҳнати инсон сохта шудаанд: таҷҳизот, дастгоҳҳо, компютерҳо, биноҳои истеҳсолӣ, воситаҳои нақлиёт, масолеҳе, ки неъматҳои ба инсон зарур аз онҳо сохта мешаванд ва ғайра.
- Меҳнатӣ – аҳолӣ дар синну соли қобили меҳнат. Ин қобилиятҳои модарзодии мо, донишҳое, ки мо дар вақти таҳсил андухтем, неруи дасту бозу, хотираю хирад аст.
- Молиявӣ – воситаҳои пулӣ барои ташкили истеҳсолот.

*Расми 11. Захираҳои истеҳсолот*

* Мутаассифона, таҷрибаи даҳсолаҳои охир нишон дод, ки ҳатто об, замин, ҳаворо низ алҳол захираҳои ба охир нарасанда номидан мумкин нест.

Соҳибкор шахси нававвар, меҳнатдӯст, бовиҷдон, дорои маданияту фарҳанги баланд, ақлу заковати баланд мебошад. Ӯ молу хизматҳои нав истеҳсол мекунад, барои нисбатан самарабахш истифода бурдани захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ комёбиҳои нави илму техника ва технологияҳои ҳозиразамони истеҳсолиро ҷорӣ месозад, шароити меҳнатро такмил медиҳад, ба таъсиси ҷойҳои нави кор мусоидат мекунад. Ба ибораи дигар, ӯ дар комбинатсияҳои гуногун омилҳои истеҳсолотро омехта мекунад.




**Расми 12.** *Захирҳои корхона*

**Тютор** *(аз калимаи tutor – роҳбар, раҳнамо, мураббӣ). Педагоге, ки инкишофи фардии хонандагонро дар чорчӯбаи фанҳо, ташаккули барномаи таълимӣ, коркарди вазифаҳои фардӣ, пешниҳоди маҳруки инкишофи ихтисосро ҳамроҳӣ мекунад. Сифатҳои касбӣ: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, кор бо одамон, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, муносибати хайрхоҳона ба мизоҷ нигаронидашуда.*

*Истеҳсолот, захираҳои истеҳсолӣ, омилҳои истеҳсолот.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*Соҳибкор қарор медиҳад ширкати нонпазӣ кушояд. Захираҳои зарурии корхонаро муқаррар кунед.*

**Ин аҷиб аст**

*Ҷаҳишҳои ҷадиди технологӣ сабаби аз байн рафтани касбҳои зиёд гардида, ҳамчунин барои пайдо шудани касбу ихтисосҳои нав замина мегузоранд. Ин раванд бисёртар ба меҳнат рабт дорад. Масалан, ба косибони кафшҳои чӯбин ҳоло талабот мавҷуд набуда, лекин ба мутахассисони физикаи ядроӣ ва биологҳои кайҳонӣ талабот ба вуҷуд омадааст.*

**Савол супориш:**

1. *Оилаи шумо аз кадом захираҳо бархӯрдор аст?*
2. *Маҳалле, ки дар он шумо зиндагӣ мекунед, кадом захираҳо дорад?*
3. *Кадоме аз ин захираҳо ба омили истеҳсолот табдил ёфтаанд?*
4. *Кадом намудҳои сарфаи захираю омилҳои истеҳсолотро шумо медонед?*
5. *Нақши соҳибкор дар истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолот дар чӣ возеҳу равшан мегардад?*
6. *Оид ба мазмуни фаъолияти касби тютор эҷодкорона маълумот диҳед.*

## 6. ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ: НАҚШАИ ИСТЕҲСОЛОТ

Барои корхонаҳое, ки ба қатори корхонаҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд, ба бизнес-нақша, ҳамчунин, нақшаи истеҳсолии бодиққат таҳиякардаро, ки тавсифи пурраи ҳамаи раванди истеҳсолиро дар бар мегирад, дохил кардан лозим аст.

Раванди истеҳсолӣ дар корхона аз низоми амалиёте иборат аст, ки онҳо ба табдил ёфтани ашёи хом ба маҳсулоти тайёр ё нимтайёр нигаронида шудаанд. Раванди технологӣ қисми таркибии ҷудонашавандаи раванди истеҳсолӣ мебошад.

Истеҳсолотро ба марҳалаҳо ҷудо кардан мумкин аст. Марҳалаҳои истеҳсолот ҳамеша новобаста аз намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда паси ҳам тибқи тартиби муайян меоянд.

**Марҳалаи 1.** Анборкунӣ. Дар ин марҳала масолеҳ ва ҷузъиётро харида, ба анбори ашёи хому масолеҳ ҷойгир мекунанд. Дар анбор онҳоро тафтиш карда, то лозим шуданашон нигоҳ медоранд.

**Марҳалаи 2.** Коркард. Ашё ва масолеҳро коркард мекунанд, масалан, мебуранд, ранда мекунанд, арра мекунанд, медӯзанд.

**Марҳалаи 3.** Васл кардан. Ҷузъиётро васл карда, маҳсулоти тайёр ҳосил мекунанд. Дар мавридҳое, ки маҳсулоти одитарин, масалан, тахтача ё хатчӯб тайёр мекунанд, васл кардан зарурате надорад.

**Марҳалаи 4.** Ороиш ё пардоз. Ороишу пардоз молро назаррабо мекунанд. Ороишу пардоз, маъмулан, тоза кардан, шустан, ранг кардан, часпондан ва ғайраро дар бар мегиранд.

**Марҳалаи 5.** Назорат. Мақсади ин марҳалаи истеҳсолот кафолат додани дурустии тайёр кардани маҳсулот ва омодагии он барои ирсол кардан ба харидор аст. Назорат, пеш аз ҳама, назорати сифати мол мебошад.

**Марҳалаи 6.** Бастабандӣ ва анборкунӣ. Агар зарурат бошад, маҳсулоти тайёрро бастабандӣ карда, ба анбори маҳсулоти тайёр ё бевосита ба харидор мефиристанд.

Дар нақшаи истеҳсолӣ овардани схемаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ, номгӯйи техника ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, ашёи хому масолеҳ бо сабти таҳвилгарони ҳар як номгӯй ва арзиши тақрибӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамчунин, инвентаризатсияи захираҳои (фондҳои) истеҳсолиро гузаронидан, яъне таҳия кардани номгӯйи ҳамаи техника, таҷҳизот, васоиту асбобҳои ёрирасон ва муқоиса кардани он бо миқдори барои кори муътадили корхона зарурӣ ҳатмӣ аст. Натиҷаи инвентаризатсияро дар шакли ҷадвал нишон додан беҳтар аст (ҷадвали 1). Захираҳои истеҳсолиро, ки намерасад, харидан ё иҷора гирифтан мумкин аст. Ин қарорро соҳибкор қабул мекунад.

Умуман, дар нақшаи истеҳсолӣ бояд ҷанбаҳои ба қадри кофӣ ҷиддии фаъолияти корхонаи оянда инъикос гардад. Бинобар ин, ба таҳлили ҷанбаҳои мазкур ҷиддӣ муносибат кардан лозим аст.

Барои мисол, нақшаи истеҳсолии корхонаи мактабии «Усто»-ро меорем, ки болғаҳои бачагона месозад.

Раванди истеҳсоли болғаи бачагона марҳалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Овардану ба анбор гузоштани ашёи хому масолеҳ;
- Тайёр кардани ҷузъиёти алоҳида;
- Васл кардан;
- Назорати сифат;
- Нигоҳдорӣ дар анбор.

Шакли нақшаи устохонаҳои таълимӣ ва схемаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ чунин аст:




Анбори ашёи хом ва масолеҳ, ҳамчунин, маҳсулоти тайёр:

1. Дастгоҳи рандаю арракунанда (барои буридани чӯбу тахта ва фанера);
2. Мизи кории (верстак) дуредгар (коркарди ҷузъиёт ва васл кардани болғача)
3. Дастгоҳи сӯрохкунанда (барои сӯрохиҳо)
4. Шиканҷаи челонгарӣ
5. Мизи рангкории маҳсулоти тайёр
6. Ҷойи кори омӯзгор (санҷиши сифат).

***Инвентаризатсияи фондҳои истеҳсолии корхонаи мактабии «Усто»***

| Номгӯй | Миқдор | | | Арзиш | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Барои кор зарурӣ | Мавҷуд аст | Харидан лозим | Харид | Иҷора |
| **Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон**<br>1. Дастгоҳи рандаю арракунанда | 1 | - | 1 | - | 50 сомонӣ дар як моҳ |
| 2. Дастгоҳи дуредгарӣ | 12 | 12 | - | - | - |

| Номгӯй | Миқдор | | | Арзиш | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Барои кор зарурӣ | Мавҷуд аст | Харидан лозим | Харид | Иҷора |
| 3. Дастгоҳи сӯрохкунанда | 1 | 1 | - | - | - |
| 4. Гираи челонгарӣ | 2 | 2 | - | - | - |
| 5. Қолаб | 2 | - | 2 | худсохт | - |
| **Асбобҳо**<br>1. Хаткашаки миқдорӣ | 12 | 8 | 4 | 4*2=8сом | - |
| 2. Паргор | 12 | 12 | | - | - |
| 3. Гунё | 12 | 12 | | - | - |
| 4. Хаткашак | 12 | 12 | | - | - |
| 5. Қалам | 12 | 12 | | - | - |
| 6. Сунба (кирнер) | 12 | 12 | | - | - |
| 7. Болғаи чӯбин | 12 | 12 | | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8. Болғаи челонгарӣ | 12 | 12 | | - | - |
| 9. Ранда | 12 | 12 | | - | - |
| 10. Дастарра | 12 | 12 | | - | - |
| 11.Қайчии челонгарӣ | 12 | 12 | | - | - |
| 12. Пармаи қ.2мм | 2 | 2 | | - | - |
| 13. Винтоб | 2 | 2 | | - | - |
| 14. Мӯқалам | 12 | 12 | | | - |
| Дигар хароҷот | 2 | - | 2 | 8 сом | - |
| Ҷамъ | | | | 18 сом | 50 сомонӣ дар як моҳ |

***Тартиби пур кардани ҷадвали 1. «Инвентаризатсияи фондҳои истеҳсолӣ»:***

1. Дар сутуни якуми «Номгӯй» номи ҳамаи асбоб, таҷҳизот, асбобҳои ёрирасон, ки барои ба роҳ мондани истеҳсоли болғаҳои бачагона зарур аст, навишта мешаванд. Номгӯй аз харитаҳои қаблан таҳиягардида гирифта мешавад.

2. Миқдори ҳар як номгӯй, ки барои кор зарур аст (сутуни ду) аз ҳаҷми корхонаи таъсисшаванда, ҳамчунин, тарзи истеҳсоли он (бо типи истеҳсолот омехта накунед) вобаста аст. Дар мисоли мо миқдори таҷҳизот, асбобҳои ёрирасон ва асбобҳои дигари барои кор зарурӣ дар мавриди 12 нафар будани коргарон ва тарзи инфиродии истеҳсолот, яъне баровардани болғаҳои бачагона ҳар коргар вазифаашро аз аввал то охир мустақилона иҷро мекунад.

3. Миқдори таҷҳизоту асбоби мавҷуда (сутуни сеюм) дар асоси мавҷудияти онҳо дар устохонаҳои таълимӣ пур карда мешавад.

4. Агар дар устохонаи таълимӣ ягон асбоб ва таҷҳизот набошад (ё миқдораш кам бошад), ин ҳолат бояд дар сутуни чорум «харидан даркор» зикр шавад. Ҳамчунин, бояд сабт гардад, ки чанд асбоб намерасад.

5. Харидан ё ба иҷора гирифтани фондҳои истеҳсолиро, ки намерасад, дар асоси зарурати иқтисодии харид ё иҷора худи соҳибкор ҳал мекунад. Зимнан, донистан муҳим аст, ки арзиши тахминӣ ё иҷораи тахминии он чанд сомонӣ аст. Масалан, дастгоҳи рандаю арракунанда хеле қимат аст, бинобар ин, мо иҷораи онро бо нархи 50 сомонӣ дар як моҳ пешбинӣ кардем. Хаткашаки микёсӣ ва мӯқалам он қадар ҳам гарон нестанд, бинобар ин, мо 18 сомонӣ сарф карда, онҳоро мехарем.

Дар нақшаи истеҳсолӣ ҳисобу китоби захираи ашёи хому масолеҳ (нимтайёр, ҷузъиёт), ки бояд дар анбор бошад, зикр мешавад. Муҳим аст, ки захираи ҳар номгӯй ба қадри кофӣ бошад. Агар захира кам бошад, эҳтимоли таваққуфи истеҳсолот ба миён меояд. Агар захира зиёд бошад, пул бекор банд шуда меистад, ҳол он ки ин пулро босамаратар дар ҷойи дигар истифода бурдан мумкин аст.

*Ҷадвали 2.*

**Ашёи хом, масолеҳ ва таҳвилгарони онҳо**

| Номгӯйи ашёи хом ва масолеҳ | Микдор (захираи корӣ) | Нархи як воҳид | Таҳвилгар (ном, суроға) | Шарти таҳвил |
|---|---|---|---|---|
| 1. ДВП | 4 сом/варақ | 24 сом/варақ | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |
| 2. Чӯбу тахта (навъи гуногун) S=25мм | 0,5 м3 | 180 сом. | Мағоза «Масолеҳи сохтмон | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |
| 3. Тунука S=0,6мм | 10 кг | Партов бепул | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |
| 4. Мех | 2 кг | 8,5 сом./кг | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. Шуруп | 0,5 кг | 10 сом/кг | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |
| 6. Шайба | 0,2 кг | 8 сом/кг | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |
| 7. Олифа | 6 кг | 28 сом/кг | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |
| 8. Ранг | 6 кг | 30 сом/кг | Мағоза «Масолеҳи сохтмон» | Пешпардохт, боркашонӣ аз ҷониби харидор |

Дар ҷадвали 3 захираи кории ашёи хому масолеҳ барои устохонаи мактабии «Усто» аз ҳисобу китоби се моҳи аввал оварда шудааст. Дар он, ҳамчунин, нарх, таҳвилгар ва шарти таҳвил зикр гардидааст.

Ҳосилнокии меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини самарабахшии истеҳсолот мебошад. Он аз рӯйи миқдори маҳсулоте, ки дар як воҳиди вақт (дар як соат ё як баст) ба вуҷуд оварда шудааст, ҳисоб мешавад. Роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат инҳоанд:

1. Махсусгардонӣ ва тақсими меҳнат, ки дастоварди олии он конвейер аст. Дар айни ҳол, ҳар нафар дар ҷойи кориаш фақат амали худро (як қисми корро) тез ва босифат иҷро мекунад. Тайёр кардани болғаи бачагонаро низ ба конвейер гузоштан мумкин аст: як қисми коргарон танҳо қисми асосии болғаро месозанд, коргарони дигар дастаашро, баъзеҳо дастаро ба қисми асосӣ мечаспонанд ва ғайра. Вале барои чунин ташкили кор схемаи ҷараёнҳои истеҳсолиро дақиқ фикр карда, амалҳои алоҳидаро байни коргарон тақсим намудан лозим аст.

2. Баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон. Мутахассиси хуб ҳамеша корро хубтару беҳтар иҷро мекунад, бинобар ин, соҳибкор барои таълиму омӯзиши коргарон набояд маблағро дареғ дорад.

3. Истифодаи комёбиҳои пешрафти илму техника. Дастгоҳҳои баландтехнологияи ҳозирарамон ва хатҳои автоматиконида ҳосилнокии меҳнатро садҳо баробар боло мебардоранд. Албатта, нархи ин дастгоҳҳо хеле баланд аст, вале харҷи хариди онҳо хеле зуд бароварда мешавад.

4. Ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандон ба натиҷаи меҳнат. Низоми дуруст мулоҳизашудаи пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии маънавӣ ба баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолот мусоидат мекунад.

Ҳамаи роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат барои соҳибкор маълум аст ва бояд то ин ё он андоза дар бизнес-нақша инъикос ёбанд.

Дар шароити устохонаҳои мактаб ҳосилнокии меҳнатро аз ҳисоби истифодаи қолабҳо ва тақсими меҳнат баланд бардоштан мумкин аст.

Дар оянда дастгоҳи арраю рандакунанда харидан лозим аст. Корхонаи мактабии «Усто» дар як моҳ ҳамагӣ 100 болғаи бачагона истеҳсол карда метавонад.

Мо мефаҳмем, ки мисоли барои тарзи инфиродии истеҳсолот овардаи мо аз ҳама ҷиҳат комил нест. Масалан, устохона самарабахшии баланди меҳнатро таъмин карда наметавонад. Самарабахшии истеҳсолот ба таносуби натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва захираҳои моддию меҳнатии ба он харҷшуда муайян карда мешавад.

Дар нақшаи истеҳсолӣ, ҳамчунин, оид ба арзиши аслии маҳсулоти ояндаояндабинӣ ё пешгӯйии муқаддамотӣ бояд сурат бигирад. Ин вазифа ҳарчанд вазифаи содаю одӣ нест, вале соҳибкори навкор аз уҳдаи он баромада метавонад.

**Медиатор** *(лотинӣ mediator – миёнарав)-и ихтилофҳои иҷтимоӣ – мутахассисе мебошад, ки ихтилофоти байни гурӯҳҳои иҷтимоиро, ки вобаста ба сабаби молу мулк, маданият, миллат, дин ва ғайра ба вуҷуд омадааст, бе истифода аз зӯроварӣ ҳал мекунад. Сифатҳои шахсӣ: кор бо одамон, тафаккури низомманд, забондонӣ, маданиятнокӣ, фаъолият дар шароити номуайянӣ, донистани асосҳои равоншиносӣ*.

*Раванди истеҳсолӣ, марҳалаҳои истеҳсолот, самарабахшии истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, махсусгардонии меҳнат, тақсими меҳнат, инвентаризатсия, фондҳои истеҳсолӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*Нақшаи истеҳсолии корхонаи худро тартиб диҳед. Дар он бояд вазифаю масъалаҳои зерин кушода дода шавад:*

*1. Тавсифи пурраи тамоми раванди истеҳсолӣ аз овардани ашёи хом то дар анбор захира кардани маҳсулоти тайёр.*

*2. Тартиб додани схемаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ (дар шакли графикӣ бештар қобили қабул аст).*

*3. Нишон диҳед, ки барои корхона кадом техникаю таҷҳизот ва асбоб зарур аст; чӣ ҳаст ва чиро дар навбати аввал харидан ё иҷора гирифтан лозим аст; пули харид ё иҷора чанд сомонӣ мешавад (ниг. ҷадвали 3).*

*4. Кадом навъи ашёи хому масолеҳ барои корхона зарур аст; таҳвилгари ашёи хому масолеҳ кист ва нархаш чанд сомонӣ аст? (ниг. ҷадвали 2).*

*5. Агар корхона инкишоф ёбаду васеъ шавад, дар оянда кадом таҷҳизот зарур мегардад?*

*6. Роҳҳои ҳалли баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнатро номбар кунед.*

*7. Имконоти истеҳсолии корхонаро зикр намоед, нишон диҳед, ки дар як рӯз, як моҳ, як сол он чанд воҳид маҳсулот истеҳсол карда метавонад?*

*Соҳибкор қарор медиҳад ширкати нонпазӣ кушояд. Захираҳои зарурии корхонаро муқаррар кунед.*

**Ин аҷиб аст**

*Аз ҳама касби нодир дар ҷаҳони муосир устои таъмиргари соатҳои манораӣ мебошад. Дар ҷаҳон танҳо якчанд мутахассисони хуби ин гуна механизми қадима мавҷуд буда, онҳо ҳамеша бо кор ва музди хуб таъмин мебошанд.*

**Савол ва супориш:**

*1. Раванди истеҳсолӣ чист?*
*2. Раванди истеҳсолӣ аз раванди технологӣ чӣ фарқ дорад?*
*3. Эҷодкорона пайдарпайии амалигардонии марҳалаҳои асосии истеҳсолотро номбар кунед.*
*4. Роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самарабахшии истеҳсолот кадомҳоянд?*
*5. Оид ба касби медиатор маълумот диҳед.*

# БОБИ II.

## АСОСҲОИ ТАРҲРЕЗИИ МАСНУОТ

Ба гирду атроф назар андозед, гирду атрофатонро ашё ва падидаҳои зиёди бо дасти инсон офаридашуда фаро гирифтааст: хона, мошин, либос, бозича, ҷавоҳирот, лавҳа, мағоза, манзара ва ғайра. Ҳар рӯз шумораи онҳо афзоиш меёбад, хизматрасониҳои нав, маводди қаблан номаълум, технологияҳои аслӣ ва истеҳсоли онҳо зиёд мешаванд. Бисёре аз навовариҳо бо сохтори оқилона, содагии худ моро ба ҳайрат мегузоранд ва баъзан уфуқҳои имконоти наврo барои мо мекушоянд.

Оё шумо боре фикр кардаед, ки навоварӣ ва нотакрор будани объектҳои офаридаи маданияти моддӣ чӣ маъно дорад? Ҳар кадоми онҳо барои мол шудан бояд якбора ба якчанд талабот: фоиданокӣ, нисбатан сода ва арзон будани истеҳсол, бехатарии экологӣ, эстетикӣ ва ғайра ҷавоб диҳанд. Аммо чӣ тавр дар як ашё ҳамаи ин сифатҳоро метавон муттаҳид намуд?

Ба ин саволи душвор тарроҳ посух дода метавонад.

Аз ин рӯ, мо кӯшиш мекунем, ки ҳадди ақал як муддат ҳамчун дизайнер фикр ронем.

Тарроҳ бояд бо доштани нигоҳи дақиқи худ нисбати муҳити атроф аз дигарон фарқ кунад. Зеро ӯ дар як вақт бо чашми якчанд мутахассис, ҷамъиятшиносу муҳандис, рассому иқтисодчӣ, равоншиносу эргоном ва бо чашмони худи шахсе, ки таҷриба, завқ ва ғ. дорад, назар мекунад. Дар баробари ин, тарроҳ объектҳоеро меофарад, ки мо ба сифати онҳо бо тамоми доираи арзёбиҳо ва бархӯрдҳо, шавқу ҳавас, таҷриба ва хаёлоти худ баҳо медиҳем.

Дизайн чист? Дизайн аз калимаи англисии “design” иқтибос шуда, ба маънои “банақшагирӣ”, “расм”, “лоиҳа” истифода мегардад. Ин истилоҳест, ки намудҳои гуногуни фаъолиятҳои тарроҳиро ифода карда, ба ташаккули сифатҳои эстетикӣ ва функсионалии муҳити объективӣ, яъне муҳити атроф нигаронида шудааст.

## 7. ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҲРЕЗИИ МУОСИР

Зарурати тарҳрезӣ дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки технологияҳои аз таҷрибаи қаблӣ маълумро барои ҳалли мушкилоти нав ё мушкилоти маълум дар шароити нав татбиқ кардан ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин, барои амалӣ гардонидани қарори идеалӣ ҳамеша захираҳо намерасанд. Ин моро водор мекунад, ки дар байни имконоти зиёде барои расидан ба ҳадаф бо кам кардани хароҷот роҳҳои мувофиқро ҷустуҷӯ кунем. Лоиҳа ва банақшагирӣ ҳамчун раванди эҷодии ҷустуҷӯйи ҳалли асоснок ва далелҳо дар робита бо шароит ва ҳадафҳои интихобшуда мебошад. Дар айни замон, интихоби ҳадафҳо аксар вақт қисми муҳимми лоиҳа мебошад.

Дизайн ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна соҳаи фаъолияти инсон (техникӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, педагогӣ, бадеӣ) мебошад.

Дизайн ба талаботи зерин асос ёфтааст:

- бе таҳлили тамоми унсурҳои мушкилот, вазъият қарор қабул накунед;
- усули озмоиш ва хаторо оқилона нашуморед;
- ҳар як саволро ба қисмҳо тақсим кунед, то ҳалли он осон шавад;
- кӯшиш кунед, ки қонуниятҳоро муқаррар кунед, ҳатто дар он ҷое, ки пайдарпайии равшан ва табиӣ вуҷуд надорад;
- ба ҳар як масъала ҳаматарафа ва мунтазам муносибат кунед;
- ба назар гиред, ки ҳамаи қарорҳои пешниҳодшуда ҳуқуқи мавҷудият доранд, аммо дар байни онҳо қарорҳое ҳастанд, ки ба шароит, вазифа ва мақсади объекти конкретӣ бештар мувофиқанд.

Ҳама гуна лоиҳа ҳуҷҷати коммуникатсионӣ мебошад, яъне паёми муаллифон ба одамони дигар, ки бояд мавқеъ ва далелҳои ҳалли пешниҳодшударо фаҳманд ва ё лоиҳаи пешниҳодшударо амалӣ созанд. Лоиҳае, ки дар шакли васоити коғазӣ ё электронӣ бо калимаҳо ва диаграммаҳо пешниҳод шудааст, маҳсули зеҳнии муаллифон (таҳиягарон) мебошад. Асоси ин маҳсулот бояд боварибахш бошад, яъне ба ақидаҳо, назарияҳо ва фарзияҳои илмии қабулшуда мувофиқ бошад ва дар ҳар сурат бо онҳо зиддиятҳои ҳалнашаванда ворид нагардад. Фаъолияти лоиҳаро

метавон воситаи инкишофи тафаккур ва худтаълимӣ, аз ҷумла, касбӣ ҳисоб кард.

Он бо тарҳрезӣ ва истифодаи репродуктивии ҳалли қаблан пайдошуда, такрори маълум ҳеҷ иртиботе надорад. Тарҳ ҳамчун як намуди эҷодкорӣ болоравӣ, рушди диалектикӣ, ҳаракат аз куҳна ба нав, аз маълум ба номаълум, аз ҳолати ғайриқаноатбахш ба ҳолате мебошад, ки талаботи нави на танҳо истеҳсолот, балки одамони ҷамъиятро низ қонеъ мегардонад.

Агар қаблан лоиҳаҳо дар доираи ихтисоси маҳдуд мувофиқат мекарданд, пас, дар 30-40 соли охир (эҳтимол бо пайдоиши дизайн) лоиҳакашии бонизом, ҳамгиро ва байнисоҳавӣ маъмул мегарданд. Ҳангоми ҳалли вазифаи асосӣ — беҳтар кардани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти истеҳсолӣ омилҳои техникӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, эргономикӣ ва ҳатто оқибатҳои татбиқи навовариҳо ба назар гирифта мешаванд. Гузашта аз ин, бисёр лоиҳаҳо (дар соҳаи биология, тиб, техникаи ҳарбӣ, компютеризатсия, васоити ахбори омма) бояд ҷанбаҳои маънавию ахлоқиро дар бар гирифта, барои омма «шаффоф» бошанд.

Тамоюли назаррас дар лоиҳакашии муосир ба назар гирифтани "омили инсонӣ", яъне огоҳӣ аз он аст, ки ҳама гуна лоиҳа махсус ба шахс, бо хусусиятҳои хосси психологӣ, антропометрӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ нигаронида шудааст.

Қонунҳои тартиб додани лоиҳакашии бадеӣ. Дар лоиҳакашӣ ва тавлиди муосири маснуот эстетика аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Ба ин инкишофи технология, рақобат дар бозори мол, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии одамон мусоидат меку-над. Имрӯз барои инсон муҳим аст, ки ашёи гирду атрофаш эстетикӣ, зебо бошанд. Инсон дар эҷодиёти худ аз табиат ибрат мегирад, ба самти зебоӣ ҳамеша кӯшиш мекунад.

Мо зебоиро аз рӯйи кадом меъёрҳо арзёбӣ мекунем? Дар ин маврид сухан дар бораи қонунҳои созгорӣ ё хушоҳангӣ меравад, ки яке аз онҳо қонуни ягонагии шаклу мазмун мебошад. Шакл ва мазмун якдигарро пурра мекунанд. Дар робита ба ороиши бадеӣ шакл зуҳуроти берунии маснуот ва мазмун сохтор ва мазмуни дохилию функсионалии он мебошад.

Дар ҳама гуна маснуот чизе ҳамчун чизи асосӣ ифода меёбад ва бояд ифода карда шавад ва чизе дуюмдараҷа аст. Чизи асосӣ дар намуди зоҳирии маҳсулот дар миқёси калонтар ва

дуюмдарачa дар унсурҳои хурд, вале бо ҳам алоқаманд тасвир карда шавад.

Маснуот бояд тавре сохта шавад, ки ҳамаи унсурҳои он мутаносиб бошанд, маснуот зебо ва яклухт бошад, то ки ҳама ҷузъҳо ва унсурҳои он бо ҳамдигар мувофиқ бошанд. Барои ба дизайни идеалии маснуот соҳиб шудан ба ҳамаи ин талабот бояд риоя намуд.

Таносуб асосан объективона ҷамъ карда щуда, ба сохти маснуот алоқаманд аст. Бесабаб нест, ки «шакл пурмазмун аст». Мутаносибӣ бо роҳи тақсим кардани шакл ба қисмҳо, масалан, дар самти амудӣ ва самти уфуқӣ ба даст меояд. Сифати мувофиқи таносубӣ дар сохтмони киштиҳо, чорчӯбаҳои бом, пешайвонҳо, дар истеҳсоли мизу курсӣ ва дигар маснуот зарур аст.

Симметрия яке аз хосиятҳои визуалии маснуот буда, одатан, маънои таъмини симметрияи меҳварӣ ё марказиро дорад.

Инсон дар тули асрҳо симметрияро дар табиат мушоҳида намуда, кӯшиш мекард, ки тартибу зебоӣ ва камолотро дарк ва эҷод кунад. Аксарияти ашёи гирду атрофи мо шакли симметрӣ доранд: мебел, асбобҳо, либос ва ғайра. Аммо симметрияи мутлақ дар табиат вуҷуд надорад. Дар баробари маҳсулоти симметрӣ, маҳсулоти асимметрии аз рӯйи шакл ва мундариҷа ба таври худ зебо мавҷуданд. Масалан, дар санъати Ҷопон асимметрия асоси шакли зебо ҳисобида мешавад.

Серамалиётӣ (динамизм)-и шакл бо таносуби қисмҳои таркибии он алоқаманд аст. Масалан, боли планёрро метавон тасаввур кард, ки аз қисмҳои алоҳидаи кӯндаланги мутаносибан камшаванда иборат аст.

Серамалиётиро шакли яктарафаи маҳсулот меноманд, ки гӯё фазоро ишғол мекунад. "Динамо" дар забони юнонӣ маънои "қувваи дар ҳаракат"-ро дорад. Серамалиётиро дар шаклҳои қаторахо, мошинҳо, планерҳо, ҳавопаймоҳо, делтапланҳо, қаиқҳо мушоҳида кардан мункин аст.

Статикӣ беҳаракат будани шакли предметро ифода мекунад. Маҳсулоти статикӣ, бар хилофи серамалиётӣ (динамизм), массаҳои калони объекти беҳаракат, шаклҳои симметрӣ, пресҳои вазнин, дастгоҳҳо, дастгоҳи дуредгарӣ, мизҳои корӣ мебошанд.

Контраст яке аз воситаҳои асосӣ дар таркиби маснуот мебошад. Контраст ин тазод, равшан кардани хосиятҳои гуногун дар маснуот аст, масалан; сиёҳу сафед, одӣ ва мураккаб, паст ва баланд, ҳамвор ва ноҳамвор.

Барои ифоданокӣ ва якпорчагии чунин маснуот, ба монанди ҷевони либос ва ҷевони зарф дараҷаи контраст аҳаммияти калон дорад. Масалан, дастакҳои хурди сиёҳ дар заминаи сафеди ҷевони ошхона, махсусан, контрастӣ ба назар мерасанд. Аммо вақте ки ин дастаҳо хеле зиёд мешаванд, таъсири контраст суст мешавад, тамоми таркиби маснуот камтар ифода меёбад. Инчунин, шарҳ дода мешавад, ки ҷузъиёти хурди торик бо замина на танҳо дар ранг, балки аз рӯйи андоза низ фарқ мекунад. Дар ин ҷо хурд ба калон муқобил аст.

Тавозуни шакли маснуот ҳолат аст, ки дар он ҳама унсурҳои рост ва чап бо ҳамдигар мувозинат мекунанд. Он ба тақсимоти массаҳои асосии қисмҳои таркибии маҳсулот нисбат ба марказ вобаста аст.

Ороиши ранги маснуот ҳам воситаи композитсия ва ҳам омили сифат мебошад. Бо ёрии ранг хусусиятҳои шакли маҳсулотро ба таври возеҳ таъкид кардан мумкин аст. Ҳалли дурусти рангҳои дохилӣ дар синф, устохонаҳо ва хонаҳои истиқоматӣ фазои мусоиди психологиро ба вуҷуд меорад.

Рангҳои гуногунро одам ба таври гуногун қабул мекунад. Масалан, кабуд хунук аст; сиёҳ – гарм, ифлос, вазнин; сафед тоза ва сабук аст. Дар коргоҳ дастгоҳҳо, асосан, бо рангҳои хунук ранг карда мешаванд.

Рангҳои гарми чӯб табиист ва ба чашм писанданд. Махсусан, матои ҷинсҳои қиматбаҳо зебост. Аз ин рӯ, ҳангоми истеҳсоли маснуот аз он, ранги табиии он аксар вақт боқӣ мемонад, баъзан ҳатто ба молидани лакҳои шаффоф зарурат намемонад. Тобиши асосии чӯб тавассути пошидани он бо рангҳои обӣ таъкид карда мешавад, ки ба ранги чормағз ё дарахти сурх мувофиқат кунад. Чӯби табиӣ бо масолеҳи сиёҳ, сафед ва тиллоӣ, бо ранги металли кабуд мувофиқат мекунад.

Санҷиш ва арзёбии маснуот. Биёед таҷриба кунем.

Ду-се авторучкаи дизайнаш гуногунро гузоред ва ҳоло сифати ҳар яки онҳоро аз рӯйи дилхоҳ меъёр муқоиса кунед. Корҳо ба таври равшан беҳтар шуданд: бисёр афзалиятҳо ва нуқсонҳо аллакай намоёнанд.

Агар шумо аз тарроҳ хоҳиш кунед, ки дар озмоиши мо иштирок кунад, маълум мешавад, ки вай ба муқоиса чунон маҷмуи меъёрҳои пуриқтидореро дохил мекунед, ки мо дар аввалин кӯшиши худ доир ба он тасаввуроте надоштем. Аз ин рӯ, ба-

рои он ки ба объектҳо бо чашми тарроҳ нигоҳ кунем, бояд захираи (бонки) меъёрҳои муқоисаро васеъ кунем. Барои ин мо ба нақшаи баҳодиҳии экспертии ҳар як маҳсулот муроҷиат мекунем (расми 13).




***Расми 13.*** *Баҳодиҳии коршиносӣ*

Нақша ба мо имкон медиҳад, ки фаҳмиши худро дар бораи равишҳои арзёбии маҳсулот васеъ кунем. Мо ба мавзуи шинос, объекти муқарарӣ бо чашмҳои гуногун нигоҳ мекунем.

Масалан, ҷомеашинос дар бораи мӯд сухан гуфт (оё ҳавопаймоҳо ва мошинҳо, асбобу анҷомҳо зери мӯд нестанд?); равоншинос ногаҳон яке аз калимаҳои худнавис муаллифро дар озмоиши мо "дилгиркунанда" номид; эргономист ба номусоидии пӯшидани сарпӯш ишора кард; ба ҳисоб кардани миқдори қисмҳои ҳар як ҷузъи авторучка шуруъ кард; аз чӣ сабаб бошад, ки рассом аз нав ба тартиб андохтани сарпӯшҳоро мувофиқи шакл ва ранг тағйир дод; иқтисодчӣ беҳтарин калимаҳои худнавис рад кард, ки гӯё он қимат аст, бисёриҳо онро бо ин нарх намехаранд. Равоншинос, ҷомеашинос ва иқтисоддон муттаҳид шуданд ва бо як овоз гуфтанд, ки озмоиш вайрон аст. Хуб, биёед, аввал истеъмолкунандаро муайян кунем: Ӯ кист? Ӯ чӣ мехоҳад?

Дар рӯйи миз аллакай даҳҳо лоиҳаи калимаҳои худнавис гузошта шудааст ва суҳбат давом дорад. Маълум шуд, ки агар мо калимаҳои худнависи нав истеҳсол кунем, мо бояд нарасидани ҷузъҳои хатнависӣ, ба кор андохта шудани иқтидорҳои истеҳсолии корхонаи шаҳри Н, инчунин, ба назар гирем, ки дар тамоми ҷаҳон авторучкаҳои саққочадори бо ранг пуркунанда паҳн шуда истодаанд.

Суҳбат ба баҳс табдил меёбад: ҳар як мутахассис беш аз пеш диққати худро ба "мушкилоти" худ ҷалб мекунад, албатта, онҳоро муҳимтарин ҳисоб мекунад.

Тарроҳ чӣ кор мекунад? Рӯйи миз даҳҳо лоиҳаи калимаҳои худнависро назорат карда, ба тамоми эродҳо ва талабҳои коршиносон муносибати поквиҷдонона зоҳир карда, ба эҷоди маҳсулоти нав камар мебандад. Тарроҳ бояд тамоми мулоҳизаҳои коршиносонро дар як лоиҳаи эҷодии худ ҳамоҳанг созад.

**Биотехнология** . *Ин соҳаи нав дар технология аз ҳама соҳаҳо пешрафтатарин ба ҳисоб меравад. Дар тули даҳсолаи наздик на танҳо худ инкишоф меёбад, балки соҳаҳои тиб, энергетика, истеҳсолоти ашёи хом, хоҷагии шаҳру деҳотро дигаргун месозад. Дар бисёри ҳолатҳо биотехнология барои дарёфти роҳи ҳалли нав дар ҳамоҳангии соҳаҳо (масалан, биосӯзишворӣ – ба пайвасти энергетика ва микробиология) имконият медиҳад. Чиро иваз мекунад? Ивази воситаҳои истеҳсолоти дорувори ва химияи маиши ба истеҳсоли маҳсулоти биосинтезӣ, масалан аз низоми зинда (рустанӣ, парвариши микробиологӣ). Ба инкишофи агротехнологияи нав ва ҳалли муаммои гуруснагӣ ва ғайра таъсир мерасонад.*

*Дизайн, тарроҳ, лоиҳа, таносуб, симметрия, маснуот, тарҳрезӣ, арзёбӣ, баҳодиҳии коршинос*.

## КОРИ АМАЛӢ

*1. Бо истифода аз нақшаи боло санҷиши ҷойи кории хонандагонро гузаронед. Хулосаи хаттӣ кунед.*

*Лоиҳа, симметрия, контраст, ҳамоҳангӣ, таносуб, тарроҳӣ, ,ташхиси маҳсулот, ниёзҳо, муҳити объект, ороиш.*

*2. Рӯйхати меъёрҳои зеринро барои муқоисаи сифатҳои истеъмолии маҳсулот эҷодкорона пур кунед.*

*1. Андозаи мувофиқ.*
*2. Ҳамоҳангии шакл.*
*3. Интихоби оқилонаи мавод.*
*4. Ҳалли ранг.*
*5. Осонии истифода.*
*6. Асоснокқунии нарх.*
*7. Мутобиқати услуби маҳсулот.*

| Ин аҷиб аст | *Дар ҷаҳон касби хатарноктаринро муайян кардан душвор аст. Зеро омор ва шароити меҳнат дар давлатҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунанд. Бисёртар ба ин номгӯй касбу корҳои дарахтбур, конкан, моҳигирҳо, сапёр, оташнишон, каскадёр дохил мешаванд.* |
|---|---|

*Савол ва супориш:*

1. *Моҳияти мафҳумҳои «дизайн» ва «тарроҳ»-ро шарҳ диҳед.*
2. *Зарурати лоиҳакашӣ кай ба миён меояд?*
3. *Кӣ дар озмоиши маҳсулот иштирок мекунад?*
4. *Оё шумо ягон маротиба дар ҳаёти шахсии худ лоиҳаҳои шахсии худро амалӣ кардаед?*
5. *Касбҳои ба мавзуъ алоқамандро номбар кунед.*

## 8. АЛГОРИТМИ ДИЗАЙН

Албатта, кори дизайнерро пурра ба қолаб даровардан мумкин нест. Зеро он бо эҷодкорӣ машғул буда, мазмуни фаъолияти ӯ на ба илмҳои техникии амалӣ, балки бештар ба санъат хос аст. Ҳарчанд зери мафҳуми “алгоритм” пайдарҳамӣ фаҳмида мешавад, марҳалаҳои пайдарпайи эҷодкорӣ гуногун мебошанд. Марҳалаҳои омодасозии дизайн он қадар зиёданд, ки китобҳои зиёде ба онҳо бахшида шудаанд.

Мундариҷаи марҳалаҳои асосӣ, пайдарпайии онҳо догма нестанд, аммо ба ҳар ҳол стандарти қабулшуда вуҷуд дорад, яъне пайдарпайии лоиҳакашӣ (ниг. ҷадвал).

**Алгоритми дизайн**

| Пайдарпайии амалҳо | Мақсади ҷустуҷӯ |
|---|---|
| Таҳлили ҳолати мавҷуда | Чӣ аллакай вуҷуд дорад? Чӣ хуб аст ва чӣ бад аст? |
| Муайян кардани зарурати такмил | Чӣ бояд кард? |
| Бонки ғояҳо ва пешниҳодҳо | Инро чӣ тавр кардан мумкин буд? |
| Муайян кадани ҳадаф | Мо дар шароити худ ба чӣ ноил шудан мехоҳем? |

| | |
|---|---|
| Коркарди консепсияи лоиҳа | Мо дар шароити мушаххас кадом идеяҳоро истифода хоҳем кард? |
| Коркарди вариантҳо | Шумо метавонед ин корро кунед ... ё шумо ин корро карда метавонед ... ва ин ... |
| Иҷрои лоиҳа | Нақшаҳои схематикӣ, нақшаҳо, интихоби материал, макет ва ғайра. |
| Санҷиши вариантҳо | Чӣ шуд ва чӣ тавр? |
| Интихоби варианти асосии лоиҳа | Мо чиро асос мегирем? |
| Иҷрои муфассали варианти асосии лоиҳа | Расмҳо, диаграммаҳо, нақшаҳо, интихоби материалҳо, тадқиқоти илмӣ |
| Амсиласозӣ | Оё ҳама чиз дар расм равшан аст? |
| Технологияи истеҳсол | Чӣ тавр тарҳрезӣ кардан мумкин аст? |
| Ба вуҷуд овардани намунаи озмоишӣ ё модел | Оё он кор мекунад? |
| Санҷиши намунаҳои озмоишӣ | Оё он мувофиқи пешбинӣ иҷро шуд? |
| Ворид намудани ислоҳот ба лоиҳа | Амалия чиро нишон дод? |
| Истеҳсоли як миқдор маснуоти таҷрибавӣ | Ба як намуна бовар кардан мумкин нест |
| Таҳлили истифодаи маснуот | Меъёри ҳақиқат - амалия |
| Ворид намудани ислоҳот ба сохт ва технология | Бартараф кардани мушкилот низ кор аст. |
| Ташкили истеҳсолоти оммавӣ | Дар куҷо ва бо кадом роҳ? |
| Модернизатсия | Чӣ метавонад фавран беҳтар карда шавад? |
| Маркетинг | Реклама, арзёбии талабот, дурнамои бозор |
| Пешгӯйӣ | Дар рақибон чӣ навигарӣ аст? |
| Таҳлили ҳолати мавҷуда | Давраи нави такмил додани маснуот оғоз меёбад. |

Ба чунин алгоритми дароз нигоҳ карда, шумо метавонед дар бораи ду савол фикр кунед. Аввалан, оё ин марҳалаҳоро кӯтоҳ

кардан имкон дорад? Қадамҳои асосӣ ва зарууртаринро нишон додан мумкин аст? Сонияն, оё ҳатто лоиҳаҳои одӣ (курткаҳо, дастаки дарҳо ва ғайра) низ бояд ин қадар душвор бошанд?

Муносибати бонизом ба дизайни лоиҳаҳо аҳаммияти ҳар як қадамро дар назар дорад, аммо ҳаҷми миқдори он метавонад гуногун бошад (куртка барои худ ё садҳо ҳазор одамон). Меъмори бузурги амрикоӣ Ф. Райт қайд кард, ки сохтани мурғхона бояд мисли сохтмони маъбад ҷиддӣ қабул карда шавад. Шояд дар ин ҷо ба маданияти баланди меҳнат роҳ мекушоянд.

Дар ҷадвали зер алгоритм гузариши шартиро дар бар мегирад; агар маълумоти нави илмӣ ё шароити бозор вуҷуд дошта бошад? Чӣ мешавад, агар намунаи озмоишӣ ноком шавад? Аммо шумо эҳтимол худатон роҳи ҳалли худро медонед, шумо бояд чанд қадам баргардед ва ҳатто, шояд, ҳама чизро аз қадами аввал оғоз кунед. Чунин ҳолатҳои фоҷиавӣ ҳатто бо ширкатҳои маъруф рӯй медиҳанд.

Албатта, ин вазъият аламовар ва гаронарзиш аст. Дуруст аст, ки роҳҳои бехатарӣ вуҷуд доранд. Яке аз онҳо дар таҳияи вариантҳои маснуот мебошад, ки алгоритмро пешбинӣ мекунад. Роҳи дигар ин аст, ки вазифаи таҳияи лоиҳаҳо ба якчанд гурӯҳҳои эҷодӣ ё тарроҳони инфиродӣ вогузор карда шавад. Дар ин сурат алгоритми умумӣ кор карда баромада мешавад, вале мазмуни қадамҳо ва натиҷаҳои он гуногун хоҳанд буд. Дар ин маврид барои озмун, мусобиқаи эҷодӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Эҳтимол дорад, ки варианти пайвандӣ (гибридӣ) барои истеҳсолот қабул карда шавад ва он ҷиҳатҳои беҳтарини ҳама лоиҳаҳо ва коркардҳоро дарбар мегирад. Дар хотир доред, ки ҳатто ширкатҳои рақобаткунанда низ баъзан ба ин усул муроҷиат мекунанд.

Чаро мо дар ин ҷо ногаҳон ба тиҷорати дизайнерӣ даст мезанем? Манзурамон ин аст, ки дар раванди таълим, махсусан, тарроҳони навкор, ҷустуҷӯйи лоиҳаи «худ»-и онҳо ба таъхир меафтад, барои ихтирои «оригинал» қувва ва эҳсосоти зиёде сарф мешавад. Дар баробари ин, дар эҷодиёти дизайнерӣ, ба мисли мусиқии хуб, тафаккури дастаҷамъӣ, муоширати доимӣ, рақобати ҳамфикрон ё рақибони ҳамфикр зарур аст.

Дар ҳар як қадами алгоритм кӯшиш кардан лозим аст, ки ҳаҷми муоширати конструктивӣ бо маҳсулот, китобҳо, албомҳо ва албатта бо одамон зиёд карда шавад.

Бонки ғояҳо. Оё шумо мушоҳида кардаед, ки бисёре аз маҳсулоте, ки аз рӯйи таъинот ва ҳатто сохт якхелаанд, гуногун менамоянд?

Мошини варзишӣ нисбат ба ҳамтои худ сабуктар ва тезтар ба назар мерасад, як телевизор нисбат ба дигар телевизор бо андозаи якхела назар ба дигараш ба таври назаррас калонтар ба назар мерасад.

Мо аксар вақт ба маҳсулот хислатҳои инсонӣ мебахшем. Ба фикри мо зарф аз оби дохилаш муҳимтар аст. Ҳатто ҳарфҳои маъмулии алифбои тоҷикӣ, лотинӣ ё арабӣ метавонанд хусусияти хеле гуногун дошта бошанд.

Оё шумо мошини куҳнаи "Volkswagen" (Олмон)-ро медонед, ки ба гамбуск шабоҳат дорад? Оё шумо ягон мошини алафдаравро дидаед, ки ба ҳашароти дорои мӯйлаби азим монанд аст? Ҳама чархболҳоро бо сӯзанак алоқаманд мекунанд. Яъне аксар олимон, конструкторон ва дизайнерон идеяи ихтироoти бузургро аз табиат ва муҳити атроф гирифта, ба таври муфид ба инсоният татбиқ кардаанд.

Дизайнер метавонад маҳсулотро бо муҳити объекти атроф ба таври органикӣ ҳамоҳанг созад ё вай метавонад онро ба дигар объектҳои атроф муқобил офарад. Маҷмуи тасвирҳои маҳсулоти оянда, албатта, ба бонки ғояҳо дохил карда шудааст. Баъзе аз онҳоро шояд тарроҳ дар ибтидо рад кунад, аммо баъзе тафсилот, нозукиҳо, бозёфтҳо то охир муфид буда метавонанд.

Тасвири маҳсулоти оянда аз ҷониби шумо ин амали беҳтарин аст. Албатта, тавассути расм интиқол додани ғояи нав дар рӯйи варақ аз рушди тасаввуроти шумо дарак медиҳад.




**Расми 14**. *Ташаккули бонки ғояҳо*

Бонки ғояҳо ва пешниҳодҳо. Кӯшиш кунед, ки ақидаи худро дар рӯйи коғаз қайд намоед, ҳар он қадаре ки он шуморо мафтун кунад, қобилияти рассомӣ ҳамон қадар зудтар пайдо мешавад.

Клаузура як вазифаи омӯзишӣ мебошад, ки дизайнерон аксар вақт дар марҳилаи бонки ғояҳо истифода мебаранд. Ин як вараќи нисбатан калон аст, ки дар он тасвири маҳсулоти оянда бо расмҳои озод, инчунин расмҳои қисмҳо, ҷузъҳо, унсурҳо тасвир карда мешаванд. Варақ бояд таркиб ва ифодаи комил дошта бошад, имкон диҳад, тамоми нақшаҳои маснуот дар он тасвир карда шаванд. Ба ибораи дигар, ҳама гуна воситаҳои визуалӣ метавонанд истифода шаванд, ба шарте ки мундариҷаи ниҳоии маълумот ба даст оварда шавад.

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ҳар як объект аналоги навро зуд-зуд тағйир медиҳад. Барои дар бозори истеъмолӣ серхаридор будан пайваста симо, шакл ва функсияҳои маҳсулотро ширкатҳои истеҳсолкунанда тағйир ё такмил медиҳанд. Барои ин таррох ҳамеша дар ҷустуҷӯйи ғояҳои нав мебошад.

Вақте ки тасвир хотима меёбад, дизайнер ба татбиқи нақшаҳо барои микёс, таҳияи қарорҳои тарҳрезӣ мегузарад. Вариантҳои тарҳ метавонанд гуногун бошанд. Хеле муҳим аст, ки чизеро эҷодшударо аз даст надиҳед. Аз ин рӯ, расмҳо, эскизҳо, қайдҳоро пешакӣ напартоед. Ҳамаи ин метавонад дар қадамҳои минбаъдаи лоиҳаи дизайнерӣ муфид бошад.

Дизайн ба талабот ҷавобгӯ аст. Авторучка ё сумкаи варзишӣ, рафи ошхона ё шона, соат ё зарф барои ширеш, инчунин бисёр маҳсулоти дигар, аввалан, дар олами воқеии ашё ва дар зеҳни мо вуҷуд доранд, дуюм, онҳо аз роҳи хеле дуру дарози тараққиёти эволютсионӣ омадаанд.

Кӯшиш кунед, ки як силсилаи шабеҳро барои маҳсулотиояндаи худ созед: Аз мошин пеш чӣ буд? Галстук? Соат?

Агар шумо ин силсиларо идома диҳед, хеле хуб аст: Мошинҳо, галстукҳо, соатҳо дар як сол, ду сол ва ё даҳ сол чӣ гуна хоҳанд буд? Бо вуҷуди ин, на танҳо тарҳ, балки намуди зоҳирӣ низ тағйир меёбад. Дар ин ҳолат мо ба осонӣ «синну сол»-и ашёро муайян мекунем. Яъне кадомаш кӯҳна асту кадомаш нав.

Мо гӯё ашёи таҳқиқшударо фикран дар муҳити мухталифи таърихӣ ҷойгир мекунем ва мебинем, ки он пайванд мегирад ё не. Қумсоат, соатҳои электронӣ ва ё соатҳои ҳушманд (smart), радио, телевизори транзисторӣ ва ё экранҳои сенсорӣ, автомобилҳои

«Победа» ва “Tesla” ҳар яке ба давраҳои гуногуни инкишофи олами объективӣ тааллуқ доранд. Манзурамон ин аст, ки тамоми ашёи муҳити моро иҳотакунанда бо тағйири тарзи зиндагии мо дигаргун мешаванд.

Мегӯянд, ки ҳама чизи нав кухнаи фаромӯшшуда аст. Дар ин сухани хирадмандона як андоза ҳақиқат ҳаст. Дар ҳар сурат, барои эҷод оғозе зарур аст ва ҳамчунин бояд тамоми бартариву камбудҳоро муайян кард ва муҳимтар аз ҳама, ба саволи зерин ҷавоб дод: Барои чӣ чизи нав эҷод кардан лозим аст? Охир, ба вуҷуд овардан ва истеҳсоли маҳсулоти нав, ҳангоми ба онҳо эҳтиёҷоти иҷтимоӣ набудан аз ҷиҳати иқтисодӣ зарар мерасонад. Маълум мешавад, ки дизайнер бояд эҳтиёҷоти такмилро муайян кунад. Онҳоро дар чунин ҷойҳо ҷустуҷӯ кардан лозим аст:

- маҷмуи ашёи муосир
- истеҳсолот;
- савдо;
- корбурд.

Талаботро барои такмил додани ашёи коркардшуда чӣ гуна муайян кардан мумкин аст? Шумо худатон ягона донандаи он ва истеъмолкунандаи он нестед ва шумо завқи худро ҳамчун меъёр (стандарт) ҳисоб карда наметавонед. Усули маъмули мусоҳибаро истифода баред: аз хешовандон ва дӯстон дар бораи афзалиятҳо ва нуқсонҳои маҳсулоти муайян пурсед, хоҳишҳоро гӯш кунед. Шумо нуқтаи назари ба ҳам муқобилро дучор хоҳед шуд, ки метавонад шуморо ба руҳафтодагӣ оварад. Дар баробари ин, роҳҳои наҷот мавҷуданд: шумораи пурсидашавандагонро зиёд кардан ва ба воситаҳои пурсиш ва таҳлил ба кӣ, чӣ гуна ва чӣ тавр мурожиат карданро донистан лозим аст; роҳи дуюми халосӣ далерона бовар кардан ба ҳисси пешакӣ, иродаи худ, тасаввур кардан ба фикру зикр ва ба назар гирифтани хоҳиши одамони гуногун: бачагону нафақахӯрон, мардону занон, сокинони деҳот ва шаҳрҳои калон. Дар аксар маврид ин барои комёбиҳои беназир мусоидат мекунад.

**Биофармаколог** – *мутахассис оид ба тарҳрезии биомаҳсулоти нав бо хосиятҳои муқарраршуда ё оид ба ивази маҳсулоти сунъии синтезӣ ба биомаҳсулот мебошад. Барои соҳиб шудан ба ин касб чунин сифатҳои касбӣ лозим аст: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, забондонӣ, маданиятдонӣ, барномарезӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо.*

## КОРИ АМАЛӢ

*1. Шумо лоиҳаи шахсии худро оғоз мекунед ва аллакай соҳа ва предмети лоиҳакаширо муайян кардаед.*
*2. Дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ кӯшиш кунед, ки ба саволҳое, ки бе онҳо фаҳмидани мавқеи шумо ҳамчун тарроҳ душвор аст, ҷавобҳои дақиқ диҳед.*

Шумо бо чӣ муваффақ шудан мехоҳед? Шумо чӣ гуна фикру пешниҳодҳо доред (маводди гуногун, тағйир додани тарҳ ва шумораи қисмҳо, иваз кардани технологияи дигар, ҳалли ранг, бастабандӣ, эътимоднокии амалиёт ва ғайра)? Шумо чӣ гуна захираҳо ва имкониятҳо доред? Дар шароити шумо чӣ гуна фикру мулоҳиза ва таклифҳо мувофиқтарин ҳастанд? Кадом захираҳои иловагӣ ба шумо лозиманд? Эҳтиёҷоти тадқиқот ва рушди шумо дар чист? Ҳангоми таҳияи маҳсулоти нав шумо чӣ сатҳи ҳамкориро интизоред? Хароҷоти асосӣ бо баровардани маҳсулоти нав кадомҳоянд?

*Алгоритми дизайн, ғоя, тасвири маҳсулоти оянда, ниёзҳо, муҳити объект.*

**Ин аҷиб аст**

*Касби омӯзгорӣ дар бисёр мамлакатҳо бо эҳтиром ва ояндадор ба ҳисоб меравад. Дар бархе аз давлатҳо моҳонаи хуб пардохт мекунанд. Масалан, дар Австралия бисёриҳо мехоҳанд, ки омӯзгор шаванд, зеро моҳонаи баланд, рӯзи кории кӯтоҳ ва ҳатто таътил дорад.*

### Савол ва супориш:

*1. Моҳияти мафҳуми «алгоритми дизайн» чист?*
*2. Муносибати бонизом ба лоиҳаи дизайнерӣ чӣ гуна аст?*
*3. Ҳангоми таҳияи бонки ғояҳо ва пешниҳодҳо кадом меъёрҳоро бояд ба назар гирифт?*
*4. Байни маснуоти лоиҳашуда ва талаботи ҷомеа шахс чӣ гуна робита дорад?*
*5. Чаро ҳангоми лоиҳакашии маснуот як силсилаи таърихии рушди онро эҷод кардан лозим аст?*
*6. Шумо ба мафҳуми «тарҳи экологӣ» чӣ андеша доред?*

## 9. ФИКРАН СОХТАНИ МАСНУОТИ НАВ

Маҷмуаи ғояҳо ва пешниҳодҳое, ки дар қадами қаблии алгоритми дизайн пур шудаанд, албатта, калон буда метавонанд. Аммо дар шароити воқеӣ на ҳама ғояҳоро татбиқ ва истифода кардан мумкин аст: буҷаи вақт ва пул, имкониятҳои истеҳсолот ва бозор, мавҷудияти мавод ва технология интихоби роҳи расидан ба ҳадафҳоро қатъиян амр мекунад. Мо ҳадафҳоро дақиқ таъкид мекунем, зеро лоиҳа бояд ниёзҳои гуногунро қонеъ гардонад.

Дар студияҳои дизайнерӣ аксар вақт як вазифаи ҷолиби омӯзишӣ дода мешавад. Фарз мекунем, ки арзиши чароғи рӯйи миз 50 сомонӣ аст (яъне арзиши масолеҳ, музди кори коргарони асосӣ, корбурди таҷҳизот, иншоот ва ғайра); ҳозир ин гуна чароғҳо истеҳсол карда мешаванд. Он соле 300 ҳазор дона истеҳсол карда, бо нархи 80 сомонӣ фурӯхта мешавад. Корхона ба тарроҳ вазифагузорӣ мекунад, ки арзиши чароғро то 40 сомон кам кунад, сифатҳои истеъмолиро беҳтар намояд, то чароғро бо майли том ба 100 сомонӣ бо истеҳсолу фурӯши он то 30 миллион сомонӣ харида гиранд. Дар сурати якум даромади шартии корхона 8 миллион сомонӣ (дар як дона 30 сомонӣ), дар мавриди дуюм 16,5 миллион сомонӣ (дар як дона 55 сомонӣ) мебошад. Ҳамин тариқ, агар ҳадаф бо сомонӣ ифода карда шавад, пас тарроҳ бояд то санаи муайян ба маблағи 7,5 миллион сомонӣ даромади иловагӣ диҳад.

Оё шумо барои ҳалли чунин мушкилот ягон роҳи ҳал доред? Оё шумо метавонед барои маҳсулоти ояндаи худ як мушкили шабеҳро муқаррар ва ҳал кунед?

Биёед, ба калимаҳои «то санаи муайян» диққат диҳем. Дар ин ҷо омили вақт яке аз омилҳои муҳимтарин ба шумор меравад, барои ба анҷом расондани лоиҳа, аз нав сохтани истеҳсолот, ташкили истеҳсоли чароғҳои нав ва реклама вақт ёфтан лозим аст. Дар акси ҳол, дар шароити рақобати бозори истеъмолӣ чароғи рӯйи мизии ширкати дигар бозорро фатҳ мекунад. Дар ин ҳол ширкати мо ба рӯзҳои вазнин рӯ ба рӯ мешавад.

Шояд тарроҳ аз ҷустуҷӯйи ҷавоб ба саволи асосӣ шуруъ кунад: чӣ гуна чароғ бояд бошад, то 400 ҳазор дона бо нархи

100 сомонӣ фурӯхта шавад? Маълум аст, ки он бояд аз пештара беҳтар бошад, ҳамчунин, аз онҳое, ки дар рафҳои мағозаҳо ҳастанд, беҳтар бошад. Аз ин ҷост, ки ҳатто бонки калони ғояҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои мушаххас ба назар хурд мерасад.

Фарз мекунем, ки дизайнер манфиатҳои харидоронро нисбат ба чароғи рӯйимизии оянда муайян ва тахмин карда, маҳз ҳамон гуна тасаввур мекунад, ки онро барои 100 сомонӣ ва ҳатто 400 ҳазор дар як сол мехаранд.

Чароғе, ки тарроҳ орзу дорад, танҳо дар тахаюлаш вуҷуд дорад, ки онро фақат дар мавриди истеҳсол шудан фурӯхтан мумкин аст. Арзиши истеҳсолии он чӣ гуна хоҳад буд?

Истеҳсол метавонад оммавӣ, силсилавӣ, хурд ва ягона бошад. Сухан на дар ҳаҷми маҳсулотбарорӣ, балки дар он аст, ки таҷҳизот дар як сол аз истеҳсоли як қисм ё маҳсулот ба дигараш иваз карда мешавад. Дар истеҳсолоти оммавӣ ин гуна таҷҳизот қариб нест. Дар истеҳсоли силсилавӣ онҳо хеле зиёданд. Дар ягона  ҳатто бештар.

Ҳар як чароғи рӯйимизӣ аз даҳҳо қисм иборат аст, ки як қисми онҳоро аз чароғи куҳна гирифтан мумкин аст, қисми дигарро харидан мумкин аст (масалан, сим, калидак, вилка, патрон), боқимондаро аз таҷҳизоти мавҷуда ё нав харидашуда аз нав коркард кардан лозим аст. Дар ҳолати харидории таҷҳизоти нав дарҳол як занҷири навро (хатти нави истеҳсолӣ) мекашад ва барои он омӯзиши кадрҳо, рушд, фоизи камбудиҳои эҳтимолӣ, таъмир, вақти насб, мувофиқати кор бо таҷҳизоти мавҷуда, эҳтиёҷ ба неруи барқ, ҳаво ё обро бояд ба назар гирифт. Ҳар як чароғи рӯйи- мизӣ бояд ҷамъ карда шавад ва васлкунӣ метавонад автоматӣ ё дастӣ ва ҳатто бо як қатор масъалаҳои технологӣ бошад.

Ба ибораи дигар, тарроҳ худро дар фазои бисёрҷанбаи омилу шароит, андешаву пешниҳодҳо, ҳадафҳои хурду бузург пайдо мекунад. Ин фазои бисёрҷанбаро метавон ҳамчун вазифаи ҳадаф муаррифӣ кард – ба даст овардани даромади иловагӣ ба маблағи 8,5 миллион сомонӣ то санаи муайян аз бисёр омилҳо вобаста аст.

Дар ин марҳала, ба хотир овардани бизнес-нақша мувофиқ аст. Ҳуҷҷате, ки дорои қадамҳои асосист ва барои татбиқи

ҳама гуна лоиҳаи тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад. Мақсади таҳияи бизнес-нақша банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ барои давраи наздик ва дарозмуддат мувофиқи талаботи бозор ва имкониятҳои ба даст овардани захираҳои (сармоягузорӣ) зарурӣ мебошад.

Бизнес-нақша ба ҳалли вазифаҳои асосии зерин ёрӣ мерасонад:

1. муайян кардани самтҳои мушаххаси фаъолият, бозорҳои мақсаднок ва ҷойгоҳ дар ин бозорҳо;

2. мураттаб сохтани мақсадҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, стратегия ва тактикаи роҳ ба онҳо;

3. нишондиҳандаҳои мол (хизматрасонӣ)-ро, ки ба истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешаванд, муайян намояд; баҳодиҳии хароҷоти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ барои эҷод ва татбиқи онҳо;

4. таркиби фаъолияти маркетингиро оид ба тадқиқоти бозор, таблиғ, пешбурди фурӯш, нархгузорӣ, роҳҳои тақсимот ва ғайра муайян мекунад;

5. баҳо додан ба мувофиқати захираҳои молиявӣ ва моддӣ ба мақсадҳои гузошташуда;

6. душвориҳоеро, ки ба иҷрои нақшаи тичоратӣ халал расонда метавонанд, пешбинӣ кунанд.

Бо беэътиноӣ ба навиштани бизнес-нақша, тарроҳ метавонад ба бисёр ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки ӯро дар роҳи муваффақият интизоранд, омода набошад. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки вақтро дареғ надошта, банақшагирии тиҷоратро анҷом диҳед. Дар баробари ин, шакли хаттии он муҳим аст. Ҳатто дар шароите, ки вазъи бозор хеле зуд тағйир меёбад, шумо набояд ба таҳияи бизнес-нақша беэътиноӣ кунед.

Номгӯйи вариантҳои омезиши ҳамаи омилҳое, ки тарроҳ ҳангоми тарҳрезии маҳсулот бояд ба назар гирад, боиси вариантҳои гуногуни натиҷаҳои имконпазир мегардад. Бо мағзи сари инсон фаро гирифтани ҳама комбинатсияҳо аксар вақт ғайриимкон мегардад, он гоҳ технологияи компютерӣ ба кумаки дизайнер меояд.

Хулосаи амалӣ чист? Аввалан, барои шумо дарки фазои бисёрченакаи функсияи ҳадаф муфид хоҳад буд ва дуюм, агар

шумо худро бо назардошти ҳадди ақал даҳҳо омил ҳангоми татбиқи лоиҳа маҳдуд кунед, пас, ҳатто бидуни компютер шумо арзиши лоиҳаро аллакай дар ин марҳилаи алгоритми дизайн ба таври назаррас афзоиш медиҳед.

Муносибати илмӣ ба тарҳрезии маҳсулот. Маҳсулот, таҷҳизот ва технологияҳои муосир маҳсули тараққиёти илмӣ ва шуури инсоният мебошанд. Барои расидан ба ин гуна тараққиёт на танҳо миқдори зиёди тадқиқот ва коркардҳои илмӣ, ки ҷиҳати ихтирои техника ва технология гузаронида мешаванд, балки маҷмуи далелҳо ва донишҳои илмие, ки дар муомилот қарор доранд, фаҳмида мешаванд. Дар ҳама марҳалаҳои тарҳрезӣ дастгирии иттилоотӣ ҳамеша лозим аст. Раванди таҳияи лоиҳаи нав аз тарроҳ илмияти хосро талаб мекунад.

Дизайнер бояд дар бораи асосҳои лоиҳакашӣ, механизмҳои интиқол ва табдили ҳаракат, қисмҳои машинаҳо, графикаи муҳандисӣ, муҳаррикҳои мошинҳо, таҷҳизоти барқӣ, асосҳои электротехника ва автоматика тасаввурот дошта бошад.

Дар ҳар сурат, тарроҳ ҳамеша бояд дар хотир дорад, ки маҳсулот аз қисмҳо иборат аст ва қисмҳо бояд сохта шаванд. Ба ибораи дигар гӯем, мазмуни инкишофи раванди технологии тайёр кардани ҳар як қисми лоиҳакаширо равшан фаҳмидан лозим аст; маълумоти илмӣ оид ба иқтисодиёти истеҳсолот: навъҳои истеҳсолот, структураи арзиши аслӣ ва роҳҳои кам кардани он, музди меҳнат, фондҳои асосӣ ва муомилоти истеҳсолот, ҳатто тайёр кардани кадрҳо зарур аст.

Албатта, тарроҳ ҳангоми анҷом додани ҳар як нақша схемаи генералии раванди технологии тайёр кардани ҳар як ҷузъи маҳсулоти ояндаро дар хотир нигоҳ медорад. Ба воситаи амалиёти технологӣ ва гузариш, ки бо пайдарпайии муайян ва якҷоя карда мешаванд. Бидуни  ин вай дар назари дигар мутахассисон, пеш аз ҳама коргарони истеҳсолот мисли хаёли бесамар менамояд. Ба андозаи муайян, чунонки аллакай гуфта шуд, вай бояд тафаккури конструкторӣ ва технологӣ дошта бошад.

<table>
<tr><td colspan="2" align="center">Манбаъҳои иттилоот барои дизайнер</td></tr>
<tr><td align="center">энсиклопедияҳо</td><td align="center">намоишҳо</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| маълумотномаҳо | телевизион |
| нашрияҳои маъмул | осорхонаҳо |
| нашрияҳои махсус | филм |
| феҳристҳо | хиёбонҳо |
| маҷаллаҳо | мусоҳиба бо мутахассисон |

Умуман, тарроҳ бо кунҷковии табиӣ фарқ мекунад: ҳама чиз барои ӯ ҷолиб аст, ҳама чиз метавонад ба ӯ муфид бошад. Оё бидуни донистани чӣ будани сабти лазерӣ ва рақамӣ магнитофонро таҳия кардан мумкин аст? Оё бидуни донистани телевизиони кабелӣ ва моҳвораӣ тарҳрезӣ кардан мумкин аст? Дар бораи ҳамаи ин, конструктор кӯшиш мекунад, ки аз сарчашмаҳои гуногун маълумот гирад, ки мавҷудияти онҳо барои донистани ҳама муфид аст.

Дар мизи кории дизайнер шумо ҳамеша метавонед китобҳоро дар бораи композитсия, ранг, таблиғ, тиҷорат, маркетинг, ороиши бадеӣ пайдо кунед ва ҳамаи онҳо бевосита ба мундариҷаи кори дизайнер алоқамананданд.

Агар дизайнер лоиҳакашии чунин объектҳоро ба мисли дастгоҳҳо, мошинҳо, хатҳои автоматӣ, роботҳоро ба ухда гирифта бошад, пас ба ӯ дониши психологияи муҳандисӣ (системаи «одаммошин», эргономика), сотсиологияи саноатӣ (психологияи меҳнат, кадрҳои истеҳсолӣ, қонеъ гардондани кор ва ғайра) реклама ва маркетинг лозим мешавад.

Маркетинг чист? Калима ва мафҳум аз вожаи англисии market (бозор) сарчашма гирифтааст. Аммо маркетинг танҳо фурӯш нест. Моҳияти он аз он иборат аст, ки истеҳсолкунандагон бояд аввал талаботи одамонро фаҳманд ва баъд дар асоси ин дониш маҳсулоте ба вуҷуд оваранд, ки ин талаботро ҳарчи пурратар қонеъ гардонад. Вазифаи асосии маркетинг эътинои фасеҳ ва доимӣ ба тағйироти бозор, ҳаҷунин тағйирёбии шароити фурӯши маҳсулот мебошад.

Расмҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо, ҳисобҳо ва ғайра на ҳамеша барои васеъ намудани мафҳуми объекти лоиҳакашӣ кифоя мебошанд. Бо ёрии онҳо, масалан, санҷидани муноси-

бии дастаки ҷомадон, дастгоҳи телефон ё худ асбоби ҷарроҳӣ душвор аст. Дар чунин мавридҳо, онҳо ба амсиласозии миқёси пурра ё миқёси калон муроҷиат мекунанд.

Пас аз пайдо шудани расмҳо, масалан, мошини нав, ки аз ҷониби дизайнер сохта шудааст, онҳо одатан якчанд вариантҳоро барои моделҳои пластилинии калонҳаҷм таҳия мекунанд, ки фаҳмидани ғояро осон мекунанд. Сипас, онҳо модели ҳаҷмноки аслии мошини ояндаро месозанд.

Моделсозии компютерӣ дар тарҳрезии объект ёрии калон мерасонад. Он ба шумо имкон медиҳад, ки маҳсулотро ба таври аёнӣ, камхарҷ ва зуд бинед, хосиятҳои онро тафтиш кунед ва дар мавриди зарурӣ конструксияро тағйир диҳед.

Аксар вақт лоиҳа эҷоди як намунаи озмоиширо дар бар мегирад, ки сохтан ва озмоиши он ба шумо имкон медиҳад ислоҳот ворид кунед, хатарро коҳиш диҳед. Манзур, намунаи озмоишӣ метавонад оғози хубе барои маъракаи таблиғотӣ бошад ва дар ҳар сурат, истеъмолкунанда ба он бештар аз аксҳои зебои моделҳои пластилинӣ ё расмҳо бовар мекунад.

Ҳол он ки дар истеҳсолот ҷорӣ кардани маснуоти нав, ҳатто агар он пӯсти гӯсфанд ва ё фонтан бошад ҳам, мушкил аст. Баъд маснуоти озмоиширо ба кор меандозанд, ки он на дар коргоҳҳои таҷрибавӣ, балки дар шароити воқеии истеҳсолӣ тайёр карда мешавад. Ҳар як амалиёт, санҷиш ба сохт, раванди технологӣ ва ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ислоҳ даровардан пайгирӣ мешавад. Агар ҳама чиз дуруст бошад, ба истеҳсоли оммавӣ шуруъ карда, ҳатто баъд ба иқтидори лоиҳавӣ ва барномаҳои истеҳсолӣ тадриҷан мерасанд.

Акнун озмоишҳои дарозмуддат оғоз мешаванд: шумораи зиёди мошинҳо бояд километрҳои пешбинишудаи худро тай кунанд, дар бораи хароҷоти истифода, садамаҳо, вайроншавӣ омор диҳад; машина бояд ҳазорҳо қисмҳои худро бо дақиқии додашуда созад.

Маҳз дар ҳамин ҷо лоиҳаи модернизатсияи истеҳсоли модели мобайнии маҳсулоти нав – автомобил, телевизор, мошини дарздӯзӣ, ручка ё хокаи ҷомашӯйӣ метавонад ба миён ояд, ки албатта, реклама бояд фаъолона амал кунад. Дар хотир бояд дошт, ки таблиғро метавон ҳамчун як ҷузъи амалисозии лоиҳа ҳисоб кард, аммо он виртуалӣ аст.

Ба моддаи охирини харочот муфассалтар назар меандозем. Агар мутахассисон ва иҷрокунандагони одӣ вобаста ба вақти сарфшуда ва тахассус музди кор гиранд, пас тарроҳони пешқадам дар асоси шартномаҳое кор мекунанд, ки ҳаққи шахсӣ муқаррар мекунад, зеро онҳо мутахассисони беназире мебошанд, ки аз одамони одӣ бо самараи баланди эҷодӣ фарқ мекунанд. Кори эҷодӣ амалан бебаҳо аст, ақаллан бо музди одилонааш. Гузашта аз ин, ӯро аз ҷиҳати молиявӣ ҳавасманд кардан душвор аст.

Лоиҳаҳои беназир ҳаёти миллионҳо одамонро тағйир медиҳанд, симои тамаддунро муайян мекунанд, ба фарҳанг таъсири пурқувват доранд, аммо одатан он вақти ниҳоят зиёдеро мегирад.

Чунин аст табиати эҷодкорӣ, ки дар асоси ихтилофи дирӯзу имрӯз, имрӯзу фардо ба миён меояд. Ҳалли ин низоъ танҳо вақте фаро мерасад, ки фардо фаро мерасад.

**Тиб.** *Дар тиб гузориш дар ташхис ва табобати бемориҳои узвҳои алоҳида ва бофтаҳо ба кори низомнок бо саломатии одам ба вуқуъ омада истодааст. Аз ин лиҳоз, тиббиёти пешгирикунанда паҳн шуда истодааст, ки вазифаи он муайян кардани касалиҳои имконпазир ва пешгирӣ кардани инкишофи онҳо дар марҳалаи ибтидоӣ аст. Ба ҷойи методикаи табобати оилавӣ муолиҷаи шахсӣ ба дараҷаи гени одам омада истодааст. Тиб бо соҳаи биотехнология дар масъалаҳои фармакология ва ба вуҷуд овардани ба ҷойи дигар часпонидани бофтаҳо ва узвҳо фаъолона муттаҳид шуда истодааст. Дар вақти ташхис, муолиҷа ва узви сунъӣ гузоштан роботҳо ва кибертаҷҳизотҳои намуди гуногун истифода шуда истодаанд. Яке аз касбҳои муосири тибби муосир ин маркетологӣ-тиббӣ мебошад. Ин мутахассис аз рӯйи таҳқиқоти бозор дар соҳаи фармакология, хизматрасониҳои тиббӣ, сиёсати маркетинги корхонаҳо ва марказҳои таҳқиқотиро коркард мекунад. Хусусиятҳои зарурӣ барои соҳиб шудан ба ин касб: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, фаъолият бо одамон, муносибат ба мизоҷ нигаронидашуда.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*1.Маснуоти ояндаи худро фикран тасаввур кунед (шакл, андозаҳо, таносубҳо, мавод, ранг).*

*2.Маснуоти ояндаи худро ба дигарон пешниҳод кунед (дар шакли эскизҳо, расмҳо, тафсилоти ҷузъҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо, тавсифҳо ва ғайра).*

*Омили вақт, фазои бисёрченака, дастгирии иттилоотӣ, бонки маводди муосир, тарҳрезии табиӣ ва миқёси калон, амсиласозӣ, моделсозии компютерӣ, арзиши лоиҳа, маркетинг.*

***Ин аҷиб аст***

*Дар ҷаҳон аз ҳама касби васеъ паҳншуда мувофиқи як қатор сарчашмаҳо коркуни савдо, яъне фурӯшанда ба ҳисоб меравад. Ин мантиқан дуруст аст, чунки савдо дар ҳама ҷо мавҷуд аст. Савдо, муомилоти тиҷорӣ аз даврае, ки одамони ибтидоӣ гӯшти мамонтро ба сараки тири камон иваз карданро омӯхтанд, оғоз ёфтааст.*

### *Савол ва супориш:*

1. *Тарроҳ ҳангоми эҷоди фикрии маснуот кадом меъёрҳоро бояд ба назар гирад?*
2. *Моҳияти мафҳуми «фазои бисёрченака» чист?*
3. *Тарроҳ ҳангоми лоиҳакашии маснуоти илмталаб чиро ба назар мегирад?*
4. *Сарчашмаҳои асосии иттилоотро барои тарроҳ номбар кунед.*
5. *Он чизеро, ки ғайриимкон аст, тарҳрезӣ карда наметавонед. Оё ин изҳорот дуруст аст ва чаро?*
6. *Бартарӣ ва нуқсонҳои тарҳрезии табиӣ ва калонҳаҷм кадомҳоянд?*
7. *Намунаи озмоишӣ кай сохта мешавад?*
8. *Кадом моддаҳои хароҷот ба арзиши аслии лоиҳа дохил мешаванд?*

# БОБИ III. АСОСҲОИ СОҲИБКОРӢ

## 10. СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ. МОҲИЯТ, МАҚСАДҲО, ВАЗИФАҲО

Дар олами саноату тиҷорати муосир калимаҳои «бизнес», «соҳибкорӣ», «соҳибкор», «менеҷер», «соҳибмулк»-ро хеле бисёр истифода мебаранд. Ҳамаи ин мафҳумҳо бо ин ё он роҳ ба фаъолияти соҳибкорӣ иртибот доранд. Масалан, маънои таҳтуллафзии калимаи «бизнес» – «business» дар забони англисӣ «шуғл», «машғулият» мебошад. Шуғл ё машғулияти дилхоҳе дар назар аст, ки даромаду фоида меорад. Чи дар забони русӣ ва чи дар забони тоҷикӣ вожаи «бизнес» дар забони гуфтугӯйӣ хеле серистеъмол аст. Калимаи мураккаби «бизнесмен» низ дар байни аҳолӣ мавриди қабули умум гардидааст. Вале дар қонунгузориҳои Тоҷикистон мутаносибан вожаи «соҳибкорӣ» корбаст шуда, калимаи бизнес ба назар намерасад.

Пас, соҳибкорӣ чист? Ин фаъолияти ташаббускорона дар доираи қонунгузории амалкунанда оид ба сохтан, пешбурд ва инкишофи корхона мебошад, ки мақсади он истеҳсолу фурӯхтани маҳсулот ва гирифтани фоида аст. Ва ба назар чунин менамояд, ки вожаи «соҳибкорӣ» фаъолияти дар таърифи боло омадаро нисбат ба калимаи «бизнес» хубтару пурратар ифода мекунад. Ибораи «соҳибкор» дар натиҷаи ҳазфи «и»-и изофа дар ибораи «соҳиби кор» пайдо шудааст. Ибораи охир бошад, ғайр аз маънои мустақими корфармо, боз шахсеро мефаҳмонад, ки аз уҳдаи ҳамин кор мебарояд, зеро ӯ соҳиби кор аст, бо меҳнату машаққати худаш онро ба роҳ мондааст ва аз нозукию гӯшакориҳояш бохабар мебошад. Ва маҳз дар ҳаққи ӯ Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ гуфтааст:

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Фарқи фаъолияти соҳибкорӣ аз дигар намудҳои хоҷагидорӣ, фаъолияти оид ба истеҳсолу фурӯши неъматҳои моддӣ маҳз гирифтани фоида аст. Масалан, машғул шудан дар хоҷагии ёрирасон ё чи тавре ки байни халқ мегӯянд "томарқа": зироаткорӣ ё боғдорӣ низ ба мақсади истеҳсоли неъмати моддӣ сурат мегирад, лекин мақсади он истеъмоли инфиродист, на ба даст овардани фоида.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ» нишонаҳои асосии ин фаъолиятро таҳким намуда, тасдиқ мекунад, ки соҳибкор кори худро:

- аввалан, аз номи худ пеш мебарад;
- дуюм, таваккали кор бар зиммаи ӯст;
- сеюм, масъулияти амволӣ низ ба уҳдаи ӯст.

Моҳиятан, ҳар се шарт таъкид мекунанд, ки соҳибкор дар машғул шудан ба кори худ ва гирифтани фоида аз он озод аст. Ҳамчунин, ӯ дар комёб гардидану фоида гирифтан ё ноком шудану касод гардидан ва ҳатто маҳрум шудан аз амволи худ озод аст.




**Расми 15.** *Намудҳои соҳибкорӣ*

Қонун шарҳ медиҳад, ки субъекти дилхоҳи ҳуқуқ чӣ симои физикӣ ва чи симои ҳуқуқӣ ба машғул гардидан ба соҳибкорӣ ҳақ дорад.

**Шахси физикӣ** ё симои воқеӣ – одами озоди дилхоҳ, шаҳрванди ҳамин мамлакат, хориҷӣ, ҳатто шахси бетабаа, ки дар иқтисодиёт мустақилона амал мекунад, ҳуқуқи амалигардонии тадбирҳои хоҷагӣ, ворид шудан ба муносибатҳои хоҷагидорӣ бо дигар симоҳои физикӣ ва симоҳои ҳуқуқӣ дорад. Симои физикӣ аз номи худ амал мекунад, мисли симои ҳуқуқӣ ба ташкил ва номнавис кардани корхона эҳтиёҷ надорад.

**Симои ҳуқуқӣ** ташкилот, корхона, ширкат мебошад. Он ҳамчун ҳомили ягонаи мустақили ҳуқуқ ва уҳдадориҳо баромад мекунад, номи худ, оиннома (низомнома), суроғаи ҳуқуқӣ, муҳр, суратҳисоб дар бонк дорад. Симои ҳуқуқӣ аз қайди давлатӣ мегузарад, яъне номнавис мешавад, номи ӯро дар реестри давлатӣ сабт менамоянд.

Вожаҳои калидии соҳибкории озод – **мустақилият** ва **ташаббускорӣ** мебошад. Ин вожаҳо маънои зеринро доранд: мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ танҳо дар доираи муқарраркардаи қонун ба фаъолияти соҳибкорӣ дахолат карда метавонанд. Фаъолияти

соҳибкорӣ бидуни фармонфармоии планию маъмурии мустақим амалӣ мегардад. Фаъолияти соҳибкорӣ аз соҳибкор ташаббускории тиҷоратӣ, корчаллонӣ, қобилияти қабули қарор бо назардошти таваккал (риск)-ро тақозо мекунад.

Соҳибкор дар ҷустуҷӯйи озодонаи идеяю технологияҳои нав, ашёи хоми нави нисбатан босарфаю фоидаовар, бозорҳои нави фурӯши маҳсулот, хуллас, тамоми он чизҳое мебошад, ки фаъолияти корхонаи ӯ, ширкати тиҷоратӣ ё фермаи кишоварзии ӯро самарабахштар карда метавонанд. Ӯ мунтазам бояд пайгирӣ кунад, ки маҳз имрӯз дар бозор кадом мол талабот дорад ва серхаридор аст, ба одамон пагоҳ чӣ лозим мешавад. Ӯ бояд ҳамеша бохабар бошад, ки дар рақибонаш, яъне соҳибкорони дигар кадом навгониҳо арзи ҳастӣ кардаанд.

Ҳамин тариқ, ба мадди аввал чунин хислати соҳибкорӣ, мисли **навҷӯйӣ** мебарояд. Вақте ки дар мамлакат садҳо ҳазор соҳибкорон амал мекунанд ва онҳо гӯё аз пайи **фоидаи** худанд, тамоми хоҷагии мамлакат инкишоф ёфта, пеш меравад, ҳосилнокии меҳнат меафзояд, пешрафти техникӣ амалӣ мегардад.




**Расми 16.** *Мақсадҳои фаъолияти соҳибкорӣ*

Иқтисоддони амрикоӣ А. Мескон қайд мекунад: «Соҳибкор шахсест, ки ҳангоми сохтани ташкилоти нав ё ҳини ҷорӣ намудани ғоя, маҳсулот ва хизмати нав таваккал мекунад». Маҳз ҳамин таваккал ба фаъолияти соҳибкор ҷаззобияти бозии мароқоварро ато мекунад.

Соҳибкорӣ на танҳо дар соҳаи хочагидорӣ ё тиҷорат, балки дар ҳамаи риштаҳои ҳаёт татбиқпазир аст, ба ибораи дигар соҳибкорӣ як хислати шахсият аст. Ташаббускорӣ, уҳдаборой, омодагӣ ба таваккал кардан ва ба зимма гирифтани масъулияти амалҳои худ ба татбиқи бисёр ғояҳои далеронаю маҳсулбахш имконият фароҳам меоранд.

Хулоса, имкони дар амал татбиқ кардани қобилияту истеъдод, аз ҷумла соҳибкорӣ танҳо дар низоми иқтисодие имконпазир аст, ки ба моликияти хусусӣ асос ёфта бошад. Зеро танҳо пурра соҳиби амвол, сармоя, воситаҳои истеҳсолот, замин будан имкон медиҳад ин захираҳо тез мавриди ихтиёрдорӣ қарор гиранд; робитаю ҳамкории мутақобилаи аз хама самарабахшу муфиди онҳо ба роҳ монда шавад, молу хизмат ва шаклҳои нави ташкили меҳнат, ғояҳои нав пешниҳод гарданд.

Зимнан, дар назар доштан лозим аст, ки ҳангоми татбиқи ғояҳои наву навовариҳои дигар соҳибкор масъулиятро пурра ба уҳдаи худ мегирад, бо кору амволи худаш таваккал мекунад. Ба ин амал ӯро на танҳо хоҳиши худаш, балки рақибон, яъне бизнесменҳое, ки мисли ӯ кор мекунанд, водор месозанд.

Бинобар ин, соҳибкории озод унсури сохтории иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад (сохторӣ ба маънои ташкилкунанда аст). Он инкишофи муттасилу такмили низоми иқтисодии мамлакат, таҷдиди дониши онро таъмин карда, муҳити инноватсиониро ба вуҷуд меорад.




**Расми 17.** *Соҳибкории озод*

Соҳибкор ба саволҳои зерин чӣ хел ҷавоб мегардонад:

1. Чӣ истеҳсол кардан лозим аст? Молу хизматҳоеро истеҳсол мекунад, ки истеъмолкунандагон ба онҳо эҳтиёҷ доранд.

2. Чӣ тавр истеҳсол кардан лозим аст? Молу хизмат бояд аз рӯйи чунин технология истеҳсол карда шаванд, ки фоидаи ҳадди аксар таъмин гардад.

3. Истеъмолкунандаи молу хизмат кист? Касе, ки маблағ дорад.

*Мутахассис оид ба низомҳои барқтаъминкунии маҳаллӣ. Бо коркард, татбиқ кардан ва хизматрасонии низоми энергогенератсияи хурд машғул мебошанд. Сифатҳои шахсӣ: тафаккури низамманд, иртиботи байни соҳавӣ, барномасозӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Соҳибкорӣ, соҳибкор, фаъолияти соҳибкорӣ, корчаллонӣ, бизнес, рақобат, моликият, моликияти хусусӣ, инноватсия, симои воқеӣ, симои ҳуқуқӣ, қонун дар бораи соҳибкории ҶТ.*

## КОРИ АМАЛӢ

*Потенсиали худро чун соҳибкор арзёбӣ кунед.*

*Саволҳоро бо диққат мутолиа кунед ва дар шакли «ҳа» ва «не» ҷавоб диҳед.*

*1. Шумо иҷро кардани кори мураккаб, вале ҷолибро дӯст медоред?*

*2. Шумо ақаллан барои як сол нақшаи худтакмилдиҳӣ доред?*

*3. Шумо роҷеъ ба ҳолати саломатӣ ва қобилияти кориатон ғамхорӣ зоҳир мекунед?*

*4. Шумо ба худ эътимод доред?*

*5. Оё шумо ҳангоми қабули қарор муносибати эҷодии ҷолиби диққатро тез-тез истифода мебаред?*

*6. Оё шумо дар муносибат бо одамон ва рафторатон таҳаммулпазиру тағйирпазир ҳастед?*

*7. Барои бо дигар одамон ҳамкорӣ кардан ҷидду ҷаҳд мекунед?*

*8. «Суботкор ва зуд мутобиқшаванда» – ин тавсифҳо хусусиест, ки шуморо инъикос мекунанд?*

*9. Шумо кору комёбиҳоятонро мунтазам арзёбӣ мекунед?*

*10. Оё шумо тараққии соҳибкориро асоси иқтисоди мамлакат ҳисоб мекунед?*

*11.Оё шумо муътақид ҳастед, ки соҳибкор бояд қоидаҳои амалкунандаи андозбандӣ, ҳисобкарди музди меҳнат, пешбурди ҳуҷҷатҳои муҳосибиро донад?*

*12. Оё шумо ба миқдори кофӣ воситаҳои молиявӣ доред, ки корхонаи худро дар давоми соли аввали мавҷудияташ нигоҳ доред?*

*13. Оё шумо вижагии фаъолияти соҳибкориатонро муайян кардаед?*

*14. Оё шумо ояндаи фаъолиятатонро возеҳ тасаввур мекунед?*

*15. Дар вақти қабули қарорҳои муҳим шумо бо қатъият амал мекунед?*

*17. Оё шумо арзишҳои худро бо талаботи ахлоқ муқоиса мекунед?*
*18. Оё шумо ба мақолаю китобҳо дар мавзуъҳои иқтисодӣ мароқ доред?*
*19. Оё медонед, ки кадом сифатҳои шахсиятӣ сифатҳои муҳимми касбӣ ба шумор меравианд?*
*20. Оё шумо муътақидед, ки доштани кори худ орзуи асосии шумост?*

Ба ҳар ҷавоби «ҳа» як балл дода мешавад.

Мифтоҳи тест: агар шумо 17-20 балл гиред, пас, чун соҳибкор захираи ба қадри кофӣ баланд доред. 13-16 балл шоҳиди он аст, ки захираи соҳибкории шумо ба такмил эҳтиёҷ дорад. 12 балл ва аз ин камтар нишон медиҳад, ки шанси соҳибкор шудани шумо зиёд нест. Худро дар ҷабҳаи дигари фаъолият санҷида бинед. Вале дар хотир нигоҳ доред: комёбию муваффақият танҳо насиби одамони суботкор, қатъӣ, боирода мешавад.

***Савол ва супориш:***

*1. Шумо зери мафҳуми «соҳибкорӣ» ва «бизнес» чиро мефаҳмед?*
*2. Барои инкишофи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон кадом шароит заруранд?*
*3. Фаъолияти кадом соҳибкорони муосир ба шумо таъсири бештар мерасонад?*
*4. Ин одамон кадом сифатҳои махсуси соҳибкоронро доранд?*
*5. Онҳо дар фаъолияти худ кадом принсипҳоро ба роҳбарӣ мегиранд?*
*6. Дар бораи сифатҳои касбии мутахассис оид ба низомҳои энергиятаъминкунии маҳаллӣ маълумот диҳед.*

## 11. ҶОМЕАИ МЕҲНАТӢ. ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ

Ҷомеаи меҳнатӣ чист? Ҷомеа ин иттиҳоди ду ва ё бештар одамоне аст, ки мақсади умумӣ, қоидаҳою меъёрҳои муайян, сохтори ташкилии худӣ ва низоми коммуникатсия, яъне иртибот ва ҳамдигарфаҳмӣ доранд.

Дар раванди меҳнат байни коргарону кирокунандагон, ки музди меҳнати онҳоро мепардозанд, муносибат пайдо мешавад.

Ин муносибатҳоро муносибатҳои меҳнатӣ меноманд. Дар бозори меҳнат қувваи корӣ моле ба ҳисоб меравад, ки онро соҳибаш, яъне коргар ба нархи муайян мефурӯшад.

Муомилаи хариду фурӯш ба амал меояд ва байни маъмурияти корхонаю меҳнаткаш муносибатҳои кирои қувваи корӣ сурат мегирад. Зимнан ҳар тараф дар амалиёти худ озод аст, яъне ҳақ дорад ба шароити хариду фурӯш розӣ шавад ё розӣ нашавад. Қонун ба кироякунанда поймол намудани ҳуқуқи кирояшавандагонро аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ, миллӣ ва нажодӣ манъ кардааст. Муносибатҳои меҳнатӣ дар рафти фаъолияти меҳнатӣ дар асоси муоҳида ё қарордод сурат мегирад ва бо шартномаи меҳнатӣ танзим карда мешавад.

Дар корхона муносибати байни коргар ва маъмурият дар шартномаи коллективӣ инъикос меёбад. Шартномаи коллективиро аз як тараф намояндагони ширкат, корхона, нોиб-директори ширкат оид ба муносибатҳои меҳнатӣ ва адвокатҳо, аз тарафи дигар, кумитаи иттифоқи касабаи корхона муҳокима мекунанд. Қоидаҳои бурдани гуфтушунидро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Матни шартномаи коллективӣ қисмҳои зеринро дар бар мегирад: 1. Сиёсати кадрӣ (ба кор қабул кардан ва сабукдӯш кардан, баланд бардоштани ихтисос, кафолати иштиғоли коргарон). 2. Пардохти музди меҳнати кормандони корхона. 3. Вақти кор ва вақти истироҳати коргарон. 4. Муҳофизати меҳнати коргарони корхона. 5. Ташкили кор оид ба суғуртаи иҷтимоӣ. 6. Гузаронидани кори фарҳангию оммавӣ ва тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ. 7. Шароити иҷтимоию маишии меҳнати коргарон.

Роҳбари корхона (фирма) метавонад бо коргарони алоҳида қарордод баста, дар он ҳамаи моддаҳои қарордодро қайду шарт кунад.

Қарордод бо коргари корхона нуктаҳои зайлро дар бар мегирад: 1. Вазифаҳои тарафайн. 2. Ҳуқуқу уҳдадориҳо. 3. Муҳлати қарордод. 4. Асос барои лағви қарордод бо ташаббуси роҳбар ё коргар. 5. Музди меҳнат. 6. Рӯзи кор (аз … то …). 7. Ҳафтаи кор бо рӯзҳои истироҳат (номи рӯзҳо қайд мешавад). 8. Рухсатии ҳарсола бо идомати … рӯзи тақвимӣ. 9. Имтиёзу кафолатҳо . 10. Суғурта. 11. Ғамхорӣ дар бораи саломатӣ.

*Ҳифзи ҳуқуқи меҳнати коргар*. Ҳуқуқҳои меҳнатии одамонро қонунгузории меҳнат, ки дар он қоидаҳои пешниҳод кардани

кор, киро, сабукдӯш кардан, ҳифзи меҳнат, рухсатӣ, истироҳат, ҷуброни шароити зарарноку мушкили кор, маҳдудияти идомати рӯзи корӣ ва ҳатмияти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ пешбинӣ шудаанд, ҳифз мекунад.

Дар сурати ба миён омадани низою баҳс байни коргар ва маъмурият манфиати коргарро мақомоти давлатии ҳукумат, ки муносибатҳои меҳнатӣ дар салоҳияти онҳост ва мақомоти ҳуқуқӣ дар симои прокуратураю суд ҳимоя карда метавонанд.

Манфиатҳои коргаронро ҳамчунин ташкилотҳои иттифоқи касаба, ки дар корхона ташкил шудаанд, ҳимоя мекунанд. Онҳо дар муносибати байни ҷомеаҳои меҳнатӣ ва маъмурияти корхона тарафи сеюм мебошанд. Иттифоқҳои касаба мунокишаҳои меҳнатӣ, ҷанҷолҳоро ҳал карда, ба бастани созишномаҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд. Худи коргарони ҷомеаи меҳнатӣ имкониятҳои васеи ҳифзи ҳуқуқҳояшонро бо роҳи таъсиси мақомоти худидоракунӣ, кумитаҳои коргарӣ, шурои ҷомеаҳои меҳнатӣ доранд.

Ҳосилнокии меҳнат қобилияти дар вақти муайян истеҳсол кардани як миқдор маҳсулот ё расонидани хизмат аз ҷониби инсон аст. Ин нишондиҳандаи самарабахшии кори корхона буда, бо миқдори маҳсулоти дар як соат, баст, моҳ, сол истеҳсолкарда ҳисоб мешавад. Он дар шакли натура (мол, чиз, озуқа, маҳсулот) ва пул муайян карда мешавад. Дар ифодаи натуравӣ ҳосилнокии меҳнат чун ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба миқдори коргарони корхона тақсим карда шудааст, ё чун ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба вақти масрафгардида тақсим шудааст, муайян карда мешавад.

Дар ифодаи пулӣ ҳосилнокии меҳнат чун арзиши маҳсулот, ки ба миқдори коргарон тақсим шудааст, ё чун арзиши маҳсулот, ки бо вақти масрафгардида тақсим шудааст, муайян карда мешавад. Дар миқёси минтақа, соҳа ва мамлакат ҳосилнокии меҳнат бо бузургии маҷмуи маҳсулоти миллӣ ё даромади миллӣ, ки ба як коргари машғули кор дар як сол рост меояд, андоза гирифта мешавад.

Коркард  миқдори вақтест, ки ба тайёр кардани воҳиди маҳсулот сарф шудааст.

Роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ҳам инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъӣ буда метавонанд. Шартҳои зерин метавонанд аз ҷумлаи шартҳои муҳимтарин бошанд:

- ҳавасмандию манфиатнокии коргарон;

- тахассусмандӣ, яъне касбият, таҷриба, дониш;

- ташкили меҳнат, сифати идоракунии истеҳсолот. Ин мафҳуми серомил аст. Ба он нақшагирию мутобиқгардонии амалиёти коргарон, таъмини тартибот ва интизоми меҳнат шомил мешаванд. Ба афзоиши ҳосилнокии меҳнати дастаҷамъӣ махсусгардонӣ ва кооператсия мусоидат мекунанд;

- сифати мошинҳо, таҷҳизот, пешқадам будани равандҳои технологӣ.

Ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнат ду мафҳуми ба ҳам алоқаманд мебошанд. Чӣ қадаре ки ҳосилнокии меҳнат баланд бошад, бояд музди меҳнат ҳамон қадар баланд шавад. Дар саноат шаклҳои зерини музди меҳнат мавриди истифода қарор мегиранд: корбайъ, вақтбайъ, шартномавӣ.

Шакли корбайъи музди меҳнат ба низомҳои зерин тақсим мешавад:

1. Инфиродӣ, ки дар он ҳар коргар бо кор таъмин аст ва кори ӯро ба меъёру ба ҳисоб гирифтан имконпазир мебошад;

2. Дастаҷамъӣ, ки дар шаклҳои коллективии ташкили меҳнат истифода мешавад.

3. Бригадавӣ, ки дар он пардохт аз рӯйи як супоришнома (наряд) бо тақсими музди меҳнати умумӣ байни аъзои бригада бо назардошти коэффитсиенти иштироки меҳнат (КИМ) ба амал бароварда мешавад.




**Расми 18.** *Музди меҳнати корбайъ ва вақтбайъ*

Дар истеҳсолот намудҳои дигари пардохти музди меҳнат, аз қабили пардохти яклухти музди кор (аккордӣ) (масалан, ҳангоми садама, рафъи оқибатҳои сӯхтор, обхезӣ ва ғайра) истифода бурда мешаванд. Нархномаи корбайъ якбора ба ҳамаи ҳаҷми кор бидуни тақсим кардани он ба амалҳои алоҳида сурат мегирад ва то оғози кор маблағи умумӣ ва мӯҳлати иҷрои тамоми ҳаҷми кор

нишон дода мешавад. Пардохти корбайъи ғайримустақими музди меҳнат – музди коргар аз натиҷаи кори коргарони асосии корбайъ, ки ӯ ба онҳо хизмат мерасонад, вобаста мебошад.

Низомҳои корбайъу мукофотӣ ва вақтбайъу мукофотиро ҷудо мекунанд. Дар ин низом коргарон барои иҷро кардан ва барзиёд иҷро кардани нишондодҳои муқарраргардидаи мукофотонӣ мукофот мегиранд.

Нишондиҳандаҳои мукофотонӣ шуда метавонанд: беҳтар кардани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва беҳтар кардани нишондиҳандаҳои сифатии кор. Ин баланд бардоштани устуворию сифат, кам кардани нуқсон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот ва ғайра мебошад.




**Расми 19.** *Шаклҳои пардохти музди меҳнат*

Дар иқтисодиёти бозорӣ низоми шартномавии пардохти музди меҳнат истифода мешавад. Он мумкин аст барои як воҳиди маҳсулот ва ё ҳаҷми муайяни кор пардохта шавад.




*Расми 20. Музди меҳнат*

*Лоиҳакаши низоми рекуператсия (аз нав қобили истифода кардани моддаҳои дар ягон раванди технологӣ сарфшуда). Мутахассис оид ба ҳалли технологӣ барои дошта гирифтани энергияи изофаи воситаҳои ҳаракаткунанда, дар навбати аввал, ҳангоми боздорӣ, масалан, нақлиёт, нақлиёти электрикии шаҳрӣ мебошад. Сифатҳои шахсӣ: тафаккури низомманд, барномасозӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, иртиботи байнисоҳавӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Ҷомеаи меҳнатӣ, қарордод, шартномаи дастаҷамъӣ (коллективӣ), ҳосилнокии меҳнат, коркард, пардохти корбайъ, пардохти вақтбайъи музди меҳнат, пардохти шартномавӣ, пардохти аккордӣ, пардохти ғайримустақими музди меҳнат.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*1.Корхонаи (ширкати) дилхоҳи шаҳр, шаҳрак ё минтақаатонро интихоб кунед. Ҷадвали кории он (давомнокии рӯзи кор бо танаффуси нисфирӯзӣ, имтиёзҳои коргарон), ҳифзи меҳнати коргарони ҳамин корхонаро (ширкатро) тавсиф кунед.*

*2.Коргар дар як баст маҳсулоти арзишаш 30 сомониро истеҳсол кард. Ба ӯ ҳамин қадар музди меҳнат додан мумкин аст? Ҷавобро шарҳ диҳед.*

| Ин аҷиб аст | *Луи Шевроле, муҳандис, ронанда ва муассиси консерни Chevrolet ҳиссаи худро дар ширкат фурӯхт ва як қатор корхонаҳои дигарро таъсис дод. Дере нагузашта, пас аз огози депрессияи бузург, Луи муфлис шуд ва маҷбур шуд, ки ҳамчун як механики одӣ то охири умраш дар корхонаи Chevrolet дар Детройт кор кунад.* |
|---|---|

**Савол ва супориш:**

1. *Эҷодкорона нишонаҳои ҷомеаи меҳнатиро номбар кунед.*
2. *Дар созишномаи меҳнатӣ байни коргару корфармо кадом ҳуқуқу уҳдадориҳои асосӣ бояд қайду шарт шаванд?*
3. *Қарордод байни кӣ баста мешавад ва он кадом пунктҳои асосиро дар бар мегирад?*
4. *Ба қарордод кадом шартҳои иловагиро ворид сохтан мумкин аст?*
5. *Ҳосилнокии меҳнати челонгар, дӯзанда, гилкор чӣ хел ҳисоб карда мешавад?*
6. *Ҳангоми ҳисобкарди музди меҳнати дӯзанда, челонгар, ҳаррот, омӯзгор, директори корхона кадом шаклҳои пардохти музди меҳнатро истифода бурдан мумкин аст?*
7. *Мазмуни меҳнати лоиҳакаши низоми рекуператсияро шарҳ диҳед.*

## 12. АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ

Арзиши аслӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии самарабахшии фаъолияти хоҷагидории корхона мебошад.

Асоснокии нарх аз сифати ҳисобу китоби арзиши аслӣ вобаста аст. Арзиши аслӣ на танҳо хароҷотро ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар бар мегирад, балки механизми иқтисодии ҷуброни ин хароҷотро кушода медиҳад. Вобаста ба пуррагии дохил шудани хароҷот арзиши аслиро ба коргоҳӣ, истеҳсолӣ ва пурра (тиҷоратӣ) тақсим мекунанд.

Арзиши аслии коргоҳӣ хароҷоти қисмҳои мушаххасро ба тайёр кардани маҳсулот дар бар мегирад.

Арзиши аслии истеҳсолӣ арзиши аслии коргоҳӣ ва хароҷоти умуми корхонагиро (хароҷоти пардохти музди меҳнати кормандони идора ва хизматрасон, нигоҳдорию таъмири иншооту биноҳо, хароҷоти ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ғайра) дар бар мегирад.

Арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ) аз арзиши аслии истеҳсолӣ ва хароҷоти ғайриистеҳсолотӣ (хароҷоти фурӯши маҳсулот, тайёр кардани кадрҳо ва ғайра) ташаккул меёбад.

Аз нуқтаи назари нархгузорӣ арзиши аслӣ ба инфиродӣ ва арзиши аслии зарурии ҷомеавӣ ҷудо мешавад. Арзиши аслии инфиродӣ шароити мушаххаси кори корхонаро инъикос мекунад. Аз рӯйи арзиши аслии инфиродӣ баҳо додан мумкин аст, ки фондҳои асосии истеҳсолӣ, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ то чи андоза оқилона мавриди истифода қарор мегиранд ва идоракунии корхона то кадом андоза самарабахш аст.

Ҷамъбасти маълумот дар бораи арзиши аслии инфиродии маҳсулоти мушаххас дар корхонаҳои гуногун имкон медиҳад арзиши аслии зарурии ҷомеавии ҳамин маҳсулот муайян карда шавад.

Дар намуди нисбатан сода арзиши аслии маҳсулотро дар шакли формулаи зерин ифода кардан мумкин аст.

$А=Х_{м}+Х_{мм}+П_{си}+П_{и}+П_{қк}+Х_{диг}$;

дар ин ҷо А – арзиши аслӣ (мол, хизмат);

$Х_{м}$ – хароҷоти моддӣ ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;

$Х_{мм}$ – хароҷоти музди меҳнат;

$П_{си}$ – пардохти суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;

$П_{и}$ – пардохти истеҳлокӣ ба барқарор кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ (истеҳлок ё амортизатсия интиқоли арзиши фондҳои асосӣ ба маҳсули нав сохта шуда мебошад);

$П_{қк}$ – пардохт аз рӯйи қарзҳои кӯтоҳмуҳлати бонкҳо;

$Х_{диг}$ – хароҷоти дигар ба истеҳсолу фурӯши маҳсулот; аз ҷумла хароҷоти ҳамон намудҳои таъмири фондҳои асосии истеҳсолӣ

Ҳисобкарди истеҳлок дар асоси маълумоти зерин сурат мегирад:

- арзиши пурраи воситаҳои асосии дар раванди истеҳсолот истифодашаванда (бино, дастгоҳ, нақлиёт ва ғайра);
- муҳлати пурраи меъёрии истифода воситаҳои асосӣ;
- миқдори воҳиди мол, ки бо иштироки воситаҳои асосӣ (ё муҳлати истифодаи онҳо) истеҳсол карда мешавад;
- аз рӯйи меъёрҳои муқарраргардида;

$П_{и}=А_{ф}$ х $М_{п}$=100, ки дар ин ҷо

$П_{и}$ – пардохти истеҳлокӣ, с;

$М_{п}$ – меъёри пардохти истеҳлокӣ, %;

$А_{ф}$ – арзиши фондҳои асосӣ (таҷҳизот, дастгоҳҳо, биноҳо, мошинҳо, ки дар раванди истеҳсоли маҳсулот иштирок мекунанд),с.




**Расми 21.** Арзиши аслии маҳсулот

Ҳисобу китоби пардохтҳои истеҳлокии ҳар унсури техникӣ дар алоҳидагӣ ба амал бароварда мешавад. Бузургии ҷамъулҷамъии он дар ҳисобу китоб ба ҳар воҳиди маҳсулоти молӣ ба хароҷоти истеҳсолот дохил карда мешавад. Баъди фурӯши мол муодили пулии он ба суратҳисоби махсуси истеҳлокӣ гузаронида мешавад, ки дар он таҷаммуи маблағи матлуб барои иваз кардани унсури техникии истеҳсолот дар сурати фарсудашавии он ба амал меояд.

Ба таркиби арзиши аслӣ пардохтҳои зерин дар шакли пулию натура дохил карда намешаванд:

- ёрии моддӣ ба кормандони корхона;
- мукофотпулӣ аз рӯйи ҷамъбасти сол;
- пардохти рухсатиҳои иловагии бо қарори ҷомеаи меҳнатӣ (бар иловаи пешбиникардаи қонунгузорӣ) ба занони кӯдаконро тарбиякунанда, иловапулӣ ба нафақаи онҳо.
- кумакпулии якдафъаина ба ветеранҳои меҳнат, ки ба нафақа мебароянд;
- даромади саҳмияҳо, пардохт аз рӯйи пайҳо, баъзе пардохтҳои дигар. Ҳамаи ин пардохтҳо аз фоидае ба амал бароварда мешавад, ки баъди супурдани андозҳо дар ихтиёри корхона мемонад.

Муайян кардани арзиши аслии воҳиди маҳсулот (маснуот, намуд, гурӯҳ) тибқи моддаҳои харочот калкулятсия (нархгузорӣ) номида мешавад.

Номгӯйи моддаҳои харочот барои ҳар як корхона, ширкат гуногун мешавад. Бинобар ин, кори (бизнеси) худро оғоз намуда, тавсияҳои методии соҳае, ки ширкат ё корхона ба он дахл дорад, ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст.

Воҳиди нархгузорӣ (калкулятсионӣ) ин воҳиди андозагирии худи объекти нархгузорӣ аст: маҳсулоти тайёр, кор, маҳсулоти нимтайёр, гиреҳҳо, қузъиёти алоҳида. Масалан, дар саноати бофандагӣ матои артикули муайян воҳиди нархгузорӣ ба шумор меравад.

Барои таҳлили сатҳ, сохтор ва динамикаи арзиши аслии маҳсулот гурӯҳбандии харочот ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот аз рӯйи унсурҳои иқтисодии харочот ва моддаҳои калкулятсия аҳаммияти калон доранд.




**Расми 22**. *Масрафҳо барои омода намудани маҳсулот*

*Ҷадвали 3*

| Унсурҳои харочот | Моддаҳои калкулятсия |
|---|---|
| 1. Ашёи хом ва масолеҳи асосӣ<br>2. Маводди ёрирасон<br>3.Сӯзишворӣ<br>4. Энергия<br>5. Истеҳлоки фондҳои асосӣ<br>6. Музди меҳнат<br>7. Пардохт ба суғуртаи иҷтимоӣ<br>8. Харочоти дигар | 1. Ашёи хом ва масолеҳ<br>2. Сӯзишворӣ ва энергия ба мақсадҳои техникӣ<br>3. Музди кори асосии истеҳсолӣ<br>4. Пардохт ба суғуртаи иҷтимоӣ<br>5. Харочот ба тайёрӣ ва азхудкунии истеҳсолот<br>6. Харочот ба нигоҳдорӣ ва истифодаи таҷҳизот<br>7. Харочоти коргоҳӣ<br>8. Харочоти умумии корхона<br>9. Талафот аз нуқсон<br>10. Харочоти дигари истеҳсолӣ<br>11. Харочоти берун аз истеҳсолӣ |

Гурӯҳбандии харочот аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ барои муайян кардани талаботи корхона ба захираҳои истеҳсолӣ, тавсифи иқтисодии корхонаю соҳа, муайян кардани андозаи даромади миллӣ зарур аст.

Гурӯҳбандии харочот аз рӯйи моддаҳои калкулятсия мақсадҳои дигар дорад. Дар калкулятсия харочот вобаста ба таъинот ва қитъаҳои истеҳсолот, ки дар он қитъаҳо харочот ба амал омадаанд, гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ҳисобу китоби харҷҳо оид ба моддаҳои калкулятсия барои ҳисоб кардани харҷҳо тибқи қисмҳо ва намудҳои алоҳидаи маҳсулоти истеҳсолшаванда, муайян кардани таъсири чунин омилҳо, мисли тағйирёбии ҳаҷми истеҳсол, талаф аз нуқсон, бекористӣ ва ғайра ба арзиши аслӣ зарур аст.

Сохтори арзиши аслӣ ин таносуби фоизии намудҳои алоҳидаи харҷ мебошад. Таҳлили сохтори харҷҳои истеҳсоли маҳсулот имкон медиҳад захираҳои асосӣ ва роҳҳои кам кардани арзиши аслӣ ошкор карда шаванд.

Масалан, ду корхона – № 1 ва № 2 (ҷадвали 4) мавҷуданд.

*Ҷадвали 4*

| Номи моддаҳо | % | |
|---|---|---|
| | Корхонаи № 1 | Корхонаи № 2 |
| Ашёи хом ва масолеҳи асосӣ | 50 | 10 |
| Маводди ёрирасон | 6 | 6 |
| Сӯзишворӣ | 13 | 6 |
| Энергия | 6 | 7 |
| Хароҷоти дигар | 5 | 6 |
| Пардохти истеҳсолӣ | 5 | 15 |
| Музди меҳнат бо пардохти суғуртаи иҷтимоӣ | 15 | 50 |

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки барои паст кардани арзиши аслии маҳсулот ба корхонаи якум зарур аст оид ба сарфаю истифодаи оқилонаи ашёи хом, масолеҳ, фонди музди меҳнат тадбирҳо андешад.

Корхонаи дуюм бошад, бояд ба сарфаи фонди музди меҳнат бештар аҳаммият диҳад.

Дар поён ҳисобу китоби эҳтимолӣ ё намунавии арзиши аслии як курсиро дар истеҳсолоти инфиродӣ меорем (Дар ин ҷо ва баъдан нархҳо шартианд).

Маълумоти ибтидоӣ: барои сохтани як курсӣ 0,032 $м^3$ чӯб (арзиши 1$м^3$ чӯбу тахта – 500 сомонӣ), 30 грамм мех (нархи як кг мех 8 сомонию 75 дирам), 50 грамм шireши дуредгарӣ (нархи 1 кг ширеш – 4 сомонию 50 дирам) лозим аст.

Ҳисобу китоби арзиши аслиро аз рӯйи формулаи зерин амалӣ мегардонем:

$Х_м + П_и + Х_{км} + П_{си} + Х_{диг}$

Хароҷоти моддиро муайян мекунем:

Хароҷоти моддии ин арзиши масолеҳ, ҷамъи музди неруи барқ, ҷамъ хароҷоти нақлиётӣ аст.

Арзиши масолеҳ:

(500х0,032)+(8,75х0,03)+(4,5х0,05)=16с+0,3с+0,2с=16 сомониву 50 дирам.

Пардохти музди неруи барқ 1кВс= 9 дирам аст. Бо назардошти хароҷоти нақлиётӣ ҳосил мекунем:

$Х_м$= 17 сомонииву 33 дирам

Муайян кардани $X_{км}$:

Дар давоми як моҳ хонандагон агар дар як ҳафта дусоатӣ се бор кор кунанд, панҷ курсӣ сохта метавонанд. Пас, ба як курсӣ 4,8 соат сарф мекунанд. Бигзор арзиши як соати кор 0,7 сомонӣ бошад, пас як курсӣ

0,7 сомонӣ х 4,8=3 сомонию 36 дирам мешавад.

Пас, 39%-и $X_{мм}$-ро ташкил мекунад.

$$\frac{3{,}36c \times 39}{100} = 1c$$

$X_{диг}$ пардохти хизматҳои гуногуни дигари ташкилот, сафарҳои хизматӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар мисоли мо чунин хизматҳо вуҷуд надоранд.

*Истеҳлоки фондҳои асосӣ.* Барои тайёр кардани курсӣ ба мо як дастгоҳ, барои буридани тахта, болға, арра, ранда лозим аст. Фарз мекунем, ки дастгоҳ 780 сомонӣ нарх дорад. Меъёри истеҳлоки ҳарсола 14%, яъне 104 сомонӣ аст. Дар як сол бо дастгоҳ 60 $мм^3$ чӯбро коркард кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат истеҳлоки 1$мм^3$ баробар ба:

$$\frac{109c}{60} = 1c.80д$$

Пардохти истеҳлокии як курсӣ баробари 0,06 с аст. Истеҳлоки асбоби заруриро ҳисоб мекунем, ки арзиши онҳо баробар аст ба:

болға –15 сомонӣ, арра – 34 сомонӣ, ранда – 15 сомониву 90 дирам. Ҷамъ 64,90 сомонӣ.

Асбоб баъди ду сол пурра аз эътибор соқит карда мешавад. Пас, истеҳлок дар як моҳ баробар аст бо:

$$\frac{64{,}90}{24} = 2{,}70c$$

Ба як курсӣ - $\frac{2{,}70c}{5} = 0{,}54c$

$П_и$=6д+54д=60 дирам

Арзиши истеҳсолии як курсиро муайян мекунем:

Аис=17,32+0,60+5,00=22,92 сомонӣ

Агар хароҷоти фурӯш 3%-ро ташкил кунад, пас

$$\frac{22{,}92 \times 3}{100} = 0{,}69c$$

Пас, дар ин сурат арзиши аслии пурраи тайёр кардани курсӣ баробар аст бо:

Ак=22,55+0,69=23,24 сомонӣ

Барои муайян кардани нархи яклухт бояд фоизи тачаммуъ, яъне фоидаи меъёрӣ ворид карда шавад. Он барои ҳар як намуди маснуот фарқ мекунад, зеро хароҷоти онҳо низ аз ҳам фарқ дорад.

Фарз мекунем, ки фоидаи меъёрӣ барои тайёр кардани курсӣ ва васеъ кардани истеҳсолот 25%-ро ташкил мекунад, яъне

$$\frac{23{,}24\textit{сом} \times 25}{100} = 5{,}81\textit{с}$$

Пас дар ин мавриад нархи яклухт баробар аст ба:

23,24х5,81=29,05 с.

Ҳамин тавр, нархи яклухти як курсӣ 29 сомониву 59 дирам аст.

**Тарроҳи ҳомили таҷҳизоти энергӣ** – *мутахассиси ин соҳа бо эҷодкунии молҳои истифодаи фардӣ (либос, пойафзол ва ғайра) бо функсияҳои микрогенератсияи энергия машғул мебошанд. Дар даҳсолаи оянда соҳаи мазкур талаботи зиёдро соҳиб мегардад. Сифатҳои касбӣ: тафаккури низоманд, барномасозӣ, робототехника, зеҳнӣ сунъӣ, иртиботи байни соҳавӣ, роҳбарӣ бо лоиҳаҳо, малакаи эҷодиёти бадеии ба мизоҷ нигаронидашуда, забондонӣ, маданиятдонӣ, кор бо одамон.*

*Арзиши аслӣ, маҳсулот, воҳиди калкулятсия, калкулятсия, смета, унсури харҷ, моддаи калкулятсия, истеҳлок, харҷи моддӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*



*Масъала:*

*1.Ширкат барои дӯхтани рӯйҷо 10 адад мошини дӯзандагӣ ба маблаги 20 ҳазор сомонӣ харид. Пардохти истеҳлокӣ дар як сол 14%-ро ташкил кард. Коргоҳ дар ду баст кор мекунад. Ба ҳар як мошини дӯзандагӣ як коргар хизмат мерасонад. Ба 10 коргар як нафар сардор интихоб мекунанд. Музди кори як коргар дар як моҳ 600 сомонӣ аст. Хароҷоти масолеҳ ва маводди ёрирасон барои як маҷмуъ баробари 60 сомонӣ аст. Дар як баст коргар метавонад 3 комплект рӯйҷо дӯзад. Арзиши аслии истеҳсолии як комплекти рӯйҷоро муайян кунед, агар ҷомеаи меҳнатии коргоҳ дар як моҳ 21 рӯз кор карда бошад.*

*2. Бо қарори ҷомеаи меҳнатӣ, ки аъзои он пайчиёни корхонаанд, ҳаҷми музди соатбайъ ба челонгар – созкунанда 5% зиёд карда шуд; ба кормандони ба нафақабароянда дар ҳаҷми 150%-и маош ёрдампулӣ дода шуд; ба рухсатии музднокӣ модароне, ки кӯдакони то 10-соларо тарбия мекунанд, 10 рӯз илова гардид; музди кори харрот зиёд карда шуд. Кадоме аз ин пардохтҳо ба ҳисоби харҷи истеҳсоли маҳсулот дохил мешаванд?*

*3. Барои пухтани 100 санбӯсаи карамин 500 г орд, 400 г карам, ду тухм, 100 г равгани рустанӣ сарф шуд. Ҳамаи маҳсулот дар бозор харида шудааст: 1кг орд 2,5 с., даҳ дона тухм – 4,5 с., 1кг. карам – 3 с.,1 кг равгани рустанӣ – 6,5 с. Харҷи моддии истеҳсоли як санбӯсаро муайян кунед. Барои муайян кардани арзиши аслии пурраи як санбӯса кадом масрафҳоро ҳисоб кардан лозим аст?*

**Ҷавоб: 40 дирам**

***Ин аҷиб аст***

*Чунин кор ҳам мавҷуд аст, ки ҷамъкунандаи тӯбҳо ном дорад. Соҳибони тимҳои тӯббозӣ (голф) ҳисоб карданд, ки хароҷоти иловагии бисёр барои хариди тӯбҳои (голф) гумшуда сарф шуда истодааст. Дар ин ҳолат ба кор гирифтани ҷамъкунандаи тӯбҳо маъқул дониста шуд. Одами ба кор қабулшуда бояд бинишии тез дошта бошад ва комилан ҳамаи тӯбҳои дар майдон боқимондаро дарёфт кунад.*

***Савол ва супориш:***

*1. Исбот кунед, ки харҷ ба истеҳсоли маҳсулот яке аз нишондиҳандаҳои асосии самарабахшии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.*

*2. Нақши харҷи инфиродиро дар истеҳсоли маҳсулот ҳангоми муайян кардани арзиши аслии заруриии ҷамъиятии маснуоти мушаххас нишон диҳед.*

*3. Барои чӣ ба таркиби харҷи истеҳсоли маҳсулот чунин нишондиҳанда, аз қабили ёрии моддӣ ба коргарони корхона дохил намешавад?*

*4. Сметаи хароҷот аз калкулятсия чӣ фарқ дорад?*

*5. Фаъолияти касбии роҳбар ба харҷи маҳсулоти истеҳсолшаванда чӣ тавр таъсир мерасонад?*

*6. Эҷодкорона оид ба касби дизайнери ҳомили таҷҳизоти энергӣ маълумот диҳед.*

## 13. НАРХИ МОЛУ ХИЗМАТ

**Ташаккулёбии нарх** – яке аз масъалаҳои муҳимтаринест, ки дар назди ҳамаи соҳибкорон, чи соҳибкори навкор ва чи бизнесмени ба сатҳи муайяни фоида ноил гардидаю истеҳсолоташро васеъкунанда меистад. Вазъи корро дар бозори маҳсулоти муайян ва сатҳи даромаднокии корхонаро маҳз нарх инъикос мекунад. Агар маҳсулот бо нархи пешбинишуда ба фурӯш равад, ин чунин маъно дорад, ки стратегияи ташаккули нарх дуруст интихоб ва ҷой дар бозори маҳсулот (хизмат) саҳеҳ муайян карда шудааст.




**Расми 23.** *Методҳои асосии муайянкунии нарх*

Вобаста ба мақсадҳои ниҳоии соҳибкор истифодаи стратегияҳои зерини ташаккули нарх ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Стратегияи нархҳои паст – дар он мавриде истифода мешавад, ки соҳибкор бо ин роҳ қисми аз ҳама калони бозори фурӯши ҳамин мол (хизмат)-ро ишғол карданӣ бошад.

2. Стратегияи нархҳои муътадил – дар мавриде истифода мешавад, ки ширкат мехоҳад чун истеҳсолкунандаю таҳвилгари устувор обрӯю эътибор пайдо кунад. Дар натиҷаи истифодаи нархҳои муътадил инкишофи боэътимоду пойдори корхона ба даст меояд.

3. Стратегияи нархҳои баланд – дар мавриде истифода мешавад, ки дар муҳлати кӯтоҳ ҳадди аксари фоидаро гирифтан лозим бошад. Нархи баланд ҳатто дар давраи ибтидоии инкишофи корхона (ширкат) диққати саҳомони эҳтимолии навро ҷалб мекунад ва соҳибкорро аз мушкилоти пардохти қарз озод менамояд.

Ба фарқи назарраси мақсадҳои ниҳоии ин стратегияҳои ташаккули нарх нигоҳ накарда гуфтан мумкин нест, ки яке аз онҳо саҳеҳ ва дигараш нодуруст аст. Дар ҳар мавриди муайян соҳикбор маҷбур мешавад шахсан стратегияи ягонаи танҳо барои ӯ ва ба муҳлати муайян қобили қабули ташаккули нархро интихоб кунад.

Нарх омили умдаи фоидаоварии истеҳсолот аст. Фоида фарқи байни арзиши аслии мол ва нархи фурӯши он мебошад. Аз тарафи дигар, сатҳи фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда маҳз ба нарх марбут аст.




*Расми 24. Сиёсати нарх*

Барои муайян кардани нархи ҳадди ақалл ба маҳсулот ҳисобу китоби ҳамаи хароҷоти умумиро ба истеҳсолу фурӯш анҷом додан лозим аст. Хароҷоти умумӣ ҳосили ҷамъи хароҷоти доимию тағйирёбанда мебошад. Хароҷоти доимӣ ҳамаи масрафҳоест, ки аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста нест (иҷорапулӣ, пардохти хизматҳои комуналӣ, харҷи нигоҳдории дастгоҳи маъмурию хоҷагидорӣ ва ғайра).

Қайд кардан лозим аст, ки марзи муайяни ҳаҷми истеҳсолот мавҷуд аст, ки дар он хароҷоти доимӣ якбора зиёд мешавад. Барои мисол вазъиятеро мегирем, ки барои таъмини афзоиши пухтани питса зарурати харидани плитаи нав, тафтдон, даъват кардани як ё ду мутахассис ба миён меояд.

Хароҷоти тағйирёбанда хароҷоти истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот мебошад, ки ҳангоми барориши ҳар як воҳиди ояндаи маҳсулот зиёд мешавад (харҷи ашёи хом, масолеҳ, масрафи пардохти музди меҳнат, хароҷоти нақлиёт, пардохти неруи барқ ва ғайра).



**Расми 25**. *Мақсадҳои асосии нархгузорӣ*

Механизми ташаккули нарх барои соҳибкори навкор нисбатан мураккаб аст. Ҳангоми муайян кардани нархи мол бояд ду меъёри асосиро ба роҳбарӣ гирад:

- нарх бояд хароҷоти истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро рӯйпӯш карда, ба корхона фоида орад. Фоида дар навбати худ ба

кори муназзами минбаъда, васеъ кардани истеҳсолот, пардохти даромад аз рӯйи пай ва саҳмияҳо, бо маблағ пур кардани ҳамаи фондҳои корхона (фонди таваккал, фоида, ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайра) имкон медиҳад;

- нарх бояд мувофиқи талабот ба ҳамин мол (кор, хизмат) муқаррар карда шавад. Он бояд ба дараҷаи кофӣ тағйирпазиру устувор бошад, то ки на танҳо фоиданокии кофии корхона, балки васеъшавии эҳтимолии бозори фурӯши маҳсулотро таъмин карда тавонад.

Нарх=арзиши аслӣ+фоидаи интизорӣ ё Н=А+Фи. Нарх ифодаи пулии арзиши мол аст. Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ нарх унсури муҳимтарини робитаҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандаю истеъмолкунанда, мутаносибии таклифу талабот мебошад. Нарх бозорро танзим мекунад. Вобаста ба талабот нисбат ба мол он баланд шуда метавонад.

Нархи харидор ва фурӯшанда – нархи ҳадди аксар, ки фурӯшанда пешниҳод карда метавонад ва нархи ҳадди ақалле, ки харидор маҳсулотро харида метавонад.

Нарх ба яклухт, чакана, харид ва ғайра ҷудо мешавад, ки дар бораи таъсири мутақобилаи истеҳсолкунандаю харидор тасаввурот медиҳанд.

Нархи базисӣ – нарх барои муайян кардани хел ва ё сифате, ки дар раванди хариду фурӯш тарафҳо мувофиқа кардаанд ва барои муайян кардани нархи ниҳоии моли мазкур чун ибтидоӣ хизмат мекунад.

Нархи шартномавӣ (озод) дар асоси шартномаи харидору фурӯшанда муқаррар карда мешавад; дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ бояд нисбат ба молҳое татбиқ шавад, ки ба сатҳи ҳаётии аҳолӣ таъсири назаррас намерасонанд.

Нархи харид: нархе, ки аз рӯйи он давлат маҳсулоти кишоварзиро аз хоҷагиҳои ҷамоавӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерҳо, аҳолӣ ва ғайра мехарад.

Нархи инҳисорӣ (монополӣ) – дар бозор аз тарафи иттиҳодияҳои монополӣ муқаррар карда мешавад. Ин нарх фоидаи фавқулода зиёдро таъмин мекунад.

Нархи номиналӣ – нархе, ки дар нархнома (номгӯйи намудҳои кор, хизмат, маҳсулот, мол ва ғайра) бо нишон додани нарх ё арзиш ва тарифаҳои онҳо ва маълумотномаҳо (маълумотномаи нархи молҳо, маълумотномаи молӣ) муқаррар карда мешавад.

Нархи сметавӣ барои муайян кардани арзиши ҳисобии сохтмони нав ё таъмири асосӣ, таҷдиди биною иншоот истифода мешавад.

Нархи трансфертиро корпоратсияҳо дар муомилот байни қисмҳо, бахшҳо ё ширкатҳои ба онҳо тобеъ истифода мебаранд.

Нархи воқеӣ – нархе, ки аз рӯйи он муомила воқеан ба анҷом мерасад; дар бозори арзишҳои фондӣ нархи ниҳоие, ки харидору фурӯшанда ба он розӣ шудаанд.

Нархи фактуравӣ – нархи муомилаи воқеии хариду фурӯш, ки мумкин аст дар ҳаҷми хароҷоти нақлиётию суғурта тағйир ёбад.




*Расми 26. Муносибат ба ташаккули нарх*

*Ҳамоҳангсози платформа оид ба муносибат бо ташкилотҳои давлатӣ – мутахассисе, ки онлайн ва офлайн гуфтугӯҳоро байни фаъолони ҷамъиятӣ ва амалдороне, ки ба соҳаи мушаххас ҷавобгар (масалан, маориф, тиб, сохтмон ва ғайра), барои коркарди ҳалли муштаракро ташкил мекунад. Ин мутахассис метавонад ҳам дар сохтори дохилии давлатӣ ва ҳам метавонад чун фаъоли ҷамъиятӣ кор кунад. Яке аз тахассуси ӯ ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои касбӣ ба ҳисоб меравад. Сифатҳои касбӣ: кор бо одамон, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, забондонӣ, маданиятшиносӣ.*

*Ташаккули нарх, стратегияи нархҳои паст, стратегияи нархҳои миёна, стратегияи нархҳои баланд, харҷи умумӣ, хароҷоти доимӣ, хароҷоти тағйирёбанда, нархи харидор ва фурӯшанда.*

## КОРИ АМАЛӢ

*Нархи яклухт, чакана ва фурӯши маснуотро муайян кунед, агар маълум бошад, ки арзиши аслии пурра 35 с.; фоидаи интизории корхона – 25%, хироҷи аксиз – 5%, ААИ – 20%, харҷи ташкилоти фурӯшанда – 7%,, нархи илова – 10% бошад. Нарх дар асоси механизми зерини ташаккули нарх муқаррар карда мешавад:*

*Няк=А+фин;*
*Няк=А+фин+Ха;*
*Нч=Фин+ААИ+Хтф+Им*
*дар ин ҷо Няк – нархи яклухт;*
*А – арзиши аслии пурра;*
*Фин – фоидаи интизории корхона*
*Нф – нархи фурӯш*
*Ха – хироҷи аксизӣ*
*Нч – нархи чакана*
*ААИ – андози арзиши илова;*
*Хтф –харҷи ташкилотҳои фурӯшгар*
*Им – иловаи нархи тиҷоратӣ*

| | |
|---|---|
| ***Ин аҷиб аст*** | *Ҳама медонанд, ки ширкати "Apple" аз ҷониби Стив Ҷобс ва Стив Возняк таъсис ёфтааст. Аммо кам касон медонанд, ки асосгузори сеюм бо номи Роналд Уэйн низ буд, ки 10% саҳмияи ширкатро дошт ва онро 20 рӯз пас аз огози кор ба Стивҳо бо нархи 800 доллар фурӯхт. Пас аз як сол ба Уэйн 1500 доллар пардохт карданд, то дар оянда аз ҳама гуна даъвоҳо ба ширкат даст кашад. Лекин дар хотир бояд дошт, агар Роналд Уэйн то имрӯз аз 10%-и саҳмияашро намефурӯхт, ҳоло арзиши ҳиссаи он аз 300 миллиард доллар зиёдро ташкил медод.* |

*Савол ва супориш:*

1. «Ташаккули нарх» чист?
2. Хароҷоти доимии истеҳсолотро номбар кунед;
3. Хароҷоти тағйирёбандаи истеҳсолотро номбар кунед.
4. Кадом меъёрҳои ташаккули нархро медонед?
5. Нархи мол аз кадом унсурҳо ташаккул меёбад?
6. «Фоидаи интизорӣ» чист?
7. Кадом нархҳоро шумо медонед?
8. Эҷодкорона дар бораи сифатҳои касбии ҳамоҳангсози платформа оид ба муносибат бо ташкилотҳои давлатӣ маълумот диҳед.

## 14. АНДОЗБАНДӢ

Дар ҳамаи мамлакатҳо ҳамаи намудҳои фаъолият, ки даромад меорад, андозбандӣ мегардад.

Андоз – яке аз унсурҳои сохтории иқтисоди бозорист. Андоз (боҷ, хироҷ, дигар намудҳои пардохт) ҳиссаи ҳатмӣ ба буҷа ё ба фонди берун аз буҷа мебошад, ки пардохткунанда тибқи шартҳои муқарраркардаи мақомоти қонунгузорӣ амалӣ мегардонад. Маҷмуи андозҳо низоми андозбандиро ташкил мекунад. Баровари андоз аз ҳар гуна намуди фоида ва даромад буҷаи тамоми давлатро ба вуҷуд меорад. Буҷа ба давлат барои ҳал кардани масоили зерин зарур аст.

1. Вазифаҳои иҷтимоӣ – низомҳои маориф, ҳифзи тандурустӣ, илм, фарҳанг

2. Барои максадҳои идоракунии давлат, яъне вазифаҳои фискалӣ нигоҳдории ҳукумат, артиш, милитсия, суд ва дигар умури зарурии идоракунӣ;

3. Барои баланд бардоштани самарабахшии хоҷагии халқ бо ёрии имтиёзҳои андозӣ: имтиёзҳои андозӣ ба он соҳибкорон, он истеҳсолоте пешкаш мегардад, ки дар ҳамин давра барои тамоми давлат аҳаммияти калон доранд. Масалан, инкишофи ин ё он соҳаи кишоварзӣ ё истеҳсоли китобҳои дарсӣ барои мактаб.

Умури андоз яке аз умурҳои асосии давлати дорои низоми бозории иқтисодиёт мебошад.

Муқаррар кардану бекор намудани андозҳо, ҳаҷми онҳо, имтиёзҳои андозӣ ба салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дохил мешавад. Принсипҳои умумии низоми андозбандӣ, хуқуқу уҳдадорӣ ва масъулияти онҳое, ки андоз месупоранд (онҳоро маъмулан андозсупорандагон меноманд) дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои низоми андози ҶТ» зикр шудааст. Ба ҳар ҳол, ду принсипи муҳимтарини сохтмони низоми андоз мавҷуд аст:

- ҳаҷми андоз бояд барои корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ якхела бошад;

- ҳаҷми андоз бояд ба имкони онро пардохтани андозсупоранда – бо амволу даромади он мутаносиб бошад. Агар андоз аз имконияти корхона бештар бошад, он касод мешавад.

Вобаста ба он ки принсипи таносуби даромаду андозҳо чи хел риоя мешавад ё намешавад, андозҳоро ба хелҳои зерин ҷудо мекунанд: прогрессивӣ, регрессивӣ, мутаносиб.

Андозҳои прогрессивӣ (афзоянда) сатҳи аз ҳама пасти имконпазир аст, ки ба истеҳсолот ва соҳибкор барои васеъ кардани хоҷагии худ, таҷдиди он, нав кардани техника, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон ва ба ин восита беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ дар мамлакат, минтақа ва ё шаҳр мусоидат мекунад.

Андозҳои регрессивӣ (коҳишёбанда) баръакс он қадар баланданд, ки барои иҷрои амалҳои мазкур имкон намедиҳанд. Дар сурати дурудароз истифода бурдан андозҳои регрессивӣ боиси касодшавии соҳибкор ва истеҳсолоти давлатӣ мегардад.

Андозҳои мутаносиб, чи тавре ки аз номаш пайдост, андозаеро муқаррар мекунанд, ки ба ҳаҷми даромади андозсупорандагон мутаносиб аст.

Низоми андоз пешбинӣ кардааст, ки қонунҳо дар бораи ҷорӣ кардани андозҳо ва тағйир додани пардохт аз рӯйи онҳо қувваи акс надорад.

*Намудҳои андоз ва объектҳои андозбандӣ.* Ба даромад ва ё фоидаи корхонаю шаҳрвандон, арзиши молҳои алоҳида, намудҳои муайяни фаъолият, амалиёт бо коғазҳои қиматнок, истифодаи захираҳои табиӣ, амволи шаҳрвандон ва корхонаҳо, интиқоли амвол, арзиши иловагии маҳсулот, кору хизмат, ҳамчунин объектҳои дигар андоз баста мешавад. Ба як объект як бор андоз бастан мумкин аст.

**Намудҳои андоз**

- Андоз аз даромади шахсони воқеӣ
- Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ
- Андоз аз арзиши иловашуда
- Аксизҳо
- Андози иҷтимоӣ
- Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард
- Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ
- Боҷи гумрукӣ ва дигар пардохти гумрукӣ
- Боҷи давлатӣ
- Андоз аз фурӯш
- Боҷи давлатӣ
- Дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ

**Расми 27.** *Намудҳои андоз*

Андозҳои мустақим ва ғайримустақимро ҷудо мекунанд. Андози мустақим бевосита аз андозсупоранда ситонида мешавад. Ин андоз бо даромад ё фоида, андоз ба амволи корхонаҳою шаҳрвандон ва ғайра мебошад. Андози ғайримустақимро истеҳсолкунандагон ба арзиши мол, кор, хизмат ворид месозанд ва бо ин роҳ онро ба дӯши харидор бор мекунанд. Андози арзиши иловагӣ, боҷҳои гуногун, хироҷҳои аксизӣ аз он ҷумлаанд.

Ҳам корхонаҳо (симоҳои ҳуқуқӣ) ва ҳам шаҳрвандон (симоҳои воқеӣ) андозсупоранда мебошанд. Супорандаи андоз (андозсупоранда) вазифадор аст, дар мақоми давлатие, ки андозро ҷамъ мекунад пеш, дар қайд истад, ба ҳисобгирии муҳосибиро барад, дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидориаш ҳисобот таҳия кунад, ба мақомоти андоз барои ҳисобкарду пардохти андоз ҳамаи ҳуҷҷатҳоро пешкаш намояд. Андозсупоранда ба имтиёзҳои муайян оид ба андоз ҳуқуқ дорад, ӯ метавонад бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба андоз, ки ба ӯ дахлдоранд, шинос шавад. Барои вайрон кардани қонунгузории андоз супоранда ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноӣ кашида мешавад.

Ба сатҳҳо тақсим кардани андоз. Аз рӯйи сатҳ дар Тоҷикистон чунин андозҳо мавҷуданд:

- андозҳои ҷумҳуриявӣ;
- андозҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ;
- андозҳои маҳаллӣ.

Андозҳое, ки ба буҷаи ҷумҳурӣ, яъне ба буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ба андозҳои ҷумҳуриявӣ мансубанд.

Ба андозҳои маҳаллӣ андозҳое мансубанд, ки ба буҷаи маҳаллии шаҳр, ноҳия, шаҳрак ва ғайра дохил мешаванд. Онҳо тавассути санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешаванд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мизони мушаххаси андозҳоро муқаррар менамоянд.

Андозҳои барои фаъолияти соҳибкорӣ муҳимтаринро аз назар мегузаронем.

Андоз ба фоидаи корхона. Ин андози асосӣ ва аз ҳама калон ба фаъолияти соҳибкорӣ аст. Андози мазкур ба фоидаи корхона баста мешавад.

Манбаъҳои фоида. Корхона фоидаро аз ҳисоби амалҳои зерин ба даст меорад:

- аз фурӯши маҳсулот, кор ва хизмат;
- аз фурӯши фондҳои асосии (амвол) корхона;
- аз амалиёти берун аз фурӯш

Фоида аз фурӯши маҳсулот, кору хизмат (Фф) аз ҳисоби фарқи байни пули фурӯши мол (Пф) ва хароҷот ба истеҳсолу фурӯш (Хф) ҳосил мешавад: ФФ=Пф - Хф

Корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳое, ки аз буҷа маблағгузорӣ мешаванд ва симои ҳуқуқӣ мебошанд, ҳамчунин бахшҳои корхонаҳо, ки муҳосиботи худ, тавозуни мустақил ва дар бонк суратҳисоб доранд, аз фоида андоз месупоранд.

Маблағи андози фоидаро андозсупоранда дар асоси баҳисобгирию ҳисобот мустақилона муайян мекунад. Андоз ҳар семоҳа супурда мешавад.

Ғайр аз андози фоида, ки тавсиф гардид, корхона ба фоидаи намудҳои махсуси фаъолият низ андоз месупорад. Ҳаҷми ин андоз чунин аст: аз фоидаи аз фоизи саҳмияҳо (дивиденд) ва дигар коғазҳои қиматнок ба дастомада, аз даромадҳои иштироки саҳмӣ ва дигар корхонаҳо.

*Имтиёзҳои андози фоида.* Андозбандии фоидаи корхонаҳо як қатор имтиёзҳои назаррасро барои андозсупорандагон ва объектҳои муайян, ки аз онҳо андоз меситонанд, муқаррар кардааст. Асоситарини онҳоро номбар мекунем.

Ба он қисми фоида, ки ба реконструксияи техникӣ, нав кардани техника, васеъ кардану аз худ кардани истеҳсолот сарф шудааст, андоз баста намешавад. Ин имтиёз ба он корхонаҳое дахл дорад, ки дар самтҳои афзалиятнок (саноати нафту ангишт, истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ, хӯрока, дорувор ва ғайра) фаъолият мебаранд.

Корхонаҳое, ки як қисми фоидаро ба нигоҳдории объектҳои худии ҳифзи тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва варзиш, муассисаҳои кӯдакон ва томактабӣ ва ғайра сарф мекунанд, аз ҳамин қисми фоида андоз намесупоранд.

Маблағи аз ҷониби корхона ба мақсадҳои хайриявӣ ҷудошуда, ба фондҳои экологию солимгардонӣ ирсолшуда низ мавриди андозбандӣ қарор намегиранд. Масалан, маблағҳои барои идрорпулии хоссаи донишҷӯён, сохтмони хонаи кӯдакон ё ятимхона, таъмири мактаб, тоза кардани кӯл, дарё ва дигар корҳои ҳифзи табиат ҷудошуда низ андозбандӣ намешаванд.

Ба корхонаҳои хурд низ имтиёзҳои назаррас дода мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки корхонаи хурд гуфта, корхонаеро мефаҳманд, ки то сад коргар дорад. Онҳо аз андози фоида, ки ба инкишофи ин корхонаҳо равон шудааст, озод мешаванд. Корхонаҳои хурде, ки дар самтҳои афзалиятнок кор мекунанд, ду сол пурра ва дар солҳои 3 ва 4 қисман аз андози фоида озод карда мешавад.

Андоз аз даромади симоҳои (ашхоси) воқеӣ. Ин андозро ҳамон шаҳрвандоне (симоҳои воқеӣ), ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ ё муваққатӣ зиндагӣ мекунанд, мепардозанд.

Ин андоз аз даромади умумӣ, ки дар соли тақвимӣ аз манбаъҳои воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он дар шакли пул ё натура ба даст омадааст, ситонида мешавад. Агар даромад дар шакли натура бошад, нархи бозорӣ (озод) ба даромад ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар андозсупоранда даромадро аз иҷрои кор тибқи шартномаи шаҳрвандию ҳуқуқӣ гирифта бошад, маблағи даромад ба ҳаҷми маблағи хароҷоти бо ҳуҷҷат собитгардида, ки ба гирифтани ин даромад марбут аст, кам карда мешавад.

Даромади бо асъори хориҷӣ гирифта аз рӯйи қурби расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сомонӣ ҳисоб карда мешавад. Ба маблағи даромади мавриди андозбандӣ қароргирифта ворид карда намешавад:

- ёрдампулии давлатӣ (нигоҳубини кӯдак, ҳомиладорию таваллуд, маъюби модарзод ва ғайра);
- ҳамаи намудҳои нафақа;
- ёрдампулии бекорӣ;
- бурди вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳо;
- фоизу бурди пасандоз дар бонки пасандоз;
- алимент ва ғайра.

Оид ба ин андоз маъюбон ва иштироккунандагони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъзе ашхоси дигар имтиёз доранд. Ғайр аз ин, аз маблағҳое, ки андозсупоранда ба мақсадҳои хайрия равона мекунад, ҳамчунин аз маблағҳое, ки ба корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳои фарҳанг, маориф, ҳифзи тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, ки аз буҷа маблағгузорӣ мешаванд, равона гардидаанд, андози мазкур ситонида намешавад.

Аз даромаде, ки шаҳрвандон дар ҷойи кори асосиашон мегиранд, андоз аз музди меҳнати ҳар моҳ ҳисобшаванда, ки ба андозҳои ҳаҷми ҳадди ақалли он кам карда шудааст, ситонида мешавад.

Даромаде, ки шаҳрвандон на дар ҷойи асосии кор (масалан, ҳангоми кор тибқи шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ) мегиранд, ҳангоми гирифтани ин даромадҳо бо ҳамон тартиб мавриди андозбандӣ қарор мегирад, вале аз даромад маоши ҳадди ақалл хориҷ карда намешавад.

*Андози арзиши иловашуда.* Манбаъҳои гирифтани он андоз. Андози арзиши илова (ААИ) ситонидани фоизи муайяни афзоиши арзиш мебошад, ки дар ҳамаи давраҳои истеҳсоли мол, хизмат ва кор ба вуҷуд меояд. Он бо рафти фурӯши онҳо ба буҷа ворид карда мешавад.

ААИ андози ғайримустақим мебошад, ки ба молҳои истеъмоли халқ ва таъиноти истеҳсолию техникӣ, ҳамчунин кору хизматҳо баста мешавад. Зимнан, ҳам молҳои истеҳсоли худӣ, ҳам молҳои аз ҷойи дигар гирифта дар назар аст. ААИ ба молҳое (кору хизматҳое), ки дар дохили корхона барои эҳтиёҷи корман-

дон фурӯхта мешавад, ҳамчунин ба молҳое, ки бидуни пардохт бо бадалсавдо ва ё бепул, маҷҷонӣ фурӯхта мешавад, паҳн мегардад. Андози арзиши иловаро корхонае, ки молро (кор, хизматро) мефурӯшад, ба нархи мол дохил мекунад. Корхона онро ҳар моҳ дар асоси гардиши воқеӣ оид ба фурӯши мол, кор ва хизмат мепардозад.

**Мутахассиси низоми сарфаи неруи барқ.** *Мутахассисе, ки низоми сарфа кардани неруи барқро дар биноҳои истиқоматӣ, ширкатҳо ва истеҳсолот бо назардошти масъалаи сарфакорӣ, бехатарӣ ва бобу муносиб буданро роҳбарӣ ва барои истеъмолкунандагон лоиҳакашӣ мекунад. Сифатҳои шахсӣ: тафаккури низомманд, роҳбарии лоиҳаҳо, ба мизоҷ нигаронидашуда, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Андоз, андозҳои прогрессивӣ, андозҳои мутаносиб, андозҳои регрессивӣ, андозҳои мустақиму ғайримустақим, андозсупоранда, пардохткунанда, симои ҳуқуқӣ, симои воқеӣ, иншооти андозбандӣ, андозҳои ҷумҳуриявӣ, андозҳои маҳаллӣ, андози фоида, андоз аз даромади симоҳои воқеӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*1. Корхона 1,3 ҳазор сомонӣ дода, дар воситаи ахбори умум реклама чоп кардааст. Андозро ба реклама муайян кунед, агар мизони андоз 3,5% аз хароҷот бошад.*

*2. Нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона дар ҷадвали 5 оварда шудаанд. Ҳисобу китоби заруриро ба ҷо оварда, ҷадвалро пур кунед.*

*3. Корхонаи тиҷоратию миёнаравии «Компютер-сервис» фаъолияти соҳибкориро дар ҷодаи хариду фурӯши таҷҳизоти компютерӣ амалӣ мегардонад.*

*Моҳи январи соли 2009 он як даста мол ба маблағи 1,5 млн сомонӣ харида, ба маблағи 3,9 млн сомонӣ фурӯхт. Хароҷоти марбут бо хариду фурӯш 450 ҳазор сомониро ташкил кард.*

*Маблағи андози арзиши иловаро ва маблағи андози фоидаро муайян кунед, агар мизони ААИ аз ташкилоти миёнарав 16,67% бошад ва аз фарқи байни нархи хариди мол ва нархи фурӯши он пардохта шавад.*

*Фоидае, ки аз он андоз супурда мешавад, чун фарқи байни даромад аз фурӯши такрорӣ ва хароҷот муайян карда мешавад, мизони андози фоида – 45%.*

| Моддаҳо | Маълумоти андозсупоранда |
|---|---|
| 1. Пули фурӯш, в п. | 5760 |
| 2. Даромад аз сармоягузорӣ (маблағгузорӣ), в. п. | 65 |
| 3. Даромадҳои дигар, в. п. | 3,5 |
| 4. Умуман, даромади умумӣ, в п. | |
| 5. Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхта, в п. | 340 |
| 6. Хароҷоти маъмурӣ, в п. | 2,5 |
| 7. Хароҷоти фурӯши мол, в п. | 1,5 |
| 8. Мукофотпулии кормандон, в п. | 0,3 |
| 9. Пардохти фоизи қарз, в п. | 1,2 |
| 10. Умуман, хароҷот, в п. | |
| 11. Фоидаи холис, ки то тақсими он (даромади умумӣ баъди баровардани хароҷот) бояд андозбандӣ гардад, в п. | |
| 12. Имтиёзҳо оид ба андоз, ба истиснои фоидаи холис, ки бояд то тақсими он андозбандӣ сурат гирад, в п. | 10,5 |
| 13. Фоидаи холиси мавриди андозбандӣ қароргиранда то тақсими он, в п. (м. 11 ва м. 12) | |
| 14. Мизони андоз ба фоида % | 32 |
| 15. Маблағи андоз ба фоида, в.п. (м. 13 ва м.14) | |

***Ин аҷиб аст***

*Соли 1997 дӯстони дар коллеҷ якҷоя таҳсилкарда ба ғояи офаридани алгоритме, ки аз интернет ҳар гуна маълумотро ёфта медиҳад, шавқмандӣ зоҳир намуда, ҳатто тасаввур намекарданд, ки он бо чӣ анҷом меёбад. Он вақт онҳо донишҷӯёни ташнаи илм буданд. Аз сабаби нарасидани вақт барои бурдани кор аз рӯйи офаридани алгоритм онҳо қарор доданд, ки коркарди худро ба ивази 1 млн доллар ба ширкати «Yahoo» фурӯшанд. Хариду фурӯш бо ширкати «Yahoo» то 500 ҳазор доллар расид, лекин дар охир онҳо алгоритмро нафурӯхтанд. Ҷавонон кори худро аз болои алгоритм давом доданд. Дар натиҷа ширкати 250 млрд доллар арзишдори «Google» ташкил ёфт.*

*Савол ва супориш:*

*1. Андозҳо бояд дорои кадом хосият бошанд?*
*2. Қонунгузории андоз кадом андозҳоро дар бар мегирад?*
*3. Симоҳои воқеӣ кадом андозҳоро месупоранд?*
*4. Давлат барои чӣ андоз меситонад?*
*5. Соҳибкорон кадом андозҳоро месупоранд?*
*6. Маблағҳои андозсупорандагон ба куҷо сарф мешавад?*
*7. Назорати ситонидани андозҳоро кадом муассисаю ташкилотҳо ба уҳда доранд? Онҳо чӣ тавр амал мекунанд?*
*8. Сифатҳои касбии мутахассиси низоми сарфаи неруро эҷодкорона шарҳ диҳед.*

## 15. МЕНЕҶМЕНТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА. МАРКЕТИНГ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА

Чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, таҳти мафҳуми соҳибкорӣ мо шакли фаъолият ва пешниҳод кардани хизматҳоро бо мақсади гирифтани фоида мефаҳмем.

Соҳибкор ҳамон вақт ба комёбӣ ноил шуда метавонад, ки мунтазам идоракунии самарабахшро истифода барад, ҳамаи омилҳоеро, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд, ба назар гирад.

Идоракунӣ ин раванди нақшагирӣ, ташкил, мотиватсия ва назорат мебошад, ки барои ташаккул додан ва ноил гардидан ба мақсадҳои ташкили корхона, истеҳсолот, ширкат зарур аст.

Дар бораи идоракунӣ соҳаи махсуси илм мавҷуд аст, ки менеҷмент ном дорад. Ин истилоҳ аз забони англисӣ буда, маънояш (manajment) идора кардан, ташкил кардан мебошад.

Мақсади асосии менеҷмент дар асоси амалҳои ба ҳам мувофиқакардаи одамони зиёд ба даст овардани натиҷаи матлуб мебошад. Бинобар ин, ҳар гуна идоракуниро менеҷмент номидан мумкин нест.

Менеҷмент низоми идоракунии истеҳсолот мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии он ва гирифтани фоида истифода бурда мешавад. Он, пеш аз ҳама, раванди идоракунии одамон аст, ки онҳо фаъолияти истеҳсолию иқтисодиро дар шароити бозор амалӣ мегардонанд.

Менеҷмент ҳамчун илм бештар аз 80 сол муқаддам дар Ғарб арзи ҳастӣ намудааст. Асосгузорони ин илм олими амрикоӣ Ф.

Тейлор ва олими фаронсавӣ А. Файол мебошанд. Масалан, Ф. Тейлор идоракуниро «Санъати аниқ донистани он ки чӣ кор бояд кард ва онро чӣ тавр ба тарзи аҳсан ва арзон иҷро кардан мумкин аст» ҳисоб мекунад. Барои ин чор вазифаи идоракуниро ба субут расонидан лозим аст: интихоби мақсад, интихоби воситаҳо, тайёр кардани воситаҳо, назорати натиҷа. А. Файол ба хулосаи зерин расидааст: «Идора кардан ба сӯйи мақсад бурдани корхона бо роҳи истифодаи беҳтарини захираҳои он мебошад». Ба фикри ӯ, моҳияти идоракунӣ дар нуктаи зайл аст: «Ояндабинӣ кардан (омӯхтани оянда ва муқаррар кардани барномаи амалиёт); ташкил кардан (ташкил кардани пояи моддӣ ва ҷомеаи меҳнатии корхона, ширкат); ихтиёрдорӣ кардан (ба амал даровардани захираҳои корхона); мувофиқа кардан (ба ҳам овардани амалу ҷидду ҷаҳд); назорат кардан (мушоҳида кардан, ки ҳама кор мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида ва амрҳои додашуда сурат гирад).

| | |
|---|---|
| 1. Қобилияти баланди зуд қонеъ гардонидани талаботи мухталиф;<br>2. Озодии интихоб ва амалиёти истеъмолкунандагон ва соҳибкорон;<br>3. Тақсими самарабахши захираҳо;<br>4. Фаъолияти бомуваффақияти иқтисодиёт ҳангоми мавҷуд будани иттилооти маҳдуд;<br>5. Чандирӣ ва мутобиқшавии баланд ба шароити тағйирёбанда. | 1. Қобилияти пасти бозор оид ба ихтисори захираҳои барқарорнашаванда, ҳифзи муҳити зист, тақвияти саломатии одамон;<br>2. Тавзеҳи бозор, пеш аз ҳама, ба касоне, ки пул медиҳанд, ҳини бефарқӣ ба истеҳсолоти молу хизматҳои муҳимми иҷтимоӣ;<br>3. Иштиғоли ғайриустувор ва даромади бекафолат;<br>4. Мунтазам тағйир ёфтани вазъи (конюнктураи) бозор бо пуршавии мол, таназзули истеҳсолот, таваррум, бекорӣ. |

Менеҷмент дар давоми мавҷудияти худ назаррас тағйир ёфтааст: он низоми ратсионалистӣ буд, алҳол бошад, ба низоми нави маркетингӣ ё вазъиятӣ гузаштааст.

Менеҷменти ратсионалистӣ аз он бармеомад, ки ширкат «низоми пӯшида» мебошад ва комёбии он дар бозор аз захираҳои дохилӣ – ратсионализатсияи истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнат вобаста аст.

Бинобар ин, ба назорат аз ҷониби роҳбарони олирутба ба ҳамаи намудҳои фаъолияти кормандон ва дақиқ иҷро кардани нишондодҳои болоӣ аҳаммияти махсус дода мешуд.

Менеҷменти маркетингӣ ё вазъиятӣ ба муносибатҳои нав асос меёбад. Дар ин ҷо ширкат «низоми кушода» ба ҳисоб меравад ва муваффақияти он нисбат ба захираҳои дохилӣ, бештар ба қобилияти ба муҳити беруна мутобиқ гардидан, ба он, яъне ба вазъияти ба миёномада мувофиқу созгор шудан вобаста аст. Заминаҳои асосии менеҷменти маркетингӣ:

- ширкат чун организми зинда баррасӣ мешавад, ки аз фардҳои бо мақсади умумӣ муттаҳидгардида иборат аст;
- ширкат бояд ба таҷдиди доимӣ мутавҷҷеҳ бошад, то ба омилҳои беруна мутобиқ гардад;
- дар фаъолияти ширкат на ба одамон – иҷрокунандагон, балки ба одаме, ки қобилияту истеъдод ва маҳорату малакаҳояшро амалӣ мегардонад, такя карда мешавад.

Қисмҳои асосии таркибии менеҷмент:

- гузоштани мақсад (муайян кардани мақсади идоракунӣ);
- нақшагирӣ (коркарди нақшаи идоракунӣ);
- ташкилот (сохтори идоракунӣ);
- назорат (иҷрои назорати идоракунӣ);
- мотиватсия (ҳавасмандии корманди ширкат ба муваффақияти кори оғозёфта);
- коммуникатсия (муносибати байни аъзои ширкат).

Менеҷмент имрӯз тағйироти доимӣ ва такмилёбии муттасил мебошад. Наметавон гуфт, ки модели ягонаи менеҷмент вуҷуд дорад, зеро ҳар як ширкат сохтори идоракунии худро ташкил мекунад. Дар шароити ҳозира низоми идоракунӣ бояд тағйирпазир ва сода бошад, то ба рақобат тоб оварда тавонад.

Хусусиятҳои асосии низоми идоракунӣ:

1) теъдоди на он қадар зиёди сатҳи идоракунӣ;
2) қисматҳои нисбатан хурд, ки дар онҳо теъдоди ками одамони босалоҳияту кордон кор мекунанд (кам бошаду хуб бошад).
3) ҷомеаи меҳнатӣ, ки ба гурӯҳҳои (командаҳои) камшумори мутахассисон асос меёбад;

4) истеҳсоли мол ва ташкили кор бояд ба истеъмолкунанда нигаронида шуда бошад.

Вале агар дар сари қудрати низоми идоракунӣ мутахассиси боистеъдод – менеҷер набошад, низом дуруст фаъолият накарда, ба мақсади ниҳоӣ ноил гардида наметавонад. Менеҷер танҳо мутахассис оид ба идоракунӣ нест, ӯ инсонест, ки масъулияти тамоми раванди фаъолияти кормандону ширкатро ба зимма дорад. Вазифаи асосии ӯ аз он иборат аст, ки корро худаш иҷро накунад, балки дигаронро ба иҷрои он ташкил намояд. Менеҷер дар кадом соҳаи фаъолияти ширкат машғул набошад – истеҳсолот, реклама, молия ва ғайра, ӯ бояд вазифаҳои зеринро ҳал кунад.

- мақсаду вазифаҳои идоракунии ширкатро муайян мекунад;
- сохтори идоракуниро ташкил менамояд ва барои иҷрои онҳо мутахассисонро интихоб мекунад;
- (мотиватсияи) амалиёт ва муносибатҳои байниҳамиро дар ҷомеа нигоҳ медорад;
- нишондиҳандаҳоро муайян мекунад, ки онҳо ба кори тамоми ташкилот ва айни замон ҳар як корманд дар алоҳидагӣ тавҷеҳ шудаанд, натиҷаҳоро тавсифу ташреҳ мекунад, онҳоро ба иттилои роҳбар, зердастон, шарикон мерасонад;
- ба баланд бардоштани салоҳияти ҷомеа аз ҳисоби пешравии мансабӣ, такмили ихтисос ва ғайра мусоидат мекунад.

Ба хулоса омадан мумкин аст, ки муваффақияти ин ё он ширкат аз самарабахшии идоракунии фаъолияти хоҷагидории он вобаста аст.

Маркетинг дар фаъолияти корхона. «Маркетинг» чист? Ин мафҳум аз калимаи англисии **market** – бозор пайдо шудааст. Мафҳуми русии «ярмарка», ки ба ҳамаи тоҷикон низ фаҳмост ва то ҳол байни халқ хеле серистеъмол аст, аз ҳамин калима реша мегирад. Моҳиятан, ярмарка баргирифта аз калимаи олмонии **"Jahr" – сол** ва **(market) – савдо** буда, маънояш савдои ҳарсола мебошад.

Вале маркетинг савдои одӣ нест. Моҳияти маркетинг дар он аст, ки истеҳсолкунандагон бояд талаботи одамонро муайян кунанд ва баъд дар асоси ин дониш мол истеҳсол карда, талаботи мазкурро ҳар чи бештар қонеъ гардонанд. Ба ибораи дигар, аввал фаҳмидан лозим аст, ки чӣ бояд истеҳсол кард. Сипас истеҳсол кардан лозим то маҳсулоти истеҳсолшуда ба фурӯш равад.

Вазифаи асосии маркетинг вокуниши чандир ва доимӣ ба тағйирёбии бозор ва дар ин асос, ба тағйирёбии шароити фурӯши маҳсулот мебошад.

Гузаронидани амали тиҷоратӣ марҳалаҳои зеринро дар бар мегирад:




**Расми 29.** *Марҳалаҳои амали тиҷоратӣ*

Стратегияи он ба доираҳои фурӯши истеҳсолот гузаронидани маркази идоракунӣ мебошад. Қарор дар идоракунии ширкат ва истеҳсолотро бозор илқо мекунад.

Объектҳои таҳқиқ ва таъсиррасонӣ истеъмолкунандагон ва рақибон, яъне намояндагони саноат мебошанд, ки ҳамон хел мол ё моли шабеҳ мебароранд, ҳамчунин, хусусияти худи мол ва конюктураи (вазъи) бозор дар ин бобат нақш мебозанд. Конюнктура вазъи иқтисодии бамиёномада аст: таносуби байни ҳам талаботу пешниҳодот, сатҳи нарх, захираи мол.

Маркетонӣ ин истифода ва ҷорӣ намудани маркетинг дар фаъолияти соҳибкорӣ аст.

Раванди идоракунии маркетинг дар бар мегирад:

- таҳлили имкониятҳои бозор;

- интихоби бозорҳои мақсаднок ё сегментатсия (сегментиронӣ);

- таҳияи комплекси маркетинг;

- дар амал татбиқ кардани тадбирҳои маркетингӣ.

**Таҳлили имкониятҳои бозор.** Таҳлили имкониятҳои бозор нуқтаи ибтидоии фаъолияти маркетингӣ мебошад. Роҳбарияти корхона (ширкат) бояд донад, ки ин имкониятҳоро чи тавр ошкор сохтану арзёбӣ кардан лозим аст. Барои ин бояд арзёбии муфассали талаботи ҷорию оянда амалӣ карда шавад. Гузашта аз ин, тадбирҳо андешидан лозим аст, ки талаботро ба моли худ ташаккул диҳем, яъне дар харидор ба вуҷуд овардани хоҳиши харидани моли шумо бо роҳи фароҳам овардани шароит, ки

хариди онҳоро осон мекунад. Воситаҳои зерин барои ноил гардидан ба ин мақсад мусоидат мекунанд: дизайн, хосиятҳои функсионалию эстетикии мол, реклама, қарзи истеъмолӣ, такмили хелу сифати маҳсулот, хизматрасонии тиҷоратӣ – бо назокатию боодобии кормандон.

Омӯзиши конюктураи (вазъи) бозор ва арзёбии зарфияти он (зарфияти бозор ҳаҷми талабот ба моли мушаххас мебошад, ки гурӯҳҳои истеъмолкунандагони якҷинсаро муайян мекунад) ҳалли масъалаҳои зеринро пешбинӣ мекунад:

- таҳлили инкишофи ҷории бозор ва таъсири омилҳои мавсимӣ;

- таҳлили тағйирёбии талабот, ошкор сохтани таклифҳои истеъмолӣ нисбат ба хосиятҳои функсионалӣ, техникӣ ва эстетикии маҳсулот;

- муайян кардани сохтори бозор, яъне истеъмолкунандагони эҳтимолӣ, ки аз рӯйи ҷинс, синну сол, ҷойи истиқомат, мансубияти иҷтимоӣ, таркиби оила, вижагиҳои рафтор дар раванди интихоб ва харидани мол тақсим мешаванд;

- таҳлили нишондод, ақида, афкор, дастхостҳои истеъмолкунандагон барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкат ҳини банақшагирии истеҳсолот, фурӯш ва реклама;

- таҳлили имкониятҳои бозор ба ширкат имкон медиҳад тарафҳои сусту зӯри рақибонро ошкор созанд, ҳамчунин дар бозор «ҷойи» худро муайян кунанд.

Интихоби бозорҳои мақсаднок ё сегментатсия (сегментиронӣ). Дар сурати арзёбии мусбати талаботи ҷорию оянда барои ошкор сохтани гурӯҳҳои истеъмолкунандагон ва эҳтиёҷот сегментиронии бозорро ба ҷо меоранд.

**Сегментиронии бозор** стратегияи муайяни нисбатан оқилонатар ва бештар мутобиқ шудани истеҳсолот ва амалиёти маркетингӣ ба эҳтиёҷоти бозор ва талаботи харидорон мебошад. Он аз гурӯҳҳои алоҳидаи типии аҳолӣ иборат мебошад, ки ба мол талаботи якхела пешниҳод мекунанд ва ба реклама вокуниши якхела зоҳир менамоянд. Ҳар як чунин гурӯҳ сегменти муайяни бозорро ташкил мекунад ва бо назардошти ин нукта ин ё он сиёсати истеҳсолию фурӯш татбиқ карда мешавад.

**Таҳияи комплекси маркетинг.** Баъди интихоби сегменти бозор ширкат бояд хосиятҳои маҳсулоти ҳамаи рақибонро омӯзад ва вазъияту ҳолати мол ё хизмати худро дар бозор муайян кунад.

Бо назардошти ин ширкат нақшаи маркетингро тахия мекунад. Хеле муҳим аст, ки барномаи маркетингӣ ба сегменти худ мувофиқат кунад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ он сегмент ояндадор ҳисоб мешавад, ки дар он тақрибан 20% харидорони ҳамин бозор, ки 80% моли ширкати эҳтимолиро мехаранд, ҷойгиранд.

Сипас, ширкат ба пешниҳоди мол дар бозор шуруъ мекунад, ки мавқеъгирии мол номида мешавад. Моҳияти он молро бо ҳолати рақобатпазир дар бозор таъмин кардан аст. Ба ин мақсад маҷмуи маркетинг таҳия карда мешавад, ки нарх, усулҳои паҳн кардани мол ва ҳавасмандкуниро дар бар мегирад.

Мол маҳсули меҳнат аст, ки барои фурӯш истеҳсол шуда, арзиши мубодилавӣ ва арзиши истеъмолӣ дорад.

Ҳар мол сикли ҳаётии (раванди фурӯш ва гирифтани фоида дар тамоми давраи аз пайдоиш то нест шудани мол) худро дорад: ҷорӣ кардан, рушд, камолот, сукут.

Дар давраи ҷорӣ кардани мол савдо маъмулан зараровар аст, хаҷми фурӯш кам, хароҷоти маркетингӣ зиёд мебошад.

Тадбирҳо: ба харидорони эҳтимолӣ иттилоъ додан дар бораи моли нав, ба санҷиши мол таҳрик кардани онҳо, ба паҳн шудани мол тавассути корхонаҳои савдои чакана мусоидат кардан.

**Марҳалаи рушд:** эътирофи мол, афзоиши талабот, нарх дар сатҳи пештара мемонад ё каме поён меравад, хароҷоти ҳавасмандгардонии фурӯш дар сатҳи пештара аст, фоида меафзояд.

**Тадбирҳо:** баланд бардоштани сифати моли нав, даромадан ба сегментҳои нави бозор, истифодаи роҳҳои нави ҳаракати мол, тағйир додани тавҷеҳи як қисми реклама аз эълон дар бораи мол ба ҳавасмандгардонии истеъмоли он, каме паст кардани нарх.

**Марҳалаи камолот:** аксарияти харидорони эҳтимолӣ молро харидаанд, бинобар ин суръати фурӯши он паст мешавад, фоида кам мегардад, дар идораи маркетинг вазифаҳои мураккаб ба миён меоянд.

**Тадбирҳо:** модификатсияи бозор аз ҳисоби ҷустуҷӯйи истеъмолкунандагони нав, сегментҳои бозор, ҳавасмандгардонии фурӯш, ба мол додани хосиятҳои нав ва ҷаззобии тоза, паст кардани нарх, такмили намудҳои хизмат ва ғайра.

**Марҳалаи таназзул:** фурӯши мол якбора паст мешавад ва муайян кардани ин марҳала муҳим аст, зеро он ба эътибору обрӯйи фаъолияти ширкат таъсир мерасонад. Муайян

кардани молҳое, ки ба марҳилаи таназзул дохил шудаанд, бо роҳи таҳлили фурӯши онҳо, ҳиссаи бозор, сатҳи хароҷот ва даромаднокӣ ба амал меояд. Баъди ин роҳбарияти ширкат дар бораи давом додани истеҳсоли ин мол ё қатъи истеҳсоли он қарор қабул мекунад.

**Нарх.** Дар марҳалаҳои гуногуни сикли ҳаётии мол ин ё он усулҳои муқаррар кардани нарх интихоб мешавад.

**Нақшаи 17**

**Нархгузорӣ**




**Расми 30**. *Нархгузорӣ*

Мақсаду вазифаҳои ташаккули нарх ба самти маркетинг ва мақсадҳои худи ширкат вобаста аст. Онҳо чунин буда метавонанд: таъмини дар фаъолият будан, ба ҳадди аксар расонидани фоидаи ҷорӣ, ба даст овардани пешсафӣ дар бозор, ба даст овардани пешсафӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот ва ғайра.

Ҳаракати мол – нақшагирӣ, дастрас кардан ва назорати даст-рас кардани мол аз истеҳсолкунанда ба ҷойи истеъмоли он ё фурӯш бо баҳрабардорӣ, ҳавасмандгардонӣ. Воситаҳои асосии ҳавасмандгардонӣ – реклама, ҳавасмандгардонии фурӯш, тарғиботу ташвиқот, фурӯши шахсӣ. Ҳавасмандгардонии фурӯши мол асосан ба харидор нигаронида мешавад, ки ӯ бо хосиятҳои истеъмолии мол шинос аст. Вазифаи ҳавасмандгардонӣ ба харидҳои оянда таҳрик кардани харидор аст.

Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ба харидорон, миёнаравон ва фурӯшандагон нигаронида шудаанд:

- Харидорон – тахфиф ба ҳаҷми моли фурӯхта, низоми қарз-диҳӣ, паст кардани нарх ба сабаби ба истеҳсоли модели нави молӣ гузаштани ширкат;

- ба миёнаравон (агентҳо) таҷҳизоти пеш аз фурӯш ва ё баъд аз фурӯш бепул ё бо шартҳои имтиёзнок пешниҳод карда мешавад; тахфиф аз пули фурӯш, зиёд кардани музди кор вобаста ба ҳаҷми фурӯш;

- фурӯшандаҳо – мукофотпулӣ, рӯзҳои иловагӣ ба рухсатии меҳнатӣ, сафар аз ҳисоби ширкат, туҳфаҳо ва ғайра.

Тарғибу ташвиқ – ҳавасмандгардонии ғайришахсӣ ва аз ҷониби сарпарастон маблаггузоринашавандаи талаботи мол ё хизмат тавассути воситаҳои ахбори омма, радиою телевизион ё аз саҳна (инро баъзан рекламаи ниҳонӣ ё пӯшида меноманд) паҳн кардани маълумоти муҳими тиҷоратӣ дар бораи мол.

Фурӯши шахсӣ – пешкаш кардани шифоҳии мол дар рафти суҳбат бо як ё якчанд харидори эҳтимолӣ бо мақсади амалӣ гардонидани фурӯши қаблии мол.

Фурӯши қаблӣ ё пешакӣ фурӯхтани моли истеҳсолнашуда; қайду шарти пешакӣ дар бораи фурӯш.




**Расми 31.** *Мақсадҳои ташаккули нарх*

Ба ҳаёт татбиқ кардани тадбирҳои маркетингӣ. Барои дар амал татбиқ кардани тадбирҳои маркетингӣ ба ширкат зарур аст, ки чор низомро ба вуҷуд орад: иттилои маркетингӣ, банақшагирии маркетингӣ, ташкили умури маркетинг, назорати маркетингӣ.

Иттилои маркетингӣ дар бар мегирад:

- низоми ҳисоботдиҳии дохилӣ (нишондиҳандаҳои фурӯши ҷорӣ, хароҷот, ҳаҷми захираҳои моддӣ, ҳаракати пули нақд ва ғайра);

- низоми ҷамъоварии иттилооти берунаи ҷории маркетингӣ (иттилооти ҳаррӯза дар бораи рухдодҳое, ки дар муҳити тиҷоратӣ ба вуқуъ мепайванданд);

- низоми таҳқиқоти маркетингӣ (ҷамъоварии иттилооте, ки аз нуқтаи назари масъалаи мушаххаси маркетингии дар назди ширкат истода муҳим аст);

- низоми таҳлили иттилооти маркетингӣ.

Нақшагирии ин тадбирҳо ҳам аз ҷиҳати стратегӣ ва ҳам аз ҷиҳати маркетингӣ амалӣ мегардад. Мақсади асосии нақшагирии стратегӣ ба вуҷуд овардани ширкати пойдору устувор аст. Мақсади асосии нақшагирии маркетингӣ таҳияи нақшаҳои перспективӣ ва солона барои ҳар як аз истеҳсолоти мушаххас мебошад.

Назорат дар се самт амалӣ мегардад:

- ба иҷрои нақшаҳои солона (таҳлили имкониятҳои фурӯш, ҳиссаи бозор, таносуби байни хароҷот ба маркетинг ва фурӯш ва ғайра).

- назорати фоиданокӣ (ошкор сохтани харҷҳо, даромаднокии воқеӣ оид ба молҳо, сегментҳои бозор, роҳҳои тиҷоратӣ ва ғайра);

- назорати стратегӣ дар бораи он тасаввурот медиҳад, ки вазифаҳои маркетингӣ ва стратегияи ширкат ба талаботи муҳити маркетингии имрӯза ва оянда мувофиқат мекунад (тафтиши маркетингӣ).

Имконияти маркетингии ширкат – самти ҷидду ҷаҳди маркетингӣ, ки ба ширкат барои ба даст овардани афзалиятҳои мушаххас имконият медиҳад.

Таҳлили имкониятҳои фурӯш – андозагирию арзёбии нишондиҳандаҳои фурӯши қаблии воқеӣ дар муқоиса бо нақша.

**Барқандоз** *(электрозаправщик). Мутахассисе, ки ба хизматрасонии инфрасохтор, барои пур намудани электромобилҳо бо қувваи барқ ва дигар воситаҳои нақлиёт машғул аст. Сифатҳои касбӣ: хушмуомилагӣ ба мизоҷ, риояи сарфакорӣ.*

*Идоракунӣ, менеҷмент, менеҷменти оқилона (ратсионалӣ), менеҷменти вазъиятӣ, банақшагирӣ, назорат, коммуникатсия, мотиватсия, менеҷер, маркетинг, стратегияи маркетинг, конюктураи бозор, зарфияти бозор, сегментиронии бозор, мавқеъгирии мол, мол, марҳалаи ҷорикунӣ, марҳиааи рушд, марҳалаи камолот, марҳалаи таназзул, ҳаракати мол, ҳавасмандгардонии фурӯш, фурӯши шахсӣ, фурӯши қаблӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*1. Оид ба ҳалли яке аз масоили поён нақшаи муфассали амалиётонро таҳия кунед:*

*а) велосипеди куҳнаро фурӯхтан лозим аст;*

*б) шим дӯхтан лозим аст;*

*в) қабули меҳмонон дар рӯзи таваллуд.*

**Кори амалӣ**

1. Сегментиронии бозори истеъмолро аз рӯйи моли интихобкардаатон анҷом дода, хулоса бароред.

Тағйирёбандаҳое, ки барои сегментиронии бозори истеъмол истифода мешаванд, дар ҷадвали 6 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 6**

| Бузургии тағйирёбанда | Тарҳкашии типӣ |
|---|---|
| 1 | 2 |
| 1. Принсипи ҷуғрофӣ | |
| а) зичии аҳолӣ | а) шаҳрҳо, наздишаҳрҳо, маҳалли деҳот |
| б) шаҳр бо аҳолӣ | б) аз 15ҳ.кам, 15-20 хазор, 30-50ҳазор, 50-100 ҳазор, 100-150ҳазор, 150-500 ҳазор, 0,5-1млн, 1-4 млн, бештар аз 4 млн |
| в) минтақа ё ноҳия, шахр | в) маъмулан дар наздикии микро-ноҳияи мактаб ҷойгир аст |
| г) иқлим | Г) гарм, сард |
| 2. Принсипи демографӣ | |
| а) синну сол | а) аз 6 хурд; 6-11; 12-18; 19-25; 26-34; 35-49; 50-64; болотар аз 65-сола |
| б) ҷинс | мард, зан |
| в) сатҳи даромад | в) камбизоат, даромадаш миёна, сарватманд |
| г) машғулият | г) мансабдорон ва роҳбарон, мутахассисони баландихтисос, коргарон, деҳқонон, нафақахӯрон, донишҷӯён, соҳибхонаҳо, бекорон, хонандагон ва ғайра |
| д) маълумот | е) насронӣ, мусалмон, католик, буддоӣ ва ғайра |
| з) теъдоди узви оила | З) 1-2, 3-4, 5 нафар ва бештар |
| и) шароити манзил | и) хобгоҳ, хонаи коммуналӣ, утоқи алоҳида, ҳавлӣ ва ғайра |
| 3. Принсипи рафтор | |
| а) баҳона барои содир кардани харид | а) хариди маъмулӣ, рухдоди махсус ва ғайра |
| б) манфиати мавриди назар | б) сифат, хизматрасонӣ, сарфакорӣ ва ғайра |

| | |
|---|---|
| в) суръати истеъмол | в) истеъмолкунандаи суст, муътадил, фаъол |
| г) мақоми истифодабаранда | г) истифода намебарад, собиқ истифодабаранда, истифодабарандаи эҳтимолӣ, истифодабарандаи нав, истифодабарандаи доимӣ |

2. Молро аз се сатҳ истифода бурда коркард намоед (сатҳи мол аз рӯйи ният, мол дар ҳолати тайёр, яъне воқеӣ, мол бо тақвият).

3. Аз рӯйи шакли зерин рақибонро тавсиф кунед ва ҷадвали 7-ро дар дафтаратон кашида, онро пур кунед.

**Ҷадвали 7**

| Рақибон | Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| 1.<br>2.<br>3.<br>4. | | |

| | |
|---|---|
| ***Ин аҷиб аст*** | *Фаъолияти бисёр ширкатҳои бузурги машҳургашта аз тиҷорати оилавӣ асос ёфтааст. Масалан, ширкатҳое, мисли “Walmart” (ИМА), “Samsung-Group” (Кореяи Ҷанубӣ), “Tata - Group” (Ҳиндустон) аз ҳамин қабиланд.* |

***Савол ва супориш:***

*1. Ба самарабахшии идоракунии корхона кадом омилҳо таъсир расонида метавонанд?*
*2. Менеҷер дар назди худ ва корхона кадом мақсадҳоро гузошта метавонад?*
*3. Фарқи байни менеҷменти ратсионалистӣ ва менеҷменти вазъиятиро шарҳ диҳед.*
*4. Сохтори идоракунии корхонаи ояндаи худро тавсиф кунед. Шумо нисбат ба он кадом талабҳоро пешниҳод мекунед?*
*5. Низоми коммуникатсияро дар ширкат чӣ тавр аз ҳама самарабахштар ташкил кардан мумкин аст? Барои ин кор чӣ зарур аст?*

*6. Маркетинг чист?*
*7. Таҳлили имкониятҳои бозорӣ чӣ тавр ба муайян кардани «ҷой» дар бозор ёрӣ мерасонад?*
*8. Оё ба сегментиронии бозор низ ба истеҳсолу фурӯши маҳсулот машғул шудан мумкин аст? Ин гуфтаҳоро бо далел рад кунед.*
*9. Ҳангоми интихоби сегментҳои мақсадноки бозор чиро ба назар гирифтан муҳим аст?*
*10. Эҷодкорона бо мисолҳои мушаххас марҳалаҳои сикли ҳаётии молро шарҳ диҳед.*

## 16. ФУРӮШИ МОЛ ВА ХИЗМАТ

Мо ба он лаҳза расидем, ки коргоҳамон молро истеҳсол карда ё ба истеъмолкунанда хизмат расонида метавонад. Акнун дар назди мо саволи зерин меистад: мол ё хизматро чӣ хел фурӯхтан лозим аст ва барои ба талаботи воқеӣ табдил додани эҳтиёҷоти истеъмолкунанда чӣ тадбир бояд андешида шавад? Зеро истеҳсоли мол нисфи кор аст, чизи асосӣ то ба истеъмолкунанда расонидани он мебошад. Ва ин кор ба он вобаста аст, ки ҳаракати маҳсулот ба соҳаи муомилот (ҳаракати мол) то чӣ андоза оқилона ташкил шудааст.

Вожаи «оқилона» дар ҷумлаи боло маънои «бо харҷи ҳадди ақалл»-ро дорад. Харҷҳо бошанд чунинанд: хароҷоти ҳамлу накл, коғазпеч кардан ё бастабандӣ, нигоҳдорӣ, реклама тақсими мол тавассути роҳи ҳаракати мол аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда буда, дар он ташкилотҳо ё шахсони алоҳида иштирок мекунанд, сурат мегирад. Онҳо вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд. Масалан, ба истеъмолкунанда дар бораи хосиятҳои моли мавҷудаю нав иттилоъ медиҳанд, бо харидорони доимӣ робита муқаррар менамоянд, ба ташаккули нарх таъсир мерасонанд, фурӯшро ҳавасманд мегардонанд ва ғайра.

Роҳи мустақим истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда бе миёнарав ҳаракат кардани мол аст. Фурӯши мол тавассути мағозаҳои худии коргоҳ, ширкат бо почта ва ғайра сурат мегирад. Ин намуди роҳ ба таҳти назорат гирифтани тамоми раванди фурӯш ва таъмини робитаҳои зич бо истеъмолкунандагон имкон медиҳад. Вале роҳи мустақимро маъмулан истеҳсолкунандаи майда истифода мебарад, ки ӯ худаш ҳам фурӯшанда аст ё ширкате ба кор мебарад, ки тамоми хароҷоти фурӯшро рӯпӯш мекунад ва фоида мегирад.

Роҳи ғайримустақим бо истифодаи миёнаравҳои мустақил марбут аст. Мол аз истеҳсолкунанда ба миёнарав меояд ва сипас дуюмӣ онро мефурӯшад.

Инчунин, ин роҳ сода ва мураккаб мешавад. Роҳи сода роҳест, ки дар асоси қарордоди шифоҳӣ (ширкати хурд, мағозаи чаканафурӯшӣ ва ғайра) ташкил мешавад. Асоси роҳи мураккаб бастани қарордод мебошад, ки дар он сиёсати нархгузорӣ, шартҳои фурӯш, сохтори хизматрасонӣ, масъулият, давомнокию шартҳои қатъии қарордод ва ғайра қайду шарт карда мешавад.

Роҳи ҳаракати мол бо теъдоди сатҳҳои онҳо тавсиф карда мешаванд. Сатҳи роҳ ин миёнарави дилхоҳ аст, ки ин ё он корро оид ба наздик кардани мол ба харидори ниҳоӣ иҷро мекунад. Дарозии роҳ ба теъдоди сатҳҳои мобайнии он вобаста аст.

Роҳи яксатҳа як миёнаравро дар бар мегирад (савдогари чакана, агент оид ба фурӯш, миёнарав, агенти биржа). Канали дусатҳа ду миёнарав дорад: дар бозори истеъмол – савдогарони яклухти чакана, дар бозорҳои таъиноти истеҳсолӣ – дистрибютери саноатӣ ва дилер (дистрибютер - тақсимкунанда, симои ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ба ӯ ҳуқуқи харид ва додани қисми муайяни мол ё хизматҳо дар доираи ҳудуд ва бозорҳои муқарраргардида дода шудааст).

Роҳи сесатҳа се миёнаравро дар бар мегирад (савдогари яклухт, яклухтфурӯши майда ва савдогари чакана).

Меъёрҳои самарабахшии интихоби роҳҳои ҳаракати мол: суръати ҳаракати мол, сатҳи хароҷоти гардиш ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот.

Вазифаҳои фурӯши мол ё хизматро дар марҳилаҳои гуногуни ҳаракати мол савдои яклухт ва чакана иҷро мекунад.

Савдои яклухт чӣ хел амалӣ мегардад?

Савдои яклухт фаъолият оид ба ҳаракати мол аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда ё ба корхонаест, ки молро ба мақсади фурӯш мехарад. Дар савдои яклухт се категорияи корхонаҳо иштирок мекунанд:

- умури яклухтфурӯши истеҳсолкунандагон (шуъбаҳои фурӯш ва идораҳои фурӯш);

- ташкилоти тиҷоратии яклухтфурӯш (корхонаҳои мустақили савдо, ки якҷоя бо маҳсулот ҳуқуқи моликият ба онро мехаранд: яклухтфурӯшон бо хизматрасонии пурра ва яклухтфурӯшон бо хизматрасонии маҳдуд).

- агентҳо ва брокерҳо (вазифаи миёнаравиро дар хариду фурӯш бар ивази хидматона иҷро мекунанд). Агентҳо дар асоси доимӣ, брокерҳо – муваққатӣ истифода мешаванд.

Савдои чакана – фаъолияти марбут ба фурӯши молу хизмат ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ барои истифодаи шахсии онҳо. Он хеле гуногун буда, тавассути мағозаҳо амалӣ мегардад. Мағозаҳо аз рӯйи шакли моликият ва типи стратегия, маҳалли ҷойгиршавӣ, хели маҳсулот, сатҳи нарх аз ҳам фарқ мекунанд. Савдои чакана, мумкин аст, бидуни мағоза сурат гирад: автоматҳои савдо (фурӯши рӯзнома), дастифурӯшӣ, савдо бо супориши алоқа ва ё бо телефон.




**Расми 32.** *Шаклҳои фурӯши мол*

Дар бизнеси ҳозиразамон тарғибот (реклама) яке аз аслиҳаҳои пуриқтидори маркетинг аст. Реклама паҳн кардани мақсадноки маълумот (иттилоот) дар бораи хосиятҳои истеъмолии мол ё хизмат ба мақсади фурӯши он мебошад. Намудҳои одитарини реклама таърихи хеле қадим доранд. Масалан, мӯзадӯзон дар пештоқи дуконашон як ҷуфт ё як по мӯзаро овезон карда мемонданд. Мумкин аст онҳо дар бораи реклама будани ин кор фикр ҳам намекар-

данд. Дар шаҳрҳои Аврупо бошад, масалан, дар тирезаи сартарошхона расми шонаю қайчиро мекашиданд ва шахси бори аввал ба ин шаҳр омада низ фавран мефаҳмад, ки дар ин ҷо сартарошхона ҷойгир аст.

Баробари инкишофи ҷамъият дар соҳаи реклама саноати том арзи ҳастӣ кард. Дар он рассомон, зебдиҳандагон, муҳандисон ва дигар мутахассисон кор мекунанд. Дар рӯзҳои мо ягон чиз ё намуди фаъолиятро ёфтан мушкил аст, ки реклама нашавад. Корхонаҳои рекламавӣ ҳамаи воситаҳои муосири иттилоот – матбуот, телевизион, радиоро истифода мебаранд.

Реклама бояд чӣ хел бошад?

- Реклама бояд ба истеъмолкунанда он чиро шунавонад ё нишон диҳад, ки ӯ ё шунидан ё дидан мехоҳад.
- Реклама бояд мароқи истеъмолкунандаро бедор кунад ва дар он эҳсос пайдо шавад, ки чизи наверо фаҳмидааст.
- Реклама бояд ҳақиқатро инъикос кунад.
- Реклама бояд нисбати дигар ширкатҳо боадабона бошад. Моли худро таърифу нисбати моли дигар бадгӯйӣ кардан лозим нест.

Рекламаи шифоҳӣ (даҳонӣ)

Махсусияти рекламаи шифоҳӣ дар он аст, ки қариб ягон хел масолеҳи ёрирасон (коғаз, ранг, фломастер ва ғ.) лозим нест.

Рекламаи хаттӣ

Барои ширкатҳои зерин тамғаҳои молии худро фикр карда ёбед:

1. Шабакаи ошхонаҳои хурд.
2. Ширкати компютерӣ.
3. Ширкати ҳавопаймоӣ.

**Маклер** *(олмонӣ: Makler) як фурӯшанда аст. Одатан, маклер ба миёнаравӣ дар хариду фурӯши мол, коғазҳои қиматнок, хизматрасонӣ, суғурта ба таври касбӣ машғул буда, бо роҳи ба ҳам овардани шарикон ба бастани муомилоти хариду фурӯш мусоидат мекунад. Маклерон донандаи хуби ҳама гуна реклама буда, барои ҳарчи зудтар ба муомила рафтани молу хизмат кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Маклер, чун қоида, аз ҳар як тарафе, ки дар муомилот иштирок мекунад, ба андозаи ба маблағи муомила вобаста подош мегирад.*

*Роҳи ҳаракати мол, роҳҳои мустақим, роҳҳои ғайримустақим, сатҳи роҳ, дистрибютер, савдои чакана, савдои яклухт.*

## КОРИ АМАЛӢ

*1. Ташкилоту ширкат ва корхонаҳоеро номбар кунед, ки маҳсулотро тавассути роҳҳои мустақиму ғайримустақим мефурӯшанд. Хароҷоти фурӯши кадом корхонаю ширкат ва ташкилотҳо камтар аст. Чаро?*

*2. Ширкати дилхоҳро интихоб кунед. Ҷадвали фурӯши моли ширкатро тартиб диҳед.*

*3. Шумо соҳиби фабрикаи пойафзор мебошед, ки якчанд ҷузъи том (шуъбаи таҳвил, се коргоҳи истеҳсолӣ, ду коргоҳи ёрирасон, умури маркетинг) дорад. Роҳҳои харакати моли ин фабрикаро тартиб диҳед. Хароҷоти фурӯши маҳсулотро муайян намоед. Зимнан хароҷотро бо реклама, воситаҳои нақлиёт, печонидани мол (бастабандӣ), хароҷоти пардохти музди меҳнати фурӯшгарон ва миёнаравон (агар бошад) ба назар гиред.*

***Ин аҷиб аст***

**Стартап** *(англ, «startup company», «startup» - ширкати навташкил) ширкат, фирмаи навкор ё бизнес-лоиҳаи наве, ки фаъолияти худро дар асоси ғояҳои инноватсионӣ ё технологияҳо ташкил додааст.*

### *Савол ва супориш:*

*1. Ба назари шумо, моҳияти санъати фурӯш дар чист?*
*2. Интихоби ин ё он роҳи ҳаракати мол ба кадом омил вобаста аст?*
*3. Меъёрҳои арзёбии роҳҳои ҳаракати молро шарҳ диҳед.*
*4. Дар мағозаи чаканафурӯшӣ яклухт фурӯхтани мол мумкин аст?*
*5. Истеҳсолкунанда аз фурӯши маҳсулоташ ба воситаи ташкилотҳои савдои яклухт чӣ хел ва кай фоида ба даст меорад?*
*6. Дар бораи касби маклер маълумот диҳед.*

## 17. ТАБЛИҒ (РЕКЛАМА) ДАР НИЗОМИ СОҲИБКОРӢ

*Реклама.* Ба таври кушодаю ошкоро бо харидорони эҳтимолӣ, истеъмолкунандагони маҳсулот ва хизмат аз ҷониби ширкат ё соҳибкори хусусӣ додани иттилоъ дар бораи сифат, бартарияту афзалияти мол, ҳамчунин, оид ба хизмату фаъолияти худи ширкат ё соҳибкори хусусӣ реклама номида мешавад.

Алҳол реклама ба яке аз усулҳои фаъол кардани талаботи мол табдил ёфтааст, ки ба вуҷуд овардан, нигоҳ доштан ва барҷаста кардани образи компания дар назари истеъмолкунандагон нигаронида шудааст.

Вижагии реклама дар он аст, ки он на бо як истеъмолкунандаи мушаххас, балки ба доираи муайян равона карда мешавад. Реклама вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

- *Иттилоотӣ.* Ба истеъмолкунандагон иттилоотро дар бораи моли нав, тағйирёбии нарх мерасонад, образи компанияро ташаккул медиҳад. Чунин намуди реклама асосан дар марҳалаи ба бозор баровардани мол, вақте ки вазифаи ба вуҷуд овардани талаботи ибтидоӣ ба миён гузошта мешавад, мавриди истифода қарор мегирад.

- *Боваркунонӣ ё талқинкунӣ.* Реклама ба истеъмолкунанда зарурати харидани ин ё он мол ва ё хизмати маҳз ҳамин ширкат ё тамғаро талқин мекунад. Ин реклама дар марҳилаи афзоиши мол, вақте ки дар назди ширкат вазифаи ташаккули талаботи интихобӣ меистад, аҳаммияти махсус дорад.

- *Бахотироваранда*. Реклама ба нигоҳ доштани огоҳию бохабарӣ дар бораи мол мусоидат менамояд, ки ин мол ба ӯ зарур шуданаш мумкин аст ва онро дар куҷо харида метавонад. Он дар марҳилаи камолоти мол лозим аст, то истеъмолкунанда моли шуморо аз хотир фаромӯш накунад.

Марҳалаи 1 – муайян кардани мақсаду объект;

Марҳалаи 2 – таҳлили амалияи рекламавии рақибон;

Марҳалаи 3 – таҳияи муносибати умумии эҷодӣ ва ташаккули ғояи муроҷиат ба истеъмолкунандагон;

Марҳалаи 4 – коркарди худи реклама.

Сабаби таҳрики истеъмолкунандаро, ки марбут ба манфиатест, ки ҳамин мол онро нисбат ба моли рақибон хубтар таъмин мекунад, муайян намудан лозим аст.

Матни реклама бояд назаррабою назарнамо бошад, ба тезию осонӣ хонда шавад, зуд дар хотир монад, бо ороиш, сурат, кари-

катура зеб ёбад, хулласи калом мароқовар бошад. Ҳини таҳияи реклама интихоби воситаҳои муроҷиати рекламавӣ марбутан ба объекти реклама, яъне истеъмолкунанда нақши калон мебозад. Масалан, дар рекламаи молҳои кӯдакона қаҳрамонҳои китобу филмҳои тасвириро истифода бурдан мумкин аст. Рекламаи телевизиониро маъмулан ба тариқи мултипликатсия меофаранд ва дар вақти барномаҳои бачаҳо намоиш медиҳанд.

Инак, талаботи асосӣ ба реклама:

- мушаххас будани ҳадафу объекти реклама;

- шиоргуна будани матн;

- ҳақиқатгуна будани реклама;

- ба истеъмолкунанда расонидани он чизе, ки ӯ шунидан ё дидан мехоҳад;

- бо рекламаи маҳсулоти худ ба дили истеъмолкунандагон назадан, онро аз ҳад зиёд дилбазан накардан, дар реклама навовару ихтироъкор будан;

- дар атрофи корхона ва маснуоти он муҳити ошкорбаёнию кушода ба вуҷуд овардан;

- рекламаро то он даме, ки ба пурра ба охир расонидани имкониятҳои он боварӣ ҳосил намекунед, нагиред;

- ба интихоби воситаҳои реклама бо ниҳояти масъу-лиятшиносӣ муносибат кардан. Ба воситаҳои реклама дохил мешавад: телевизион, радио, рӯзнома, маҷалла, воситаҳои мутаҳаррик, сипаровезаҳо ва ғайра. Ҳомилони реклама кинотеатрҳо, варзишгоҳҳо, девори биноҳо, автобусҳо ва ғайра шуда метавонанд.

Фаъолияти рекламавиро дар корхонаю ширкат ё агентии мустақили рекламавӣ тибқи су-пориши муштарӣ амалӣ гардонида метавонанд.

Дар бизнеси муосир реклама яке аз силоҳҳои пуриқтидори маркетинг мебошад. **Таблиғот** паҳн кардани мақсадноки маълумот (иттилоот) дар бораи хосиятҳои истеъмолии мол ё хизмат ба мақсади фурӯши он мебошад.

Баробари инкишофи ҷамъият дар соҳаи реклама низ индустрияи том тараққӣ мекунад. Рассомону дизайнерон, муҳандисон ва дигар мутахассисони сершумор дар ин соҳа машғули коранд.

Дар олами имрӯза предмет ё намуди фаъолиятро ёфтан қариб мумкин нест, ки реклама карда нашавад. Корхонаи рекламавӣ ҳамаи воситаҳои иттилоот – матбуот, телевизион, радиоро истифода мебарад.

**Оҷонсии таблиғӣ** *(рекламное агентство) – як гурӯҳи одамони эҷодкор мебошад, ки бо истифода аз воситаҳои ахбори омма (шабакаҳои алоқа) хизматрасонӣ ё моли муштариро тавассути ҷалби таваҷҷуҳи иловагӣ ба ӯ таблиғ (тарғиб) мекунанд. Оҷонсиҳои таблиғотӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: оҷонсиҳои эҷодӣ (эҷоди кардани реклама), оҷонсиҳои ВАО (ҷойи реклама). Дар оҷонсиҳои таблиғӣ барномасозон, танзимгарон, наворгирон, тарроҳон, суратгирон, ровиён, мутахассисони сабт ва коркарди овоз ва дигарон ба фаъолият фаро гирифта мешаванд.*

*Реклама, вазифаи иттилоотӣ, вазифаи талқинкунӣ, вазифаи хотиррасонкунӣ ё ба хотироваранда.*

## КОРИ АМАЛӢ

*Бозии «Рекламаи кӣ беҳтар аст ?»*

*Рекламаи шифоҳӣ*

*Иштироккунандагони бозӣ ба 3-4 даста (команда) ҷудо мешаванд. Ҳар тим гунаи шифоҳӣ ё хаттии (хаттиаш мақбултар аст) баромади рекламавии худро таркиб медиҳад. Сипас, тимҳо ба баромад тайёрӣ мебинанд, имою ишора ва қиёфасозиҳоро машқу тамрин менамоянд.*

*Баъд ҳар як тим дар назди комиссияи экспертӣ рекламаи шифоҳии худро намоиш медиҳад. Агар иштироккунандагони тим намоишашонро чун актёрҳои ҳақиқӣ ба маърази тамошо гузошта натавонанд, бо қироати он иктифо варзидан мумкин аст. Дар ин маврид комиссияи экспертӣ худи матн, муҳтавои он, мувофиқати онро бо талаботи нисбат ба рекламаи шифоҳӣ пешниҳодшаванда арзёбӣ мекунад.*

*Агар даста (тим) ба намоиш додани рекламааш омода бошад, комиссияи экспертӣ на танҳо сифати матн, балки маҳорати истифодаи овоз, имою ишорат, қиёфасозиро низ арзёбӣ мекунад.*

*Вижагии рекламаи нутқӣ дар он аст, ки қариб ба истифодаи маводди ёрирасон (когаз, ранг, фломастер ва гайра) эҳтиёҷ надорад.*

*Вазифаи асосии тимҳо дар он аст, ки танҳо ба воситаи овоз, имою ишора, қиёфасозӣ диққати харидорро ба моли худ ҷалб кунанд.*

*Ба сифати харидори эҳтимолӣ худи аъзои ҳакамон баромад мекунанд ва дар ниҳоят он гурӯҳеро интихоб менамоянд, ки диққати онҳоро чун харидор ба маҳсулоташ ҷалб карда тавонист.*

*Рекламаи хаттӣ*

*Тамғаҳои молиатонро барои чунин ширкатҳо тайёр кунед:*

*1. Шабакаи ғизофурӯшӣ (закусочная)*

*2. Ширкате, ки лавозимоти футболбозӣ истеҳсол мекунад*

*3. Ширкати компютерӣ*

*4. Компанияи ҳавопаймоӣ*

*Дар давоми 5-10 дақиқа барои молу хизматҳои зерин реклама фикр карда нависед ё расмашро кашед:*

*1. Хамири дандон*

*2. Саёҳат дар баҳри Миёназамин*

*3. Бонки тиҷорат*

**Ин аҷиб аст**

*Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико беш аз 30 млн корхонаи хурд ба рӯйхат гирифта шудааст. Ин нишондод аз адади ширкат ва фирмаҳои хурду калон 2000 баробар зиёд аст. 70 фоизи аҳолии ИМА дар ташкилотҳои тиҷоратии хурд меҳнат мекунанд. Ин маълумот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар як инсон имкони оғоз намудани фаъолияти тиҷоратии худро дорад.*

**Савол ва супориш:**

*1. Вазифаи асосии реклама дар бораи мол иттилоъ додан ба истеъмолкунанда аст. Ин иддао дуруст аст ё на?*

*2. Усулҳои аз ҳама паҳншудаеро, ки дар реклама истифода мешаванд, тавсиф диҳед.*

*3. Чӣ кор бояд кард, ки аз рекламаи бадсифат зарар набинем?*

*4. Талаботи асосиро ба реклама номбар кунед. Оё онҳо ба назари шумо оптималӣ, яъне мувофиқ мутобиқ ҳастанд?*

*5. Дар низоми соҳибкорӣ реклама кадом нақшро мебозад? Ҷавобатонро бо мисолҳо шарҳ диҳед.*

*6. Эҷодкорона оид ба самти фаъолияти оҷонсиҳои рекламавии минтақаи худ мисолҳои мушаххас биёред.*

## 18. БАНАҚШАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Ғояи аҷиб ва ҷолиби диққати нави соҳибкор мумкин аст дар соҳаи дилхоҳ, аз ҷумла, худи истеҳсолот, талаботи бозор ё робитаҳои шарикӣ ба миён ояд. Баъди ба миён омадан ғоя ё идеяи нав тадриҷан тамоми тарафҳои корхонаро тағйир медиҳад. Масалан, соҳибкор бо назардошти талаботи нави бозор қарор медиад, ки истеҳсоли намуди нави такмилшудаи автомобилро сар

кунад. Бо ин мақсад ӯ муҳандисон – конструкторони навро ба кор ҷалб мекунад. Мутахассисони мазкур барои кори худ ҷорӣ намудани технологияи нави коркарди филиз ё пластмассаи дорои хосиятҳои навро талаб намуданд. Ин кор бошад ташкили участкаи нав ё коргоҳи навро тақозо мекунад. Иҷрои ин кор, яъне ташкили участкаи нав киро кардани миқдори зиёди коргарон ё ба коргарони кӯҳна ёд додани касби навро талаб менамояд.

На ҳар як соҳибкор барои иҷрои нақшаҳои мазкур ба қадри кофӣ сармоя дорад. Бинобар ин, таҳти кафолати маҳсулоти оянда, ки мувофиқи нақша бояд ба фалон нишондиҳанда расад, қарз гирифтан лозим аст.

Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ

| Намудҳои банақшагирӣ | Давраҳои банақшагирӣ |
|---|---|
| Фаврӣ | 1 рӯз - 1 моҳ |
| Ҷорӣ | 1 сол |
| Дурнамо (стратегӣ) | 3 сол - 10 сол |

**Расми 33**. *Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ*

Қарзе, ки соҳибкор барои татбиқи идея ё ғояи худ, васеъ кардани корхона ё ба вуҷуд овардани моли нав мекобад, имрӯз инвеститсия меноманд. Симои воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки инвеститсия медиҳад, инвестор номида мешавад. Низоми инвеститсия дар дунёи иқтисодии имрӯза яке аз меҳварҳои пурқуввати тақсими такрории сармоя на танҳо байни соҳибмулкони алоҳида, балки байни мамлакатҳои гуногун мебошад. Ба миқдори зиёд ҷудо кардани инвеститсия ба саноати мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда метавонад ба инкишофи онҳо такон бахшад. Бе инвеститсия – гирифтани қарз таҳти кафолати даромадиояндаи корхонаи тараққикунанда – имрӯз ягон соҳибкор, ҳатто соҳибкорони хеле сарватманд кор карда наметавонанд, зеро истеҳсолоти муосир ташкили низоми хеле мураккаб мебошад, технологияҳои

навтарин, дастгоҳу автоматҳои ҳозиразамон бошанд, харочоти калони пулиро тақозо мекунанд.

Бо маблағи инвеститсия соҳибкор саҳмия мебарорад, ки онҳо ё ба фурӯши озод бароварда мешаванд ё тибқи манфиат тақсим карда мешаванд.

Диққат! Барориши иловагии саҳмияҳо аз тарафи ягон корхона эмиссия номида мешавад. Аз ҷониби давлат низ ба тариқи илова баровардани пул эмиссия номида мешавад.

Худ ба худ маълум аст, ки чи қадаре ки боварӣ ба корхонаю соҳиби он бештар бошад, ҳамон қадар бештар ба он инвеститсия медиҳанд ва корхона бо фоидаи бештар саҳмияашро фурӯхта метавонад. Барои ба чунин боварӣ сазовор гаштан обрӯю эътибори соҳибкор ва маҳсулоти корхонаи ӯ кофӣ нест. Ӯ бояд нақшаи навоваронаи худро, ки инвеститсия барои татбиқи онҳо зарур аст, бо далелу бурҳонҳо пешниҳод кунад. Моҳиятан, ӯ бояд таҳлили имкониятҳои истеҳсолоти худро пешниҳод кунад: ҳисобу китоби истифодаи пули қарз; ҳисобу китоби модда ба моддаи тағйиротҳо; дигаргуниҳо дар дохили истеҳсолот ва берун аз он – дар бозори фурӯш ё аз ҳисоби кадом тадбирҳои дигар фоида ба даст меояд, кай фоида ба даст меояд ё кай ба даст омадани он шуруъ мешавад;

Ҳамаи ин таҳлил, далелу бурҳонро соҳибкор бояд дар шакли ҳуҷҷате, ки бизнес-нақша ном дорад, пешниҳод кунад.

Ғайр аз шароити мазкур, таҳияи бизнес-нақшаро метавонад вазъиятҳои дигар талаб кунанд, аз ҷумла:

- тайёр кардани дархостҳои ширкатҳои хусусӣ ва тиҷоратии мавҷуда, таъсисёбанда ба гирифтани қарз;
- асосноккунии пешниҳодҳо оид ба ғайридавлатӣ гардонидани корхонаҳои давлатӣ;
- кушодани кори нав ва муайян кардани соҳаи ширкати оянда ва самтҳои асосии фаъолияти тиҷоратии он;
- дигар кардани соҳаи ширкати мавҷуда ва интихоби намудҳо, самтҳо ва усулҳои нави татбиқи амалиёти тиҷоратӣ;
- таҳияи лоиҳаи эмиссияи коғазҳои қиматнок (саҳмия ва вомбарг)-и ширкатҳои ғайридавлатишаванда ва хусусӣ;
- баромад ба бозори беруна ва ҷалби инвеститсияи хориҷӣ.

Ҳамин тавр, бизнес-нақша ҳуҷҷатест, ки асосноккунии қадамҳои асосиро дар бар мегирад, ки амалӣ гардонидани онҳо барои татбиқи ягон лоиҳаи тиҷоратӣ ва ё сохтани фирмаи нав пешбинӣ шудааст.

Мақсади таҳияи бизнес-нақша кашидани нақшаи фаъолияти хоҷагидории ширкат дар ояндаи наздик ва дур тибқи талаботи бозор ва имконияти гирифтани захираҳои зарурӣ (инвеститсияҳо) мебошад.

Бизнес-нақша ба сохибкор ба ҳалли вазифаҳои асосии зерин ёрӣ мерасонад:

- муайян кардани самтҳои мушаххаси фаъолияти ширкат, бозорҳои мақсаднок ва ҷойи ширкат дар ин бозорҳо;

- баён кардани мақсадҳои дарозмуҳлату кӯтоҳмуҳлати ширкат, стратегия ва тактикаи ноил гардидан ба онҳо. Муайян кардани ашхосе, ки ба татбиқи ҳар як стратегия масъуланд;

- интихоби ҳайъат ва муайян кардани нишондиҳандаҳои молу хизматҳое, ки ширкат ба истеъмолкунандагон пешниҳод мекунад. Арзёбии хароҷоти истесолию тиҷоратӣ ҳангоми сохтан ва фурӯхтани онҳо;

- арзёбии мутобиқати кадрҳои ширкат ва шартҳои тариқи меҳнати онҳо ба талабот оид ба ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда;

- муайян кардани ҳайъати тадбирҳои маркетингии ширкат оид ба омӯзиши бозор, реклама, ҳавасмандгардонии фурӯш, ташаккули нарх, роҳҳои фурӯш ва ҳоказо.

- арзёбӣ кардани вазъи моддию молиявии ширкат ва мутобиқати захираҳои молиявию моддӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошта;

- пешбинӣ кардани мушкилот, маҷроҳои зериобӣ, ки ба иҷрои бизнес-нақша халал мерасонанд.

Соҳибкор агар таҳияи бизнес-нақшаро сарфи назар кунад, мумкин аст, дар роҳи ташкили бизнес ба он ҳолатҳои ногувор ва мушкилоти зиёд мувоҷеҳ шавад, ки аз уҳдаи ҳалли онҳо намебарояд. Ин ҳолат бошад, аксаран ҳам ба ӯ ва ҳам ба коре, ки ӯ машғул аст, оқибатҳои ногувор меорад. Бинобар ин, вақтро дареғ надош-та (ба ширкати миёна барои таҳияи бизнес-нақша то 200 одам/соат лозим мешавад), ба таҳияи бизнес-нақшагирӣ тайёр шудан лозим аст. Зимнан таҳияи хаттӣ барои ташкили кор оид ба иҷрои нақша аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Ҳатто дар шароите, ки вазъият дар бозор зуд-зуд тағйир меёбад, аз таҳияи бизнес-нақша сарфи назар кардан нашояд.

Дар натиҷаи таҳияи бизнес-нақша пешакӣ камбудиҳоро дидан ва роҳҳои бартараф кардани онҳоро андешидан мумкин аст.

Албатта, бизнес-нақшаро бо ҷалби мушовиру экспертҳо бояд худи соҳибкор таҳия кунад, зеро таҳияи бизнес-нақша ба ӯ имкон медиҳад, бори дигар худаш ва нияташро тафтиш кунад.

Дар назари аввал, таҳияи бизнес-нақша кори осон менамояд. Вале дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки аз таҳияи бизнес-нақша ба бисёр чизҳо, масалан, инвеститсия барои кори шумо вобаста аст. Ба ибораи дигар, шумо бояд исбот кунед, ки кори интихоб кардаатон хеле муҳим мебошад ва он барои истеъмолкунанда зарур асту ба ин кор талабот ҳам вуҷуд дорад. Ва ҳамаи ин мақсадҳоро шумо бояд дар якчанд соли оянда пешбинӣ кунед. Маъмулан, бизнес-нақшаро барои 3-5 сол таҳия мекунанд. Агар шумоояндаи лоиҳаи худро тақрибан муайян карда натавонед, ба кор оғоз накарданатон беҳтар аст.

Ҳатман сари масъалаи зерин андеша кунед: дар тамоми олам қисми зиёди соҳибкорони навкор касод мешаванд. Таҳлили мутахассисони хориҷӣ нишон медиҳад, ки сабабҳои асосии нокомии бизнеси хусусӣ ва соҳибкории оилавӣ чунинанд:

- ба сабабҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ), бурда натавонистани кор – 40% нобарорӣ;
- набудани таҷрибаи идоракунӣ – 15-17 % нобарорӣ;
- набудани малакаҳои касбӣ – 13-15 % нобарорӣ.

Ҳангоми кушодани кори худ набояд фаромӯш кард, ки шумо якбора ҳама чизро аз худ кардаю фаро гирифта наметавонед (маҳорати ташкил кардан, идора намудан, малакаҳои касбӣ ва ғайра), вале дар раванди ташкили кори худ ва баланд бардоштани сатҳи касбият бисёр мушкилоти мазкур бартараф карда мешаванд ё ба эътидол меоянд. Аз ҳама муҳиммаш, шумо бояд хислатҳоеро, ки ба соҳибкор хос аст, дар худ парвариш диҳед: боварию эътимод ба қувваи худ, ҷидду ҷаҳд ба навоварӣ, қобилияти бисёр меҳнат кардан, маҳорати баҳисобгирии корҳои худ, хароҷоту натиҷаҳо.

Инак, ба таҳияи бизнес-нақшаи мол ё хизмате шуруъ мекунем, ки бояд ҷиҳатҳои маҳз маҳсулоти шуморо инъикос кунад. Сохтору муҳтавои бизнес-нақшаро шумо бояд худатон таҳия кунед, вале дар бизнес-нақша ҳатман бояд фаслҳои зерин мавҷуд бошанд: резюме (мақсаду вазифаҳои ташаббуси шумо); маълумот дар бораи ширкат (ё корхона), соҳаи фаъолияти он; маҳсулот, хизмат; бозорҳо, маркетинг; нақшаи истеҳсолот; менеҷмент; таъмини ҳуқуқии фаъолияти ширкат; арзёбии таваккал ва суғурта; нақшаи молиявӣ; стратегияи маблағгузорӣ; замимаи бизнес-нақша.

*Муҳандиси низомманди шабакаҳои энергии зеҳнӣ. Мутахассисе, ки бо лоиҳакашӣ ва амсиласозии "шабакаҳои боақл", низоми микрогенерасонӣ, муҳити энергетикии "боақл" зери ин ё он масъала, инчунин, коркарди талаботи технологӣ ва инфрасохторӣ ба низомҳо дар тули ҳамаи силсилаи ҳаёт мебошад. Сифатҳои касбӣ: тафаккури низомманд, барномасозӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, забондонӣ, маданиятдонӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Бизнес-нақша, мақсади бизнес-нақша, резюме.*

## КОРИ АМАЛӢ

*Дар поён бизнес-нақшаи намунавии компанияи талабаҳо овардa шудааст. Дар мисоли ин бизнес-нақша дар дафтаратон фаслҳои асосии бизнес-нақшаро бо тавсифи мухтасари онҳо барои гояҳои зерин таҳия кунед. Аз ҷадвали 8 истифода баред.*

| Ташкили коргоҳи дӯзандагӣ барои дӯхтани нимтанаҳои кӯдакона | Ташкили маҳфили дӯзандагӣ | Ташкили намоиши маснуоти эҷодкории амалӣ |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1.<br>2.<br>3.<br>4 | | |




***Савол ва супориш:***

*1. Фаслҳои асосии бизнес-нақшаатонро номбар кунед. Оё ба назари шумо онҳо ба мақсад мувофиқ ҳастанд?*
*2. Тавсифи нақшаи маркетинг дар бизнес-нақша барои чӣ истифода мешавад?*
*3. Қисмҳои асосии ҳисоботи молиявиро номбар кунед.*
*4. Эҷодкорона оид ба касбҳое, ки ба мавзуъ алоқамандӣ доранд маълумот диҳед.*

## 19. БИЗНЕС-НАҚШАИ КОМПАНИЯИ ХОНАНДАГОН «ЧЕВАР»

Алҳол дар байни аҳолӣ талабот ба маҳсулоти аз матоъҳои мӯдноки омодашуда хеле зиёд аст. Азбаски дар бозор либосҳои нисбатан қимати аз хориҷа овардаро пешниҳод мекунанд ва айни замон на ҳамеша маҳсулоти хориҷӣ хушсифатанд, мо умедворем маҳсулоти мо дар мавсими баҳору тобистон харидори худро меёбад, яъне талабот ба он пайдо мешавад.

Истеҳсоли шим ва шимча (бермуди) аз матоъҳои нави мӯднок пешниҳод карда мешавад. Мо мехоҳем маҳсулотамон аз ҷиҳати нарх дастрас бошад, аз ҷиҳати ороиш ва дӯхту интихоби матоъ завқу салиқаи ашхоси гуногунсолро қонеъ гардонад.

Гуфтан лозим аст, ки мӯд алҳол нисбатан демократӣ аст, ба он маъно, ки маҳсулоти моро одамони синну солашон гуногун метавонанд пӯшанд. Гуногунии моделҳо имкон медиҳад либоси мо ба одамони андомашон ғайристандартӣ низ мувофиқ ояд. Ҳангоми интихоби матоъ мо ба ҷиҳатҳои зерини он диққати махсус медиҳем: матоъ бояд чиркбардор бошад, тез ғаҷубиҷ нашавад, шустанаш меҳнатталаб набошад, дарзмолаш низ осон бошад.

Барои муайян кардани нархи маҳсулот хароҷотеро, ки ба истеҳсоли он зарур аст, ҳисобу китоб мекунем:

Хароҷот ба дӯхтани як шим иборат аст аз:

Матоъ – 1 м бо нархи 35 сомонӣ. Барои 1,7 м - 59 сомонӣ 50 дирам;

Ресмон – як ғалтак – 3 сомонӣ. Барои 0,5 ғалтак - 1 сомонӣ 50 дирам;

Ангалаи дарозиаш 12 см бо нархи 70 дирам;

Тугма – як адад 50 дирам.

Барои 2 дона тугма - 1 сомонӣ;

Ҷамъулҷамъ хароҷот ба мавод: 62 сомону 70 дирам

Хароҷот ба дӯхтани як шимча иборат аст аз:

Матоъ – 1 м бо нархи 35сомонӣ;

Ресмон – як ғалтак – 3 сомонӣ. Барои 0,5 ғалтак - 1 сомонӣ 50 дирам;

Ангалаи дарозиаш 12 см бо нархи 70 дирам;

Тугма – як адад 50 дирам.

Барои 2 дона тугма - 1 сомонӣ;

*Ҷамъулҷамъ хароҷот ба мавод: 38 сомону 20 дирам*

Маҳсулотро мактабиёне медӯзанд, ки дар ширкати «Чевар» иштирок мекунанд. Ҳамагӣ теъдоди коргарон ҳафт нафар аст, ки аз онҳо шаш нафар дӯзандагӣ мекунанд, як нафар ҳамаи хароҷоти марбут ба истеҳсоли маҳсулотро ба ҳисоб мегирад, ба фурӯши маҳсулот машғул мешавад, мураттабию муназзамии истеҳсолот ва ташкили баланди меҳнатро таъмин мекунад.

Азбаски истеҳсол дар асоси устохонаи мактабӣ ба роҳ монда мешавад, мо ду мошини дӯзандагӣ ва як мошини кӯккориро ба иҷора мегирем. Арзиши тахминии кор: як шим – 10 с ва як шимча –7с. Азбаски кор дар вақти фориғ аз дарс иҷро мешавад, мактабиён дар як ҳафта чорсоатӣ кор карда метавонанд. Дар давоми як моҳ онҳо бояд ҳашт шим ва чор шимча дӯзанд. Хароҷоти як шим иборат аст:

60,35+10 (10х0,39)+0,13+0,41=74,79с.;

Хароҷоти як шимча:

36,15+7+(7x0,39)+0,13+0,41=46,42 сомонӣ

Бо мақсади дар бозор рақобатпазир будан мо нархи муътадилро интихоб мекунем.

Нархи баландтарин барои харидор: шим – 97,62 с., шимча – 60,35 с. Нархи ҳадди ақалл барои фурӯшанда: шим – 82,59 с., шимча – 51,09 с.

Ба фикри мо, нархи мусоид, ки мо метавонем бо ин нарх маҳсулотамонро босубот фурӯшем, чунин аст: шим – 90,86 с., шимча – 56,42 с.

Дар истеҳсол ва фурӯши ин маҳсулот рақибони асосии мо корхонаҳои хурди либосдӯзӣ (дӯзандагӣ) мебошанд. Вале онҳо ба умеди абарфоида шуда, нархи ин маҳсулотро хеле боло мебардоранд. Дар бозор аз одамоне, ки ба хориҷа рафтуо доранд, ҳамин молро бо нархи нисбатан арзон дастрас кардан мумкин аст, вале ба сифати он касе кафолат намедиҳад. Мо умедворем, ки маҳсулотамон ҳамеша, махсусан, дар тобистон серхаридор мемонад.

Фурӯши маҳсулотро мо ба зиммаи худ мегирем. Дар оянда якҷоя бо дигар ширкатҳои мактабиён ва бо дастгирии маъмурияти мактаб, ният дорем мағоза – салони худамонро оид ба фурӯши маҳсулоте, ки хонандагон истеҳсол мекунанд, кушоем.

Барои оғоз бахшидан ба истеҳсолот ва таъмин кардани кори муназзам дар давоми як моҳ микдори муайяни матоъ ва фурнитура харидан лозим аст. Тибқи ҳисобу китоби мо барои харидани масолеҳ маблағи зерин зарур аст:

Барои шим – 60,35x8=482,80 с;

Барои шимча – 36,15x4=144,60 с.

Ҷамъ, 627,40 с., ба ҳар сари аъзои компания – 89,62 с.

Ин маблағро бидуни расонидани зарари ҷиддӣ аз буҷаи оила аз падару модар гирифтан мумкин аст.

Фоидаи интизориро дар давоми як моҳи кори ширкати мактабиён ҳисобу китоб мекунем. Музди фурӯши интизории маҳсулот:

(90,86x8)+(56,42x4)=952,56 с;

Хароҷоти истеҳсоли маҳсулот:

(74,79x8)+(46,42+4)=784,00 с

Ҳамин тариқ, фоидаи интизорӣ дар як моҳ 168,56 сомониро ташкил мекунад.

Молҳое, ки устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ тайёр мекунанд ва мефурӯшанд, аз андози арзиши илова озод карда мешаванд,

ба шарте, ки даромади аз ин фаъолият ба дастомада бевосита ба эҳтиёҷоти таъмин, инкишоф ва такмили раванди таълим равона карда шавад.

Маблағи дар аввал ба устохона масрафшударо мо баъди 3,7 моҳи кор бармегардонем ва сипас, ба гирифтани фоидаи соф оғоз менамоем. Фоидаи соф ба тариқи зайл тақсим мешавад: 5%-и пули фурӯш ба адои хизмати фурӯшанда, – 47,65с; 15%-и фоида ба эҳтиёҷи раванди таълим, таҳкими пояи моддию техникии мактаб – 23,28с; 50%-и фоида ба васеъ кардани истеҳсолот; қисми боқимондаи фоида ба ҳавасмандгардонии компанияи мактабиён.

Ҳаҷми фурӯши маҳсулот на танҳо аз зарфияти бозор, балки аз иқтидори истеҳсолии устохонаҳои таълимӣ вобаста аст. Аввалан, вақти хонандагон хеле маҳдуд аст, дуюм, иқтидори истеҳсолии устохонаҳои таълимӣ ба беохир васеъ кардани истеҳсолот имкон намедиҳад; сеюм, мӯди ҳақиқӣ бо вуҷуди демократӣ будан, мунтазам тағйир меёбад. Бинобар ин, тағйирёбии мӯдро ба диққат мушоҳида карда, ба ҳар мавсим моделҳои нав ба навро пешкаш намудан лозим аст. Аз эҳтимол дур нест, ки дар охири соли таълим мо ба истеҳсоли дигар маҳсулоти тамоман дигар гузарем.

Мунтазам нав кардани хели маҳсулот низ ҷиҳатҳои мусбати зиёд дорад. Ҳар модели нав метавонад харидори худро дар дохили мактаб ё байни дӯстону ошноён пайдо кунад. Аз худ кардани моделҳои нав ба духтарон имкон медиҳад оид ба буриши матоъ, дӯхтан ва коркарди маҳсулот малакаҳои нав ҳосил кунанд.

**Лоиҳаи эҷодии «Кори мустақили ман».**

**Асосноккунии лоиҳа**

Ташкили кори худ дар шароити иҷтимоию иқтисодии ҳозира ба хонандагон имкон медиҳад барои мавҷудияти худ маблағи зарурӣ кор кунанд, ба оилаашон ёрӣ расонанд, роҳу равиши олами тиҷоратро омӯзанд, дар ниҳоди худ сифатҳои барои фаъолияти оянда заруриро, бигзор он фаъолияти соҳибкорӣ набошад, тарбия кунанд.

Пешбурди кори худ аз интихоби соҳаи фаъолият оғоз меёбад, ба ибораи дигар аз муайян кардани намудҳои мол ва хизмате, ки ман дар сатҳи кофии касбӣ истеҳсол карда метавонам ва айни замон, онҳо дар бозори молу хизмат рақобатпазир мешаванд.

Хонандагон бо ёрии омӯзгор мавзуи лоиҳаро муайян намуда, онро инфиродӣ ё дар ҳайати гурӯҳ иҷро мекунанд.




**Расми 35.** *Соҳаҳои базавии истеҳсоли мол*




**Расми 36.** *Доираи хизматҳо*

Ман истеҳсоли молҳои истеъмоли халқро интихоб мекунам, зеро дар ин бобат донишу малака ва қобилиятҳои зарурӣ, ҳамчунин, воситаи истеҳсолот (мошини чокдӯзӣ) дорам.

Аз байни молҳои истеъмоли халқ ман истеҳсоли маҳсулоти матоиро барои дохили бино, яъне интерйер интихоб кардам. Ба ин намуди кор дӯхтани дастархон, парда, матоъҳои ороишӣ дохил мешавад. Сабаби ин соҳаро интихоб карданам дар он аст, ки технологияи тайёр кардани маҳсулоти мазкур нисбатан сода мебошад ва имкон медиҳад, то ҳосилнокии меҳнат дар муддати кӯтоҳ ба сатҳе расонида шавад, ки хароҷоти ман рӯпӯш гардад.

Ба ибораи дигар, фоидаоварии кор худ фаро мерасад. Ғайр аз ин, дар ин соҳа бозори фурӯшро низ тез муайян кардан мумкин аст.




**Расми 37.** *Шаклҳои имконпазири молҳои истеъмоли халқ*




**Расми 38**. *Нуқтаҳои гуногуни бозори фурӯш*

Қадами оянда дар ташкили кори худ таҳияи бизнес-нақша мебошад.

## 20. ЛОИҲАИ ЭҶОДИИ «ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ МУСТАҚИЛОНАИ МАН»

Бизнес-нақша

_______________________

(номи корхона)

ба _________________________ соли 2023_____

Резюме

Сабаби асосии таъсиси корхонаи хусусии ман «Музайян» талаботи афзуншудаи ҳаёти муосир мебошад. Корхонаи ман ба беҳтар намудани шароити зиндагӣ, хуштару хубтар гузаронидани вақт дар хона нигаронида шудааст.

Кори таъсисшаванда ҳаҷми калони маҳсулотро таъмин карда наметавонад, зеро кор дар асоси супоришҳои муштариён ё мизоҷон ба анҷом расонида мешавад. Бешубҳа, истеҳсолот зараровар намешавад ва гузашта аз ин, ба буҷаи оилаи ман даромад хоҳад овард.

Маҳсулоти корхонаи хурди «Музайян» парда, дастархон мебошад. Ин намуди хизматрасонӣ (дӯхтани парда барои тиреза ё буридани дастархону сачоқу дастпоккун) арзиши аслии баланд надорад ва мутаносибан нархи он ба аксарияти супоришгарону харидорон, аз ҷумла, табақаҳои камбизоати одамон мувофиқ мешавад. Харидорону супоришгарони эҳтимолии корхона: соҳибхоназанҳое, ки ба нав кардани ороиши дохили хона майли зиёд доранд; соҳибхонаҳои одӣ, ки ба нав кардани як ё ду парда ё дастархони хонаашон иқдом кардаанд. Ҳамчунин моли корхонаи ман ба онҳое пешбинӣ мешавад, ки пардаю дастархон ё сачоқҳои қиматбаҳоро харида наметавонанд.

Хулоса, бозори фурӯш мавҷуд аст. Дар оянда васеъ кардани махсусгардонии маҳсулот дар ин соҳаи истеҳсолот аз ҳисоби такмил додану беҳтар намудани дизайни мол, ҳамчунин беҳтар кардани сифати маҳсулот пешбинӣ шудааст.

Корхонаи ман иқтидори техникии калону дақиқ надорад, вале таҷҳизоте, ки ба истеҳсол, яъне дӯзандагӣ пешбинӣ шудааст, бисёркора мебошад ва имкон медиҳад ба осонӣ натиҷаҳои матлуб ба даст оянд. Ба сифати қувваи корӣ маҳорату қобилияти худӣ мавриди истифода қарор мегирад. Истеҳсоли маҳсулоти хушсифати нисбатан арзон ё чи тавре ки маъмулан мегӯянд, «арзони болонишин» бо гузаронидани маркетинги фаъолона дар назар аст.

Мақсадҳои бизнес-нақша:

1. Ба вуҷуд овардани база барои гирифтани даромад, беҳтар кардани сатҳи ҳаёт аз нуқтаи назари хоҷагӣ, гирд овардани мизоҷон, таъмини худиштиғол (ҷадвалҳои 14-17)
2. Истеҳсоли маҳсулоти истеъмоли халқ, ки ба иқтидори корхона ва талаботи харидорон мутобиқ аст.
3. Ба вуҷуд овардани манбаи даромад барои буҷаи оила.
4. Ба вуҷуд овардани обрӯю эътибор ва имиҷи корхонаи хурди «Музайян».

*Ҷадвали 9*

**Тавсифи корхона**

| 1 | 2 |
|---|---|
| Соли таъсис | |
| Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди моликият (саҳомӣ, кооперативӣ, хусусӣ, давлатӣ, маҳаллӣ) | Нақшаи истеҳсолию ташкилӣ<br>Корхонаи хурди «Музайян» ба истеҳсоли молҳое махсус гардонида мешавад, ки барои ороиши дохили бино пешбинӣ шудаанд. Корхона дар асоси фаъолияти инфиродии меҳнатӣ бо мақсади гирифтани даромаду фоида барои пур кардани буҷаи оилавӣ ташкил шудааст.<br>Ҳамаи маводди барои истеҳсолот зарурӣ даста-даста дар шабакаи савдои яклухт харида мешавад.<br>Корхона дар қарибии бозори хариди ашёи хом ҷойгир аст ва ин имкон медиҳад харҷи ба корхона овардани мавод ба ҳадди ақалл расонида шавад. |
| Теъдоди кормандон | |
| Намудҳои маҳсулот, кор ва хизматҳои истеҳсол ё фурӯхташаванда | Дӯхтану фурӯхтан<br>Дӯхтан дар мошини чокдӯзии «DIGITAL» ба амал бароварда мешавад. Мошин якбора якчанд функсияҳои майдаи заруриро ба туфайли идоракунии механикӣ иҷро мекунад. Нуқтаи аз ҳама муҳим он аст, ки тамоми супориш дар муҳлати кӯтоҳтарин бо назардошти сифати баланд иҷро карда мешавад. |

| | |
|---|---|
| | Намуди маҳсулот (пардача, дастархон, парда) аз талаботу пешниҳодоти супоришгарон вобаста аст.<br>Намунаи дӯхтани пардача барои тирезаи андозааш миёна<br>Навъу хосияти матоъро худи муштарӣ муайян мекунад. Анвои маҳсулоти корхонаи мушаххас хеле гуногун аст ва метавонад ба завқу салиқаи одамони гуногун мувофиқ ояд.<br>Тарзи буридани пардачаро худи супоришгар пешниҳод мекунад (модел ва усули иҷрои корро дар феҳристи фирмавии корхона интихоб кардан мумкин аст). |
| Ҳаҷми миёнаи якмоҳаи истеҳсоли маҳсулот, кор, хизмат (дар давраи ҳисоботии соли ҷорӣ); гардиши мол, ба ҳазор сомонӣ | |
| Ҷиҳатҳои сусту зӯри корхона (сифати маҳсулот, имкони фурӯш, сатҳи харҷи истеҳсолӣ, тахассусмандию таҷрибаи коргарон, сатҳи технология, шартҳои таҳвили мавод, сатҳи менеҷмент) | |

**Ҷадвали 10**

**Тавсифи маҳсулот (хизмат)**

| | |
|---|---|
| Хосиятҳои вижаи маҳсулот, ки онро дар навъи худ ягона месозанд | |
| Мутобиқати маҳсулот ба стандартҳои муқарраргардида | |

*Ҷадвали 11*

**Талабот ва бозори фурӯш**

| 1 | 2 |
|---|---|
| Ҷуғрофияи талабот ва фурӯши маҳсулот | Парда ва дигар маҳсулоти моро ҳам дар шабакаи савдои яклухт ва ҳам савдои чакана фурӯхтан мумкин аст. Зарфияти ин бозор хеле калон аст: талаботи аҳолӣ меафзояд; соҳибкорӣ торафт ба авҷу хурӯш паҳн мешавад. Талабот ба маҳсулоти ман аз омилҳои зерин вобаста аст: - аз маъракаи пурвусъати рекламавӣ, ки бадоштӣ, хушсифатӣ, дастрасии нарх, зебоии зоҳирӣ, дар рӯзгор ивазнашаванда будани маҳсулоти моро тарғибу ташвиқ мекунад. - аз рекламаи мақсаднок, яъне аз огоҳ будани харидорон дар бораи афзалиятҳои маҳсулоти корхонаи ман; - аз истифодаи маркетинги фаъолона. Зоҳиран, талабот ба маҳсулоти пешниҳодшаванда: - комплекти пардаи тиреза тағйир ёфта меистад; нарх набояд ба теъдоди супоришу фурӯш таъсири назаррас расонад, ҳарчанд он миёна ва ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас мешавад. Зимнан, ба оилаҳои камбизоату серфарзанд 15% тахфиф ва ба мизоҷони доимӣ 10% тахфиф аз арзиши ҳар гуна харид дар корхонаи мо пешниҳод карда мешавад. |
| Истеъмолкунандагони асосии маҳсулот | Шахсони алоҳида; муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо ва ғайра |

| | |
|---|---|
| Рақибони асосӣ | Алҳол корхонаҳои хурди зиёде таъсис меёбанд, ки ба истеҳсоли молҳои шабеҳи корхонаи ман машғуланд. Корхонаҳои мазкур технологияҳои нисбатан боэътимоду хушсифат ва намунаю моделҳои мукаммалро истифода мебаранд.<br>Ҳамаи корхонаҳо ба истеҳсоли маҳсулоти модернизатсияшуда гузаштанд, ки муҳлати нисбатан дарози кафолат доранд.<br>Ҳамин тариқ, тахмин кардан мумкин аст, ки амалан маҳсулоти ман шабеҳ надорад ва дар ин асос, метавон гуфт, ки корхонаи ман дар бозори фурӯши маҳсулот монополист аст. |
| Бартарии маҳсулоти истеҳсол ва фурӯхташаванда (сифат, нарх, бо захира таъмин будан) | Нақшаи маркетинг:<br>а) Сиёсати нарх.<br>Ҳангоми ташаккули усули муқаррар кардани нарх ин омилҳои ба таври объективӣ мавҷударо ба назар гирифтан лозим аст:<br>- қобилияти истеҳсоли маҳсулоти хушсифат:<br>- барориши маҳдуди (дар муқоиса бо талабот) маҳсулот;<br>- мунтазам афзоиш ёфтани арзиши масолеҳ ва маснуоти харидашаванда;<br>Дар асоси гуфтаҳои боло дар чанд моҳи наздиктарин стратегияи зерини ташаккули нархро қабул кардан ба мақсад мувофиқ аст: нархи миёна ва минбаъд боло рафтани нарх тибқи талабот;<br>б) тадбирҳо оид ба ҳаракати мол ба бозор.<br>Тадбирҳои зеринро амалӣ гардонидан лозим аст: |

| | |
|---|---|
| | - ҷойгир кардани маводди рекламавӣ дар нашрияҳои махсус;<br>- ба вуҷуд овардани рекламаи хушобуранг;<br>- иштироки мунтазам дар намоишномаҳои мавзуӣ (имконияти баргузоркунии ярмарка низ истисно нест)<br>в) ташкили роҳҳои фурӯш дар бозори дохилӣ: алоқаи телефонӣ ва почтавӣ бо мағозаҳо барои қабул ва иҷрои супоришҳои онҳо |

**Ҷадвали 12**

**Иқтидорҳои истеҳсолӣ**

| | |
|---|---|
| Мавҷудияти майдонҳои истеҳсолӣ ё савдо, таҷҳизот, нақлиёт | |
| Оё зарурати таъсиси иқтидорҳои иловагии истеҳсолӣ ҳаст. | |
| Ҳолати физикӣ ва маънавии иқтидорҳои истеҳсолӣ | |

## Нақшаи молиявӣ

Тайёр кардани комплекти пардаи тиреза аз шоҳии №2 (ҳаҷми матоъ 3х1,5м)

Арзиши аслии тайёр кардани ин комплект 35,22 с (нархи яклухт), нархи фурӯш 40 с (нархи фурӯш ё чакана) аст.

Фоидаи интизорӣ 47,8 сомонӣ (12% аз нархи фурӯш) аст. Пас, ҳиссаи нарх дар тайёр кардани ин комплект, ки ба корхонаи хурди «___________» рост меояд, ҳамон нархро, яъне 40 сомониро ташкил мекунад.

Таъмини молиявӣ барои харидани масолеҳ ва маснуоти дигар, ки барои истеҳсоли фоидаовари корхонаи хурди «_________» зарур аст, ба сармояи ибтидоии оилавӣ (ҷадвали 18) асос меёбад.

*Ҷадвали 13*

**Манбаъҳои маблағгузории фаъолият дар давраи кредитдиҳӣ**

| **Нишондиҳандаҳои истеҳсолию иқтисодӣ** | **Маблағ ба ҳисоби сомонӣ** |
|---|---|
| **дар давраи нақшавӣ** | |
| 1 | 2 |
| Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда | |
| Гардиши мол | |
| Пули фурӯши маҳсулот | |
| Харҷи истеҳсоли маҳсулоти фурӯхташаванда | |
| Фоидаи нақшавӣ (+), зарар (-) | |
| Аз ҷумла, фоида аз истифодаи қарзи дархостшаванда | |
| Истифодаи фоидаи гирифта | |
| Мухтасаран: | |
| Қарз дар назди фондҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ | |
| Қарзи музди меҳнат (давра ва маблағ қайд шавад) | |

## Арзёбии таваккалҳо (рискҳо)

**Имкониятҳои асосии таваккалҳоро (рискҳоро) дида мебароем.**

а) Таваккали (риски) набудани муштарӣ – набудани фурӯши мол, яъне ба фурӯш нарафтани мол: эҳтимоли ин таваккал он қадар зиёд нест, лекин ба мақсади боз ҳам камтар кардани он, баробари барориши ҳуҷҷатҳои конструкторӣ ва ба расмият даровардани ҷадвали истеҳсолот бояд таҳқиқи маркетингии бозор сурат гирад, бо шабакаи савдо ба мақсади ошкор сохтани талабот ба мол робита муқаррар карда шавад, омодагии истеҳсолот танҳо баъди гирифтани натиҷаҳои таҳқиқи бозор шуруъ гардад.

б) Таваккали қобили пардохт набудани харидорон.

Эҳтимоли ин таваккалро арзёбӣ кардан хеле мураккаб аст ва ин кор бояд дар рафти таҳқиқи маркетингӣ сурат гирад. Маркетинги фаъол, яъне васеъ кардани доираи харидорони эҳтимолӣ метавонад хавфи ин таваккалро кам кунад.

в) таваккали пурра таҳвил нагардидани ашёи хом.

Ташкили ҷустуҷӯйи таҳвилгарони иловагӣ ва ҳисобу китоби истифодаи оптималии қарз (ҷадвалҳои 19, 20, 21) қисман аз ин таваккал муҳофизат мекунад.

Роҳбари корхона

Сармуҳосиб

Асоснокунии техникию иктисодии қарз ба маблағи ________
____________________________________________________________
________________

*(номи қарзгиранда)*

**Ҷадвали 14**

**Қарордодҳои корхона дар асоси қарз**

| | |
|---|---|
| Мақсади қарзи матлуб бо нишон додани ҳатмии рақам ва санаи шартномаҳо (қарордодҳо) оид ба хариду фурӯши мол | |
| Муҳлати истифодаи кредит | |

**Ҷадвали 15**

**Ҳисобу китоби самарабахшии истифодаи қарз**

| Моддаҳои хароҷоту даромад дар давраи истифодаи қарз | Маблағ ба ҳисоби сомонӣ |
|---|---|
| 1 | 2 |
| 1. Хароҷоте, ки аз ҳисоби қарз ба амал меояд.<br>Ҷамъ:<br>Аз ҷумла:<br>а) харид (номи мол, ашёи хом, таҷҳизот ва ғайра) тибқи шартномаи №_____ аз ______ (миқдор)________________-нарх ___________ бо назардошти ААИ________-<br>б) хароҷоти нақлиёт<br>в) хароҷоти анбор<br>г) суғуртаи интиқол<br>д) хароҷоти гумрук<br>е) хароҷоти фурӯш<br>ж) хароҷоти хизматрасонӣ ба қарз (аз ҳисоби ___________% солона, ___________% (ҳар моҳ) | |

| | |
|---|---|
| 2. Маблағи фурӯш | |
| 3. Маблағи ААИ, ки бояд ба буҷа пардохта шавад | |
| 4. Натиҷаи истифодаи қарз (+,-) | |
| 5. Андози фоида | |
| 6. Фоидае, ки дар ихтиёри корхона мемонад | |
| 7. Даромаднокии қарз ба % | |
| 8. Хароҷоте, ки аз ҳисоби воситаҳои гардиши худ сурат гирифтааст.<br>Умуман:<br>Аз ҷумла:<br>а) арзиши аслӣ<br>б) … | |

Ҳисобу китоби арзиши аслӣ, аз ҷумла:

Барои комплекти пардаи тиреза аз матои № 2 арзиши аслӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

*А=Хм+Пмм+Пи+Пси+Қк+Хдиг.*, ки дар ин ҷо:

*Хм* – хароҷоти моддӣ;

*Пмм* – пардохти музди меҳнати коргар;

*Пи* – пардохти истеҳлокӣ;

*Пси* – пардохти суғуртаи иҷтимоӣ (37%);

*Қк* – қарзҳои кӯтоҳмуддат

*Хдиг* – хароҷоти дигар

Хароҷоти моддӣ: ду порча матоъ (3*х*1,5м) бо нархи 15 сомонӣ як порча; як ғалтак ресмон (ранги гулобӣ, №33), ки арзишаш 5 сомонӣ аст.

*Хм=(15х2)+5=35* сомонӣ

Пардохтҳои истеҳсолӣ: асбоб – агуштона бо нархи 50 дирам, қайчӣ нархаш 3 с; Пи аз мошини чокдӯзӣ ҳар панҷ сол сурат мегирад ва 20% арзиши мошинро ташкил мекунад (як ҳазор сомонӣ):

Ангуштона (2% аз нарх):50д*х*0,02=1 д;

Қайчӣ (7% аз нарх):3с*х*0,07=21 д;

П¬¬и=10+210+Пи аз мошини чокдӯзӣ

Инак, А=35с.+22д=35,22 дирам

Арзиши аслии комплекти парда 35 с.22 дирам аст.

**Асолона**=35с.22 дирам*х*1000 (маҳсулот дар як сол)=35,2 ҳазор сомонӣ

**Псолона**=4.780*x*1000=4,75 ҳазор сомонӣ ҳар соҳибкор бояд вазъи молиявии корхонаи худро таҳлил карда тавонад. Барои арзёбӣ кардани натиҷаҳои ширкати худ онҳоро бо харочот муқоиса кардан лозим аст.

Даромаднокӣ – нишондиҳандае, ки самарабахшии кори корхонаро (ширкатро) нишон медиҳад. Даромаднокӣ нишондиҳандаи асосии фаъолияти корхона мебошад.

Даромаднокии корхона чун муносибати фоидаи умумӣ аз фурӯши мол нисбат ба арзиши аслии он ҳисоб карда мешавад.

Д=Ф:А*x*100%

Даромаднокӣ дар давраи муайяни фаъолияти корхона ҳисоб карда мешавад.

Ҳисобу китоби даромаднокии фурӯши комплекти парда (1000 дона дар як сол):

Арзиши аслии як комплект = 35 с.22 д.

Асол=35 с.22 дир*x*1000

Фонди аз фурӯши як комплект=4 с.78 д.

$Ф_{сол}$=4 с.78д*x*1000

$Д_{сол}$=4,78:35,22*x*100%=13,5%

**Ҷадвали 16**

**Нақшаи тақвимии даромад ва харочот дар давраи истифодаи қарз**

| **Сикли истеҳсолӣ** | Моҳҳо | | | | | | Ҷамъ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Харид. Теъдоди рӯз. Маблағ | **Харочот** | **Даромад** | **Харочот** | **Даромад** | **Харочот** | **Даромад** | **Харочот** | **Даромад** |
| 2. Истеҳсолот. Теъдоди рӯз. Маблағ | | | | | | | | |
| 3. Фурӯш. Теъдоди рӯз. Маблағ | | | | | | | | |
| 4. Харочоти хизматрасонӣ ба қарз | | | | | | | | |

**Шарҳ:**

Дар сатри якуми «Харид» давраи пардохти қарордодҳо, гирифтани мол, расонидани он, сабти даромад ба анбор дар рӯзҳо ва хароҷоти ин амалиёт бо сомонӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри дуюми «Истеҳсолот» идомаи сикли истеҳсолӣ дар рӯзҳо ва хароҷоти истеҳсолот бо сомонӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри сеюми «Фурӯш» давраи фурӯши маҳсулоти тайёр ё моли тайёр бо сомонӣ нишон дода мешавад:

Дар сутуни хароҷот – хароҷоти фурӯш бо сомонӣ

Дар сутуни даромад – пули фурӯш бо сомонӣ

Дар сатри 4. "Хароҷоти хизматрасонии қарз", маблағи фоиз барои истифодаи қарз ва хароҷоти хизматрасонии суратҳисоби қарз нишон дода мешавад.

Роҳбари корхона ____________________

**Арзёбии сифат ва ҳимояи лоиҳа**

Хонанда бояд сатҳи мураккабии лоиҳаро арзёбӣ кунад, ҷиҳатҳои мусбату манфӣ ва чӣ тавр тағйир додани онҳоро нишон диҳад. Камбудӣ ва афзалиятҳои кори худро зикр кунад, дар бораи донишу малакаҳои нави дар рафти иҷрои лоиҳа андӯхтааш маълумот диҳад. Ҳамчунин, дар бораи мушкилиҳое, ки рӯ ба рӯ шудааст ва роҳҳои рафъи онҳо маълумот диҳад.

Оё лоиҳаи шумо ба мақсад мувофиқ аст? Ба кори лоиҳавии иҷрошуда беғаразона баҳо дода, онро мустақилона арзёбӣ кунед ва фикри ҳамсинфону баҳои омӯзгорро шунавед.

# БОБИ IV. НИЗОМИ КАСБИНТИХОБКУНӢ

## 21.МАЪРИФАТИ (МАЪЛУМОТДИҲИИ) КАСБӢ

Талаботи афзуни истеҳсолоти муассир ба дараҷаи тайёрии касбии мутахассисон масъалаи касбинтихобкунии хонандагонро ҷиддитар мегардонад, чунки тайёрии касбии аксарияти хонандагон ба талаботи хоҷагии халқ ба мутахассисҳои соҳаҳои муайяни касб ба дараҷаи тахассусӣ ҷавоб дода наметавонанд. Ҳуқуқи интихоби касб вобаста ба қобилият, маҳорат, завқ бо назардошти талабот бо муайян намудани хусусиятҳои психофизиологии хонандагон, кори тарбиявӣ бо хонандагон ва волидони онҳо дар раванди кори касбиинтихобкунӣ ҳал мегардад.




**Расми 39.** *Омилҳои интихоби ҳақиқии касб*

Тадқиқот нишон медиҳад, ки камбудии асосии тайёрии хонандагон дар корҳои касбинтихобкунӣ надонистани асосҳои истеҳсолоти муосир, соҳаҳои хоҷагии халқ, тасаввуроти нокифоя дар бораи мақсад, методҳо ва мундариҷаи кори касбомӯзӣ дар раванди таълим ва корҳои беруназсинфӣ, дуруст истифода бурда натавонистани имкониятҳои ОКТ, муассисаҳои истеҳсолӣ, оила ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади бартараф намудани ин камбудиҳо ба хонандагон лозим аст, ки асосҳои истеҳсолоти муосир ва методҳои касбинтихобкунии хонандагонро омӯзанд.




**Расми 40.** *Шаклҳои касбинтихобкунии хонандагон*

Яке аз шаклҳои маълуми корҳои касбинтихобкунӣ суҳбат ба ҳисоб меравад. Дар мадди аввал суҳбат одӣ намояд ҳам, лекин ба он пешакӣ тайёрӣ дидан лозим аст. Одатан, дар нақшаи тайёрӣ ва гузаронидани суҳбат мавзуъҳои муайян ва номгӯйи саволҳо барои муҳокима, интихоби адабиёт, маводди аёнӣ, омӯхтани тайёрии хонандагон ба интихоби касб, муҳокимаи ҷамъбасти суҳбат дохил карда мешавад.

Мубоҳиса яке аз шаклҳои касбинтихобкунии хонандагон ба ҳисоб меравад, ки барои ҳавасмандкунии онҳо ба фаъолнокӣ дар интихоби касб мусоидат менамояд. Ҳангоми гузаронидани мубоҳиса муҳити кушод ва дӯстонаи таҳлили масоили интихоби касбро сохтан зарур аст.

Саёҳат яке аз шаклҳои шиносшавии хонандагон бо ташкили истеҳсолот, техника, технология ва касбҳои гуногуни соҳаи хоҷагии халқ мебошад.

Вохӯрӣ бо мутахассисони касбҳои гуногун яке аз шаклҳои пурмаҳсули ташвиқоти касбҳое, ки дар минтақаи додашуда зарурӣ мебошанд, ба ҳисоб меравад ва барои тарбияи хонандагон дар руҳияи эҳтироми одамони меҳнатӣ имконият медиҳад.

Яке аз шаклҳои корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷамъомади пагоҳирӯзӣ дар мавзуи «Касби ман– ифтихори ман» ва ғайра мебошад.

Дар корҳои касбинтихобкунии беруназсинфӣ аз маҷаллаи шифоҳӣ истифода мебаранд. Дар раванди гузаронидани он ба хонандагон дар бораи касбҳо маълумоти гуногун дода мешавад. Ин маълумот характери хушобурангӣ ё мавзуӣ дошта метавонад, яъне мазмун ва аҳаммияти як ё якчанд касбҳоро кушода медиҳад.

Профессор Е. Климов касбро аз рӯйи ашё, мақсад, аёният ва шароити меҳнат ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардааст:

Аз рӯйи ашёи меҳнат:

1. «Одам – табиат», аёнияти меҳнат – замин, об, рустанӣ, ҳайвонот (геолог, агроном, духтури ҳайвонот ва ғайра);

2. «Одам – техника», аёнияти меҳнат – мошинаҳо, дастгоҳҳо, аппаратҳо ва ғайра (мошинист – электровоз, идоракунандаи дастгоҳҳо ва ғайра);

3. Одам – одам, аёнияти меҳнат одам (омӯзгор, духтур, фурӯшанда ва ғайра);

4. Одам – низоми нишонаҳо, аёнияти меҳнат – формулаҳо, нишонаҳои шартӣ (муҳосиб, барномасози МЭҲ ва ғайра);

5. «Одам – образи бадеӣ, аёнияти меҳнат – образҳои бадеӣ ва унсурҳои он (рангуборчӣ, заргар, сароянда, рассом ва ғайра).




**Расми 41.** *Низоми касбинтихобкунии ҷавонон*

Маърифати касбӣ, яъне ба хонандагон додани маълумот дар бораи намудҳои гуногуни касбҳо, моҳияти онҳо дар хоҷагии халқ. Шароити меҳнат, талаботе, ки касб ба сифатҳои психикию физиологии шахсият пешниҳод мекунад, роҳу усулҳои ба даст овардани онҳо, музди меҳнат ҷузъи муҳимтарини касбинтихобкунии хонандагон ба ҳисоб меравconfiguration.

Ғайр аз ин, хонандагон бояд мафҳумҳои асосии меҳнати умумӣ ва меҳнати истеҳсолии умумӣ, аз ҷумла маданияти меҳнат, интизоми меҳнат, принсипҳои банақшагирӣ, сохтори корхона, пардохти музди меҳнат ва ғайраро донанд. Фаъолияти маърифати касбиро аксаран маълумотдиҳии касбӣ меноманд, вале маълумот додан ин раванди ғайрифаъол аст. Мақсади маърифати касбӣ на танҳо додани маълумот дар бораи касбҳо, балки ташаккули муносибати бо-шуурона ба интихоби касби мушаххас мебошад. Бинобар ин, он маълумотдиҳии касбӣ, таблиғоти касбӣ ва ташвиқоти касбиро дар бар мегирад. Манбаи дониш оид ба масъалаҳои мазкур воситаҳои ахбори умум, ошноҳо, наздикон ва ғайра буда метавонанд. Зимнан, маълумот дар бораи моҳияти касб ва аҳаммияти он мумкин аст баъзан ба бачаҳо дар намуди таҳрифшуда дастрас гардад ва дар натиҷа касбҳо ба назарашон назарногиру дилгиркунанда намудор шаванд.

Вобаста ба ин дар назди мактаб ва умуман тамоми ҷамъият вазифаи нисбатан мураккаб – ислоҳи муносибатҳои зараровар ба баъзе касбҳо ва ташаккул додани муносибатҳои нав ба миён меояд. Ин вазифаро бояд он қисми маорифи касбӣ, ки таблиғоти касбӣ меноманд, бояд ҳал кунад. Вале тамоми кори маорифи касбиро танҳо бо таблиғоти касбӣ маҳдуд кардан нашояд.

Банақшагирии кори маърифати касбӣ дар мактаб, аз ҷумла кор оид ба таблиғоти касбӣ ва минбаъд ташвиқоти касбӣ бояд баъди ба итмом расидани ташхиси пешакии касбҳо амалӣ гарданд. Бахшида ба маорифи касбӣ дарсҳои махсуси маълумотдиҳии касбӣ гузаронидан мумкин аст. Дар ин дарсҳо ба хонандагон дар барои сохтори хоҷагии халқ, талаботе, ки касб ба шахсият пешниҳод мекунад, нақл кардан лозим аст. Ба ибораи дигар, ба хонандагон маълумоте дода шавад, ки онҳоро ба масъалаи интихоби дурусти касб ҳидоят менамояд. Хонандагон дар рафти омӯзиши ҳар фанни таълимӣ дар бораи касбҳои мушаххас маълумот гирифта метавонанд.

Чӣ тавре ки таълимро бе тарбия тасаввур кардан мумкин нест, ҳамин тавр маърифати касбӣ бе тарбияи касбӣ тасаввурнопазир аст. Дар раванди тарбияи касбӣ дар хонанда хислатҳои шахсӣ ташаккул меёбанд, ки барои кор аз рӯйи касби интихобшуда заруранд. Тарбияи касбӣ бояд қисми ҷудонашавандаи раванди таълим гардад ва аз синфҳои ибтидоӣ оғоз ёбад.

Гузаронидани маърифати касбӣ мантиқи мавзуъҳои омӯхташавандаро вайрон намекунад, баръакс ифодаи мушаххаси принсипи диалектикии алоқа байни хат ва таълимот мебошад.

Маърифати касбӣ раванди хеле фаъол аст. Бинобар ин, бисёртар ба он усулҳои кор такя намудан лозим аст, ки иштироки бевоситаи хонандагонро дар раванди гирифтани маълумот талаб мекунад. Аз ҷумла ба амалия на танҳо нақлу маълумотдиҳӣ дар бораи касбу истеҳсолот, балки амалигардонии роҳбарӣ ба ин ё он фаъолияти касбиро интихоб намудани мактаббачаҳо диққати бештар додан зарур аст. Дар назар доштан лозим, ки ҳангоми дар шакли мушаххас вобаста ба шароиту ҳолати муайян додани маълумот азхудкунии он нисбат ба лексияҳо беҳтар мешавад. Барои натиҷаи мусбат додани кори маърифатии касбӣ он бояд бо маҳорати баланд ва бо риояи одоби муоширати педагогӣ гузаронида шавад. Ҳангоми ба хонандагон фаҳмонидани хусусиятҳои касбҳо, аз ҳар гуна фишороварӣ бояд канораҷӯйӣ кард, зеро фишори ноуҳдабароёна боиси аз байн рафтани шавқу рағбати хонандагон нисбати касб мегардад.

Дар раванди кори маърифати касбӣ бояд самтҳои тараққии соҳаҳои хоҷагии халқи минтақаи иқтисодии маҳал, анъанаҳои ташаккулёфтаи меҳнат мавҷудияти муассисаҳои таълимии умумӣ ва касбӣ ба назар гирифта шавад. Маърифати касбии ҷавонон бояд ба талаботи воқеӣ нисбати касбҳои мушаххас асос ёбад. Ин имкон медиҳад, ки ба хонандагон на танҳо дар бораи касбҳои коргарӣ маълумот диҳем, балки бо назардошти шавқу рағбати онҳо ва манфиати истеҳсолот ба ташаккули самтгирии касбии ҷавонон фаъолона таъсир расонем. Шиносоӣ бо олами касбҳо бояд бо шавқу мароқ, майлу қобилияти ҷавонон робитаи зич дошта бошад. Муҳтаво ва мундариҷаи кори маърифати касбӣ бояд синну сол ва ҷинси хонандагонро ба назар гирад.

Дарс шакли асосии ташкилии раванди таълиму тарбия дар мактаб мебошад. Касбомӯзию касбинтихобкунӣ як қисми таркиби ин раванд ба шумор меравад, бинобар ин, як қисми дарсро ба маърифати касбӣ бояд ҷудо кард. Ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки маълумотро дар бораи ин ё он касб ба мавзуъ ва мазмуни дарс вобаста кунад. Маърифати касбиро дар дарсҳо бо роҳҳои хеле гуногун гузаронидан мумкин: суҳбат, нақл, истифодаи адабиёт, сабти овоз, намоиши кино, диафилмҳо, плакатҳо, стендҳо, албомҳо ва ғайра. Истифодаи ин ё он восита (ё маҷмуи воситаҳо)

аз мақсад ва мавзуи дарс вобаста аст. Маърифати касбӣ бо тарбияи касбӣ зич алоқаманд аст. Ҳангоми таълиму тарбия ба шогирдон фаҳмонидан лозим аст, ки меҳнат талаботи аввалиндараҷаи инсонӣ мебошад. Омӯзгор дар рафти суҳбат дар бораи касбҳо бояд ба масъалаҳое аз қабили нақши меҳнат дар марҳалаҳои гуногуни тараққии иҷтимоии ҷамъият, нақши ҳалкунандаи меҳнат дар офариниши неъматҳои моддию маънавӣ ва ғайра равшанӣ андозад.

Дар вақти суҳбатҳо агар омӯзгор аз далелу маводди аниқ истифода барад, ин кор маълуман ба шогирдон таъсири мусбат мерасонад. Бо мисолҳои зиндагии имрӯза омӯзгор метавонад шогирдонро бо иқтисодиёт ва асосҳои илмӣ – техникаи истеҳсолот шинос намояд, моҳияти касбҳои гуногунро фаҳмонда диҳад.

Танҳо ба далелҳо такя намуда, омӯзгор метавонад шавқу завқи хонандагонро нисбат ба касбҳое низ бедор намояд, ки ғайримаъруф ҳастанд, лекин ба давлат хеле зарур мебошанд.

**Технологи дастгоҳҳои парвозкунанда.** *Мутахассисе, ки бо таҳияи нақшаҳои коркарди такрории мавод, ашёи хом, таҷҳизот ва унсурҳои дастгоҳҳои парвозкунанда машғул мебошад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, истеҳсолоти сарфакорона*.

*Суҳбат, мубоҳиса, саёҳат, воҳӯрӣ, маърифати касбӣ, тарбияи касбӣ, гурӯҳҳои касбӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*Маълумоти мухтасар дар мавзуи «Касби волидони ман» аз рӯйи нақша тартиб диҳед.*

*1. Кай ва дар куҷо волидони шумо маълумоти аввалинро оид ба касби худ пайдо намудаанд?*

*2. Дар куҷо волидони шумо дониш, маҳорат ва малакаҳои касбиро аз худ кардаанд?*

*3. Дар ҷойи кор волидони шумо бо кадом кор машғуланд?*

*4. Нисбат ба касби худ волидонатон чӣ гуна муносибат доранд?*

***Савол ва супориш:***

*1. Шаклҳои касбинтихобкуниро номбар кунед.*
*2. Касбҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?*
*3. Маърифати касбӣ чист?*
*4. Оид ба касби технологи таҷҳизоти парвозкунанда маълумот диҳед.*

## 22. МАЪРИФАТИ КАСБӢ ДАР ЧОРАБИНИҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Чорабиниҳои берунаЗсинфӣ дар маърифати касбии хонандагон накши муҳим доранд. Ғайр аз ин, маҳфилҳои мактабӣ (кружокҳо), бригадаҳои истеҳсолии мактаббачагон ва монанди инҳо низ аҳаммияти калон доранд.

Дар дарсҳо хонандагон бо асосҳои илмӣ-техникӣ ва технологияи истеҳсолот, бо касбҳо шинос мешаванд. Дар раванди чорабиниҳои берунаЗсинфӣ дар иттиҳодияҳои меҳнатӣ, хонандагон бевосита дар фаъолияти меҳнатӣ иштирок намуда, аз наздик ва мухтасар бо ин ё он касб шинос мешаванд.

Азбаски корҳои берунаЗсинфӣ аз шавқу завқи хонандагон асос меёбад, бинобар он, дар оянда барои инкишофёбии бачагон мусоидат менамояд.

Вазифаи маърифати касбӣ хонандагонро фақат бо касбҳо шинос кардан набуда, балки муҳаббату шавқу завқи касбии онҳоро бедор намудан ва инкишоф додан аст.

Яке аз тарзу усулҳои арзандаи маърифати касбӣ корҳои амалӣ – меҳнати ҷамъиятии фоиданок, меҳнати истеҳсолии хонандагон мебошад. Чорабиниҳои берунаЗсинфӣ ташкили машғулиятҳои маҳфилӣ (кружок), иттиҳодияи меҳнатии хонандагон, меҳнати худхизматрасонӣ ва ғайраҳо мебошанд. Дар чунин чорабиниҳо хонандагон иштирок намуда, моҳияти касбҳоро чуқуртар дарк менамоянд, ба фаъолияти меҳнатӣ тайёр мешаванд, касбҳои дӯстдоштаашонро бошуурона интихоб мекунанд.

Кори маҳфилҳоро чунин ба роҳ бояд гузошт, ки ба ҳаёти истеҳсолии мактаб мувофиқ бошад, он гоҳ ташкили маърифати касбӣ ба мақсад мувофиқ мешавад.

Дар машғулиятҳою маҳфилҳо хонандагонро бо омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, мактабҳои миёнаи махсус, мактабҳои олӣ шинос намудан мумкин аст. Бо мақсади маърифати касбӣ боз саёҳатҳои касбӣ-графикӣ, кишваршиносии маҳаллӣ, вохӯрӣ бо мутахассисонро васеъ истифода бурдан мумкин аст. Бояд дар назар дошт, ки кори асосии маҳфил кори амалӣ аст. Дар машғулиятҳо бачагон доир ба талаботи касбҳо маълумот дастрас менамоянд. Инчунин онҳо оид ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва хусусӣ малакаю маҳорат зоҳир менамояд, дар натиҷаи ташкили чунин корҳо хонандагон гӯё аз озмуни санҷиши қувва мегузаранд. Ҳамин тавр, бевосита бачагон бо меҳнати муайян дучор гардида, дар оянда ба мустақилона интихоб намудани касби дӯстдоштаи худ шароит пайдо менамоянд. Ҳангоми барномаи кориро ба нақша гирифтан оид ба маърифатнокӣ албатта ба мазмун ва мундариҷаи маҳфил ё ташкилоти муайян эътибор бояд дод. Масалан, маҳфилҳои бурандагию дӯзандагӣ ва сайёҳиро бояд дар фабрикаи дӯзандагӣ гузаронида, бо дӯзандаҳо, бурандаҳо, тарроҳон вохӯриҳо ташкил кард. Нақшаи корӣ аз тарафи роҳбари ташкилот мураттаб мегардад. Дар ин нақша, албатта конфронсҳои назариявӣ доир ба масъалаҳои ташкили меҳнат дар истеҳсолотро ба қайд гирифтан зарур аст. Рефератҳоро, ки ба касбҳои гуногун бахшида шудаанд, шунидан ва муҳокима намудан аҳаммияти калон дорад. Мавзуъҳои он доир ба касбҳо, доир ба инкишоф-ёбии соҳаи саноати сабук, соҳаи хизматрасонӣ, дар бораи идораҳои маҳаллӣ бошад, хеле хуб аст. Барои тайёр намудани ин гуна реферат (гузориш) хонандагон бо адабиёт мустақилона кор мекунанд, бо онҳо суҳбат мекунанду маводди зарурӣ ҷамъ меоваранд.

Ҳамин тавр, тадқиқоти графикӣ-касбӣ ташкил мешавад.

Аз ин лиҳоз, ҳар як аъзои ташкилот бо вазифаи алоҳида муҷаҳҳаз мегардад (барои як маърӯза мумкин аст 2-3 нафар вобаста карда шавад).

Ин гуна тадқиқоти коллективӣ конфронси назариявии касбиро шавқовартар намуда, хонандагонро ба худ бештар ҷалб менамояд ва ба онҳо таъсири мусбат мерасонад. Барои самаранок гузарондани конференсия ба он ҷиддӣ ва ҳаматарафа тайёрӣ бояд дид. Вале барои мазмунан ғанӣ гардидани кон-

фронс ба он на фақат аъзои ташкилот (маҳфил) гирд оварда шаванд, балки дигар намояндагони касбҳои омӯхташаванда, хонандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, волидон низ таклиф карда шаванд.




***Расми 42.*** *Фаъолияти иловагӣ вобаста ба касбинтихобкунӣ*

Ҳар як конфронс дар мавзуъҳои махсус бояд гузаронида шавад, масалан: «Соҳаи хизмат ва тараққиёти техника», «Аз гузашта, ҳозира ва ояндаи мошинасозӣ» ва ғайраҳо.

Пас аз гузаштани конфронс рефератҳоро барои оро-иши албоми тематикӣ (мавзуӣ) «Касбҳои саноати сабук», «Идораҳои соҳаи хизматрасонӣ» ва ғайра истифода бурдан хеле муносиб аст, ки дар оянда онҳо барои кори маҳфил ёрӣ мерасонанд.

Як қисми таркибии маърифати касбӣ ташвиқоти касб мебошад, ки шакли асосии гузориши вай вохӯрӣ бо намояндагони касбҳои гуногун, шабнишиниҳо доир ба касбҳои ҳархела бахшида ба интихоби касб, маърӯза, лексияҳо оид ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, истеҳсолот ва касбҳо, муколамаҳо, шабнишиниҳои «ҳимояи касб», озмунҳои «Касби беҳтарин», саёҳат ба корхонаҳо, тамошо ва муҳокимаи кинофилмҳо оид ба меҳнат ва интихоби касб мебошад.

Яке аз шаклҳои корҳои мустакилонаи хонандагон оид ба маърифати касбӣ ҷамъоварӣ намудани мавод дар бораи касбҳо, омӯхтани тарҷумаи ҳоли хатмкунандагони мактаб, гирд овардани мавод оид ба таълимгоҳҳо ва хоҷагии деҳот, шаҳрак, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ мебошад.

Шакл ва услуби корҳои асосии маърифати касбии корҳои беруназсинфӣ дар байни хонандагонро дида мебароем. Суҳбат шакли махсусе мебошад, ки онро роҳбарони синф, омӯзгорони фаннӣ дар гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ё ғайритаълимӣ ба кор мебаранд. Ин гуна суҳбатҳо бо мақсади шинос шудан бо ягон намуди касб ё ин ки гурӯҳи касбҳои бо ҳам монанд бахшида мешаванд. Мавзуъҳои суҳбат ба синну соли бачагон бояд мувофиқ ояд.

Агар аз рӯйи нақшаи зерин суҳбат гузаронида шавад, мураббӣ (устод) ба муваффақияти хеле калон ноил мегардад:

1. Маълумоти умумӣ доир ба касб.
2. Мазмуни истеҳсолии касб.
3. Шароити меҳнат ва талаботи он барои инсон.
4. Низоми тайёрӣ ба касб.

Дар раванди суҳбат истифодаи суратҳо стендҳо, ва кинофилмҳо хеле ба мақсад мувофиқ аст. Яке аз шаклҳои паҳнгаштатарини замонавӣ вохӯрӣ бо намояндагони соҳаи саноат ва хоҷагии деҳот бо коркунони ҳизбҳою иттифоқҳои касаба, бо пешқадамони меҳнат, бо қаҳрамонону собиқадорони меҳнат, бо хатмкунандагони мактаб ва ғайра мебошад. Вохӯриҳоро бо як ё якчанд нафарони гуногункасб гузаронидан мумкин аст. Ҳангоми гузаронидани ин гуна чорабинӣ бояд пешакӣ ба он тайёрӣ дид. Қоидаи тайёрии пешакӣ чунин мебошад: ба вохӯрӣ чунин шахс бояд даъват карда шавад, ки касби худро нағз донад ва онро нағз нақл карда тавонад, то ки ба тафаккури ҳар як хонанда ҷойгир шавад, моҳияти касбро дарк намояд ва нисбати ин касб мароқ зоҳир намояд. Шахси масъул бояд пешакӣ бо он шахсе, ки даъват карда мешавад, вохӯрад ва нақшаи вохӯриро ҳамроҳ тартиб диҳанд. Инчунин, маслиҳат додан лозим аст, ки муфассал нақл намояд ва ба чиҳо диққати бачагонро равона намояд. Ба чунин суҳбат хонандагонро пешакӣ тайёр намудан лозим аст.

Тайёрӣ ба ин вохӯрӣ таъсири зиёди тарбиявӣ дорад. Бинобар ин, барои ҷамъ овардан ва тайёр намудан чӣ қадаре ки зиёдтар бачагон ҷалб карда шаванд, ҳамон қадар аҳаммияти калон дорад.

Дар аксарияти мактабҳо гузаронидани моҳҳои касбинтихобнамоӣ, ҳафтаи касбҳо ва ғайра анъана гаштааст. Ин чорабинии комплексӣ ба шумор меравад, зеро барномаи вай хеле васеъ мебошад. Ба ин ботантана кушодашавии намоиши китобҳо, масолеҳи сохтаи хонандагон ҳамроҳи устодон, гузаронидани саёҳат, вохӯриҳо бо пешқадамон, собиқадорон, гузаронидани суҳбатҳо, конфронсҳои китобдӯстон ва ғайра дохил мешаванд. Барномаи кори якмоҳаро тахминан чунин ташкил намудан мумкин аст:

1. Кушодашавии чорабинӣ.
2. Пахш намудани барномаҳо бо воситаи радио бахшида ба касбҳои одамоне, ки дар шаҳр кор мекунанд.
3. Намоиши китобҳо доир ба касбҳо ва интихоби касбҳо.
4. Саёҳати «Шаҳри кимиё».
5. Вохӯрӣ бо хатмкунандагони мактаб.
6. Суҳбатҳо дар мавзуъҳои касбҳои саноати химия, сохтмон ва мошинсозӣ, хоҷагии деҳот, ихтисоси рӯзноманигор, мухбир, корманди китобхона, касбҳои хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони соҳаи ҳуқуқ.
7. Саёҳатҳо ба омӯзишгоҳҳои ҳунарӣ, омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, донишгоҳҳои омӯзгорӣ, Донишгоҳи политехникӣ.
8. Вохӯрӣ дар мавзуи «Вакилҳои мо – шахсони мутахассиси зарурӣ».
9. Конфронси хонандагон аз рӯйи китобҳои ба ягон ихтисос бахшидашуда.
10. Намоиши корҳои эҷодии техникии хонандагон "Дастони моҳир".
11. Шабнишинии "Суруди меҳнат" ё "Меҳнат шараф аст" ва ғайра.
12. Рӯзи шахсони мутасаддӣ дар мактаб.

Барои гузаронидани ин чорабинӣ дар мактаб ҳар як синф тайёрӣ мебинад. Ғайр аз ташкил намудани чорабиниҳои умумимактабӣ, агар хонандагон боз доир ба касбҳои гуно-

гун ва корхонаҳои дар гирду атрофашонбуда албомҳо тартиб диҳанд, хеле аҳаммияти калонро соҳиб мешавад.

Мисол, барои касби нонвой техникаи ороиши албом ин тавр мешавад: Маълумот дар бораи таърихи истеҳсоли нону қанодӣ. Барои далели ин фикрҳо аз расму суратҳои он истифода бурда мешавад. Яъне таҷҳизоти аввалини онро акс намуда, дар охир дастгоҳҳои ҳозиразамон гирд оварда мешаванд. Пас аз он дар бораи тараққиёту инкишофи саноати нонпазӣ маълумот дода шуда, корхонаҳои калони он таҷассум мегарданд. Аз рӯйи албом дар бораи касби нонпазӣ, асбобу воситаҳои он ва дар бораи тайёр шудани нон ва шахсони номдору фаъолоне, ки дар он кор мекунанд, маълумоти зарурӣ гирифта мешавад ва шавқу завқи хонандагон ба он равона мегардад.

Бояд дар назар дошт, ки гузаронидани ин гуна ҳафтаҳо ё моҳҳои касбинтихобкунӣ ҳамаи масъалаҳои ба касб тааллуқдоштаро ҳал карда наметавонад, зеро ин як қисми кори касбинтихобкунӣ мебошад.

Боз инро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки пас аз гузаронидани ин гуна чорабиниҳо хонандагон на ҳама вақт аҳаммияти интихоби ин касбро дарк карда, ихтисоси дурустро ихтиёр мекунанд. Азбаски ин чорабиниҳо на фақат барои хонандагон аст, балки худи хонандагон онро тайёр мекунанд, дар рафти тайёркунӣ онҳо бо ихтисосҳои гуногун рӯ ба рӯ меоянд, моҳияти онро мефаҳманд, умуман доир ба касби интихобшуда маълумот пайдо мекунанд, бинобар ин, касбинтихобкунӣ мавзуи муҳокимаронӣ мешавад. Дар саёҳат хонандагон иштирокчиёни фаъол мешаванд. Дар саволу ҷавоб онҳо кӯшиш мекунанд, ки дар бораи корхона ва касбҳои дар он ҷо зарурӣ муфассалтар шинос шаванд. Ин гуна маълумоту чорабиниҳо барои ташаккули инкишофёбии шавқи хонандагон оид ба касбу маълумоти касбӣ заминаи асосӣ ва пурқувват мегарданд.

Барои боз ҳам муфассалтар ва аниқтар шинос шудани хонандагон бо истеҳсолот ва мазмуни кор, одамон, доир ба касбҳои гуногун гузаронидани саёҳатҳо дар идораҳо, дар корхонаҳо, дар хоҷагии деҳот хеле аҳаммияти калон дорад. Саёҳатҳоро ҳам бо нақша ва ҳам бо мавзуъҳои аниқ гузаронидан лозим аст. Барномаи саёҳат 3 ҷиҳатро бояд дар бар бигирад:

1) Мақсад ва вазифаи саёҳат бояд дақиқ карда шавад.
2) Албатта пешакӣ ба он тайёрӣ дида шавад.
3) Рафти саёҳат.

Хотима, яъне бо хонандагон оид ба саёҳат сухбати хотимавӣ гузаронидан лозим аст. Ҳар як саёҳат бояд мақсади таълимию тарбиявӣ дошта бошад. Ҳамин тавр, шаклҳо ва усулҳои асосии чорабиниҳои беруназдарсиро барои касб дида баромадем. Агар ин моҳирона дар барномаи корӣ ворид гардонида шавад, маърифатнокии касбӣ, кори касбинтихобкунии хонандагон пурмазмун ва рангоранг мегардад.

**Роҳбалад (гид)** – *муаррифигар, роҳнамоест, ки сайёҳон ё тамошобинонро ҳамроҳӣ мекунад ва манзараҳои диданиро ба онҳо шарҳ медиҳад. Соҳибони ин касб дар ширкатҳои сайёҳӣ, осоишгоҳҳо, осорхонаҳо ва г. фаъолият менамоянд. Сифатҳои касбӣ: муомилаи хуби ба мизоҷ тамоюлдошта, забондонӣ ва маданиятшиносӣ, кор бо одамон, фаъолият дар шароити номуайянӣ, мутобиқат ба сафарҳои хизматӣ.*

*Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва хусусӣ, тадқиқоти графикӣ-касбӣ, тадқиқоти коллективӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*Номгӯйи касбҳои асосии шаҳр (ноҳия)-ро номбар кунед.*

***Савол ва супориш:***

*1. Корҳои беруназсинфӣ гуфта чиро мефаҳмед?*
*2. Шаклҳои корҳои маърифатиро номбар кунед.*
*3. Эҷодкорона оид ба мазмуни фаъолияти роҳбалад ва сифатҳои касбии он маълумот диҳед.*

## 23. ТАШХИСИ КАСБӢ

Хусусиятҳои хотира, диққат, ҳиссиёт, ирода, хоҳиш ва қобилиятро дидан мумкин нест, баҳо дода намешавад, чен карда намешавад чунонки мо ба ашёи гирду атроф баҳо медиҳем.

Инҳо ва як қатор сифатҳои психикаи инсонро дар худ ё дар одами дигар мушоҳида кардан номумкин аст. Лекин, дар навбати худ, касбҳои гуногун ба хусусиятҳои психофизиологии шахсият талаботи мушаххас изҳор мекунанд.

Хусусиятҳои психофизиологияи инсон хусусиятҳои психикии тараққиёт, сохти организм, ҳолати саломатии ӯ мебошад. Ҳар як инсон ба сифатҳои муайяни психофизиологӣ соҳиб мебошад. Аз ҳамин сабаб, гуфтан мумкин аст, ки ҳар як одам аз рӯйи нишондодҳои табиии худ зиёдтар ё камтар ба муваффақият соҳиб шудан ба касби муайян ё гурӯҳи касбро дорад. Вобаста ба ин чунин савол ба миён меояд: чӣ тавр ин хусусиятҳои шахсиятро муайян кардан мумкин аст?

Аз тарафи дигар мушкилот дар он аст, ки мо нафақат дараҷаи тараққиёти шахсиятро муайян кунем, балки имкониятҳои тараққиёти дурнамои онро низ муайян намоем.

Омӯхтани хонандагон бо мақсади касбинтихобкунӣ (ташхиси пешакии касбӣ), чунонки дар боло қайд кардем, яке аз компонентҳои асосии касбинтихобкунии хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳала бояд хусусиятҳои характерии шахсият: шавқ, талабот, майл, қобилият, равонагии касбӣ, сабабҳои интихоби касб, мақсадҳои касбӣ, характер, темперамент, ҳолати саломатӣ ва ғайраро омӯзем. Сарчашмаи фаъолнокии шахсият талаботе мебошад, ки ҳолати шахсият дар алоқа бо муҳит барои таъмин намудани мавҷудият фаъолият ва тараққиёти худро мефаҳмонад.

Талабот ду хел мешаванд: талабот ба хӯрок ва либос, талаботи маънавӣ. Талаботи маънавӣ ин касбинтихобкунӣ мебошад.

Дар фаъолияти касбии одам чунин хусусиятҳоро ҷудо кардан мумкин аст: худтасдиққунӣ дар ҷамъият; обрӯю эътибор дар коллективи меҳнатӣ; эътирофи наздикон, дӯстон; худташкилдиҳӣ, хештангароӣ - кори шавқовар; истифодабарии дониш, маҳорат ва қобилияти худ; характери эҷодии меҳнат;

устоди кори худ шудан; хаёлпарастии фаъолияти меҳнатӣ; моҳонаи хуб; мансаб; шахсияти қаноатманд.

Нақш асосиро дар интихоби сарчашмаҳои касбӣ сабабҳои интихоби касб бозӣ мекунад, ки дар навбати худ аз шавқ, талаботи шахсият ва мақсади шахсият вобаста аст.

Аз рӯйи намуд сабаби интихоби касбро ба шаш гурӯҳ ҷудо мекунанд: сабабҳои умумӣ; хаёлпарастии касбӣ; сабабҳои характери дарккунидошта; сабабҳои касбҳое, ки аҳаммияти ҷамъиятӣ доранд; далел овардан ба мисоли дигар; интихоби бесабаб.

Аз рӯйи характер ҳамаи сабабҳоро ба чор гурӯҳ, ҷудо мекунанд: сабаби интихоби касб, ки асоснок ва мақсаднок мебошад; интихоби номуайян; интихоби эътимоднадошта; сабаби интихоби касб, ки ҳаматарафа эътимод надорад.

Дар ҳамҷоягӣ бо дигар характеристикаи шахсият онро чунин тасаввур кардан мумкин аст: талабот – шавқ – қиммати объективӣ – сабаб – мақсад – интихоб.

Ташхиси пешакии касбӣ чунин сифатҳои инсонро барои муайян кардан талаб мекунад: рағбат, қобилият, нишонаҳои истеъдод, миҷоз (меланхолик, холерик, сангвиник, флегматик), хислат.

Мазмуни кор оид ба ташхиси касбии пешакии хонандагон дар ҳаматарафа омӯзиши шахсияти онҳо мебошад. Омӯзиш чунин компонентҳо дорад: шавқ, рағбат, қобилият, интихоби қиматнок, мақсади касбӣ; хусусиятҳои психикии шахсият; хосиятҳои низоми асаб; дониш, маҳорат, малака.

Қариб ҳамаи хонандагон вақте ки ягон касбро интихоб мекунанд, роҳи зиндагии худро муайян мекунанд, барои маслиҳат ба калонсолон ва хусусан ба мутахассис муроҷиат мекунанд. Барои ин ба омӯзгорон, роҳбари синф, мудири кабинети касбинтихобкунӣ, духтури мактаб лозим аст, ки ба хонандагон маслиҳатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва аз ҷиҳати педагогӣ дуруст диҳанд. Ҳар як омӯзгор, ки ташхиси пешакии касбиро бо хонандагон мегузаронад, донистанаш лозим аст, ки ташхиси касбиро ҳангоми истифода бурдани ин ё он касб ба хонанда бо зӯрӣ бор кардан лозим нест. Барои ҳамин ҳам, интихоби касбро худи хонанда интихоб карданаш

лозим аст. Волидон, омӯзгор роҳ ва усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо истифода бурда, ба хонанда фақат ёрӣ расониданашон лозим аст.




**Расми 43.** *Ташхиси касбӣ*

Омӯзиши шахсияти хонанда бо мақсади касбинтихобкунӣ бояд хусусияти ботартиб дошта бошад. Маълумот оид ба хусусиятҳои психофизиологии хонанда, ки дар натиҷаи ташхиси касбӣ соҳиб мешавем, ба омӯзгор барои хонандаро ба касбҳое, ки талаботи он ба миҷоз ва хосиятҳои низоми асаб рост меояд, равона кунад.

Чунонки маълум аст, тарзи омӯзиши падидаи тадқиқотшавандаро усул (метод) меноманд.

Барои омӯзиши шахсияти хонанда бо мақсади касбинтихобкунӣ чунин усулҳоро истифода мебаранд: 1.Мушоҳида (бевосита ва бавосита, кушода ва пӯшида, беҳамроҳшавӣ ва ҳамроҳшавӣ, кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, бефосила ва фосиладор, васеъ ва танг). 2. Таҳлили ҳуҷҷатҳо дар натиҷаи фаъолияти хонандагон. 3.Таҳлили рафтори амалии хонандагон дар мактаб, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва оила. 4. Пурсишнома. 5. Суҳбат, мусоҳиба. 6. Таҷрибаи педагогӣ. 7. Усули ҷамъбасти тавсифномаи мустақил.

Барои омӯзиши шахсияти хонанда дигар усулҳо ба монанди: (оморӣ) аппаратурӣ ва тестҳоро ҳам истифода бурдан мумкин аст.

**Имиджмейкер (тасвирсоз) –** *ин стилист, равоншинос ва маркетологи коршинос аст, ки ба як чиз муттаҳид шудааст. Вай "бозор" -ро (аудиторияи мақсадноки мизоҷ) таҳлил мекунад ва тасвирро барои ӯ мутобиқ мекунад. Имижмейкер бо "дастҳо" кор намекунад (ороиш намекунад, харид намекунад – ин вазифаи стилист аст), балки симои интегралӣ таҳия мекунад, ки намуди зоҳирӣ, гуфтор, одоб, мундариҷаи нутқ ва стратегияи умумии ҷамъиятро дар бар мегирад. Аз хидматҳои имиджмейкерҳо сиёсатмадорон, ходимони ҷамъиятӣ, тоҷирон ва рассомон, санъаткорон истифода мебаранд.*

*Ташхиси касбӣ, хусусиятҳои психофизиологӣ, талаботи маънавӣ, хештангароӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*1. Бо духтури мактабатон маслиҳат намуда, оид ба саломатиатон маълумот гиред ва ба кадом касб мувофиқ буданатонро шарҳ диҳед.*

*2. Реҷаи рӯзи худро тартиб диҳед.*

***Савол ва супориш:***

*1. Хусусиятҳои психофизиологии инсонро фаҳмонед.*

*2. Талабот чанд хел мешаванд?*

*3. Барои омӯзиши шахсият кадом усулҳоро истифода мебаранд?*

*4. Оид ба касбу ихтисосҳои даҳсолаи оянда табодули назар кунед.*

## 24. МАШВАРАТИ КАСБӢ

Ба масъалаи машварат бо хонандагон ҷиҳати интихоб намудани касб доимо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Баъзе касбу корҳо хусусияти хос доранд, ки ба он одами қобилияти хубдошта ҷалб

карда мешавад. Илми махсус психотехника мебошад, ки он бо масъалаи муайян кардани қобилиятҳои психикаи одамон машғул аст. Бо ин роҳ шахсони соҳибистеъдодро ҷудо мекунанд ва тавсия медиҳанд, ки барои муайян кардани қобилияти касбии одамон тестҳои психотехникиро васеъ истифода баранд. Аммо ҳангоми бо ин усул бештар кор кардан, барои муайян намудани қобилияти бачагон ба як қатор хатоҳои ҷиддӣ роҳ дода шуд. Ин илм аҳаммияти худро тез гум кард ва чанд вақт беамал монд. Вақтҳои охир аз сари нав кори психотехника торафт васеътар шуда истодааст.

Профессор К. Платонов машварати касбиро ҳамчун воситаи муҳимми ёрирасони касбинтихобнамоӣ дониста, онро ба се марҳала ҷудо кардааст: тайёрӣ, иҷрошавӣ, дақиқ кардан.

Марҳалаи якум, ки машварати тайёрии касбӣ мебошад, барои дуруст интихоб намудани касб дар муддати ҳамаи таълимоти мактаб ба амал оварда мешавад.

Мақсади ба иҷрорасии машварати касбинтихобкунӣ қобилият ва хусусиятҳои психофизиологии талабаро ба ҳисоб гирифта, ба касбинтихобкунӣ ёрӣ расонидан мебошад.

Машварати касбии аниқгардонӣ одатан аз ҳудуди мактаб мебарояд ва дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, донишгоҳҳои олӣ, дар идораҳо ва ғайра ба амал оварда мешавад.

Ҳар як марҳалаи машваратӣ хислату характери ҳархела дорад. Фақат шахсе касбро дуруст интихоб карда метавонад, ки он ба меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф кардан қобилият дошта, барои иҷрои супориш масъулият ҳис намояд.




**Расми 44**. *Машварати касбӣ*

Дар марҳалаи якум хонандагонро барои интихоби касб бе инкишофи қобилият ва хислатҳои хуби шахсӣ тайёр намудан мумкин нест. Дар ин маврид машварати касбӣ характери инкишофёбиро дорад. Омӯзгор-машваратгар, роҳбари синф фаъолияти хонандаро ба қобилияту шавқаш нигоҳ карда равона менамояд.

Марҳалаи дуюми касбинтихобкунӣ характери тавсиядиҳӣ дорад ва масъалаҳои асосии зеринро ҳал менамояд: Касби интихобкардашуда ба талаботи ҳолати саломатӣ мувофиқ меояд ё не? Низоми асаби шахс ба касби интихобшуда тайёр аст ё не? Маълумоти ахбордиҳӣ оид ба касбҳои интихобшуда барои шуғли меҳнат тайёр аст ё не? Вобаста ба ин, машварати касбии ин марҳала се хел: тиббӣ, педагогӣ-психологӣ ва маълумотдиҳӣ мешавад. Ин машварат на танҳо бо ёрии роҳбари синф ва шахсони касбу кори гуногундошта ба амал оварда мешавад, балки ба ин кор бевосита духтури муассисаи таълимӣ ҳам вобаста аст.




**Расми 45.** *Ихтилоф дар касбинтихобкунӣ*

Марҳалаи сеюми машварати касбӣ ба дохил шудани хонандагон ба донишгоҳ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ ва дар корхонаҳо кор кардани онҳо алоқаманд аст.

Ин марҳаларо одатан марҳалаи ташкилдиҳӣ низ меноманд, зеро масъалаи асосӣ ин аст, ки ба ҷавонон барои интихоби касб мададе расонад.

Машварати касбӣ барои хонандагон ба таври гурӯҳӣ ва индивидуалӣ гузаронида мешавад. Агар дар кабинетҳои касбинтихобкунӣ нақша ва ҷадвали машваратҳо нишон дода шуда бошад, чунин ҳолат ба мақсад мувофиқ аст.

Дар муассисаҳои таълимӣ ваколати машварати касбӣ ташкил кардан мумкин аст. Функсияи ваколат аз он иборат аст, ки сари вақт ба хонандагон барои интихоб намудани касб мадад расонад.

Дар ташкил намудани машварати касбӣ гузаронидани тахассусмандӣ аҳаммияти басе муҳим дорад. Машварати касбиро ҳамчун раванди дуру дароз пиндоштан лозим аст. Ба машварат чӣ лозим аст, муоширатҳои ӯ боодобона, боэҳтиром бояд гузарад ва машваратгиранда пурра ба вай боварӣ зоҳир намояд.

Барои гузаронидани машварати касбӣ ба хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ таълими фанҳои асосӣ ва технология имконияти калон медиҳад. Омӯзгорони фанни технология ҳам дар дарси технология ва ҳам дар таълими истеҳсолии амалӣ имконият дорад, ки пай дар пай, бонизом ба шакли ҳикоя бисёр масъалаҳои машварати касбиро ҳал намояд. Агар ин муассиса аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба истеҳсолоти пешқадам наздик бошад, ба омӯзгор машварати касбиро бо мисолҳои мушаххас ба амал овардан хеле осон мегардад. Бо мақсади машварати касбӣ лексияи мактабиро низ истифода бурдан мумкин аст. Онро бо нақшаи зерин тартиб додан мумкин аст: Дунёи гуногуни ихтисосҳои меҳнатӣ дар мамлакати мо, интихоб намудани касби муҳим, душвор будани интихоби касби ҷавонон, шароити дуруст интихоб намудани касб. Корҳои беруназсинфӣ вобаста ба тарбияи меҳнатии хонандагон барои ташкил намудани машварати касбӣ аҳаммияти калон дорад.

## *МУШКИЛОТИ ИНТИХОБИ КАСБ*




**Расми 46.** *Муаммоҳои интихоби касб*

Дар фаъолияти машварати касбӣ суҳбатҳои машварати касбӣ хеле васеъ истифода бурда мешавад, ки функсияҳои ба монанди шиносшавӣ, тақризномаи назорат ва тасҳеҳ намудан ва инчунин маълумотдиҳиро дар бар мегирад.

Функсияи шиносшавӣ огоҳӣ аз тайёр будани хонандагон ба масъалаҳои касбинтихобкунӣ мебошад. Дар рафти суҳбат бо хонанда на фақат ҷавобҳои объективии аниқи онҳо шунида мешаванд, балки шахсияти ҳар як хонанда муайян карда мешавад, яъне вай фаъолияти меҳнатии ояндаи худро чӣ гуна тасаввур менамояд, мазмуни меҳнатро дар чӣ мебинад, то чӣ андоза меҳнат талаботи ӯст ва ғайра.

Анҷомёбии қисми суҳбат дар интихоби касб нақши ба низом даровардани сифатҳои шахсии бачагонро дорад. Дар суҳбатҳои машварати касбӣ доираи суҳбатҳои психологӣ-педагогӣ, шиносоӣ, ахборӣ ва маълумотдиҳӣ-тасвиядиҳӣ мавҷуданд.

Ҳамин тавр, машварати касбӣ ба насли наврас дар дарёфт намудани касбинтихобкунӣ кумак мерасонад.

Ҷиҳати машварати касбӣ ба хонандагон тавсия намудани адабиёти маълумотдиҳӣ оид ба касбҳо (фаъолияти китоб-

хонаи мактабӣ), намоиши васеи кинофилмҳо, барномаҳои телевизионӣ, инчунин радио доир ба интихоби касб аҳаммияти хеле калон дорад.

**Сохтмончии “роҳҳои ҳушманд"** (Smart road) . *Ин мутахассисе, ки рӯйпӯшҳои ба муҳит мувофиқи роҳҳо, нишонагузорӣ ва аломатҳои роҳ бо суръати баробаркардашуда, низоми мушоҳида ва датчикҳо (асбобест, ки аз кори механизм, фаъолияти организми зинда ва г. хабар медиҳад) барои назорати ҳолати роҳҳоро интихоб ва муқаррар мекунад. Сифатҳои касбӣ: барномасозӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Машварати касбӣ, психотехника, характери тавсиядиҳӣ, маълумоти ахбордиҳӣ.*

## КОРИ АМАЛӢ

*1. Номгӯйи саволҳоро тартиб диҳед, ки ҳангоми машварати касбӣ ҷавоб гирифтан мехоҳед.*
*2. Ҷамъбасти машварати касбиро ба омӯзгор шарҳ диҳед.*

***Ин аҷиб аст***

*Аввалин шуда мафҳуми инноватсияро иқтисоддони австриявӣ Й. Шумпетер ба муомила даровард, ин панҷ ҷиҳати онро нишон додааст:*
*- истифода аз ҷараёни техника ва технологияи нав;*
*- ҷорӣ намудани маҳсулоти дорои хосиятҳои нав;*
*- истифода аз ашёи хоми нав;*
*- дигаргуниҳо дар ташкили истеҳсолот ва таъминоти моддию техникии он;*
*- пайдо шудани бозорҳои нави фурӯш.*

***Савол ва супориш:***

*1. Машварати касбӣ ба чанд марҳала ҷудо мешавад?*
*2. Машварати касбӣ чӣ тавр гузаронида мешавад?*
*3. Эҷодкорона намудҳои суҳбатҳои машварати касбиро номбар кунед.*
*4. Сифатҳои касбии сохтмончии роҳҳои ҳушмандро шарҳ диҳед.*

## 25. ЯККАЧИНКУНИИ КАСБӢ

Қисми таркибии касбинтихобкунӣ ва ба касбҳо тақсим карданро яккачинкунӣ ташкил медиҳад, яъне интихоби шахсоне, ки онҳо бо эҳтимоли қавӣ касби мазкурро бо муваффақият аз худ карда метавонанд ва масъулияти меҳнатии ба он алоқамандро бечунучаро иҷро менамоянд. Дар раванди яккачинкунӣ қобилиятнокии касбии одам муайян карда мешавад. Мавҷудияти фарқи ҷисмонию интеллектуалӣ ба он оварда мерасонад, ки як намуди меҳнат ба одам дастрас бошад, дигараш тамоман дастрас нест. Лекин ин онро намефаҳмонад, ки табиат ба инсон ишораи касбӣ гузошта бошад, зеро одам ба дунё ҳамчун харроту нависандаю духтуру омӯзгор таваллуд наёфтааст. Албатта дар вақти ба ягон намуди меҳнат сафарбар шудан қобилияти махсуси одамро, ки тақдири касбии онро пешбарӣ менамоянд, ба ҳисоб нагирифтан мумкин нест.

Моҳияти касбии мутлақ ба талаботи касбӣ мувофиқ омадани сифатҳои ҷисмонӣ ва хусусиятҳои психофизиологии одам аст. Агар ин сифатҳо ва хусусиятҳо ба дараҷаи кофӣ набошанд, зиёдвазнӣ ё зиёдборӣ ба амал меояд, ки инро касбношоямӣ меноманд, ки аз он ҳам ҷамъият ва ҳам шахс зарар мебинад.

Тақсим намудани одамон вобаста ба касбҳо ин як қисми таркибии ташкили илмии меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми яккачинкунӣ бояд инро фаҳмид, ки вай раванди тадқиқоти махсус ташкилёфта буда, мақсади зеринро дорад: бо ёрии методҳои илмӣ дараҷа ва имконпазирии қобилияти психофизиологии хоҳишмандон ба касби мураккаби масъулиятнокро муайян ва муқаррар менамояд. Яккачинкуниро ба ду намуд ҷудо менамоянд: а) муқаррарнамоӣ, б) таъсисдиҳӣ. Яккачинкунии муқаррарнамоӣ ин ё он шахсро ба шакли «кор меояд» ё «кор намеояд» муқарррар мекунад, ҳангоми ҷавоби манфӣ гирифтан, одам метавонад аз сари нав дар масъалаи шуғли меҳнат саъю кӯшиш намояд.

Яккачинкунии таъсисдиҳӣ чунин мақсад дорад, ки хусусияти инфиродии одамро муқаррар менамояд ва ба он баҳо медиҳад, зеро ки вай назардошти на як касб, балки якчанд касбҳо мебошад.

Яккачинкуниро бо ёрии психологҳо, физиологҳо ва кормандони тиб ба амал овардан лозим аст.




**Расми 47.** *Яккачинкунӣ дар мавриди ба кор қабул шудан*

Масалан: барои мувофиқ будани ҷавонон дар кори касби танзимгари дастгоҳҳо функсияи кори чашм ва кори нимкураи мағзи сарро муайян намудан лозим аст. Дар кори ронанда ё оператор суръати реаксияҳои шахсро муқаррар бояд кард. Барои челонгар назардиди хуб ва чаққонӣ зарур мебошад. Ҳамаи инро психофизиологҳои меҳнат бояд муқаррар намоянд. Яккачинкунӣ дар шароити муассисаҳои таълимоти умумӣ ҳатмӣ мебошад, чунки дар аксарияти мактабҳо таълимоти истеҳсолӣ омӯхта мешавад.

Дар баробари мураккабтар шудани меҳнат, вобаста ба раванди инкишофёбии илмӣ-техникӣ мумкин аст, ки баъзе касбҳо маҳдуд карда шаванд. Бисёр муҳим аст, ки дар мактаб аллакай хонандагонро бо касбҳо ва хусусиятҳои ҷисмонию психофизиологӣ шинос намуда, ба ҷавонон барои интихоб намудани касби дӯстдоштаашон кумак расонидан лозим аст. Ҳар як касб аз одам поквиҷдонӣ нисбат ба кор, ҳалолкориро талаб менамояд. Бинобар ин, дар насли наврас меҳнатдӯстӣ ва ҳиссиёти баланди қарзи ҷамъиятиро таълиму тарбия наму-дан лозим аст.

Барои қобилияти хонандагонро муайян намудан нақши омӯзгор басо калон мебошад. Хусусан, ин ба омӯзгори технология дахл дорад, чунки омӯзгори меҳнат дар дарс имконияти хеле фаровон дорад, ки аз болои меҳнати бачагон назорат барад, камбудиҳои онҳоро бартараф намояд ва элементҳои эҷодию ихтироъкориро дар мафкураи онҳо ҷо намояд. Умуман, омӯзгори технология маҳсулоти тайёркардаи хонанда-

гонро дида метавонад, ба натиҷаи он баҳо медиҳад. Ҳамаи ин имконият медиҳад, қобилият ва майлу рағбати хонандагон муайян карда шавад.

Дар меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятӣ характери одам тарафт ба танзим медарояд. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми хислати одам иродаи қавӣ ва матин доштан, покдилу поквиҷдон, ҳалолкору ҳаётдӯст ва инсондӯст будани вай мебошад.

Аммо дар вақти дурусттар дида баромадан маълум мегардад, ки ин гуна сифатҳоро қариб ки ҳар фард дорост. Бинобар ин, дараҷаи инкишофёбии ҷиҳатҳои хосси характер барои интихоби касб бетаъсир намемонад. Дар натиҷаи тағйироти ҳолатҳои зиндагӣ бо вуҷуди дигар шуда истодани хислат шахсияти психикии одам як дараҷа доимӣ мемонад. Дар ҳар як шахсият қобилиятҳои махсус вуҷуд дорад, ки аз ҷадвали 1 муоина намудан мумкин аст. Ба ғайр аз қобилияти махсус, боз сифатҳои умумӣ вуҷуд доранд, ки фаъолияти гуногуни меҳнатиро бе онҳо тасаввур кардан мумкин нест. Ин фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, қобилиятнокии корӣ, иродаи ташаккулёфта, хотира, диққат ва ғайраҳо мебошад.

Умуман, маълум мешавад, ки дар муайян намудани мувофиқати касбӣ омӯзиши физиологияи махсуси одам ногузир аст. Одамони хусусияти гуногуни физиологидошта аз ҳамдигар аз ҷиҳати саломатӣ, сатҳи инкишофи узвҳои низоми ҳаракат, узвҳои дарунӣ, низоми асаб ва нафас, узвҳои босира инчунин аз ҷиҳати сатҳи инкишофёбии ҷисмонӣ фарқ мекунанд. Ин омилҳоро дар вақти ба касбҳо тақсим кардан, албатта, дар мадди аввал ба ҳисоб бояд гирифт, зеро маҳз ҳолати саломатӣ дар интихоб намудани ин ё он касб зарба шуданаш мумкин аст.

Омӯзгороне, ки бо фаъолияти касбинтихобкунӣ машғул ҳастанд, албатта дар бораи саломатии ин ё он хонанда аз духтури муассисаи таълимӣ машварат бояд гиранд ва вобаста ба ҳолати саломатии бачагон барои онҳо касбҳои мувофиқ интихоб намоянд.

Ҳамаи маҳдудиятҳои тиббӣ, психофизиологӣ барои интихоби озоди касб халал намерасонанд, баръакс худмуайянкунии шахсро муқаррар намуда, хислатро зоҳир менамоянд ва боиси интихоби касби бошуурона мегардад.

*Ҷадвали 17. Қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд*

| Қобилияти адабӣ-лингвистӣ барои корҳои адабӣ ва аз худ намудани забонҳо. | Қобилияти риёзӣ барои аз худ намудани тахассуси риёзии тафаккур. | Қобилияти техникӣ барои аз худ намудани техника ва омӯзиши илмҳои техникӣ. | Қобилияти тахассусмандӣ. Бо мақсади таълиму тарбия дар натиҷаи таъсир ба дигар одам. | Қобилияти ташкилотчигӣ дар ташкил намудани ягон чорабинӣ ва ҷалб намудани одамон дар гирди он. |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| Баъзе нишонаҳои махсуси қобилиятнокӣ; Нутқ нағз тараққӣ ёфтааст, захираи бойи луғавӣ доштан ва донистани забонҳои гуногун. | Шавқ ба риёзиёт, бо мантиқ фикр карда тавонистан, таҳлил ва ҷамъбаст карда тавонистан. | Шавқ ба техника, эҷодиёти техникӣ бо дастгоҳҳо ва афзорҳо кор карда тавонистан, ба материалҳои графикӣ хуб сарфаҳм рафтан (нақша схемаҳо, таблитсаҳо ва ғ). Тасаввуроти фазогии ташаккулёфта, бо муваффақият омӯхтани риёзиёт, физика, химия, адабиёти техникӣ. | Шавқ ба фаъолияти педагогӣ, муҳаббат ба бачагон, коллективи хонандагонро ташкил карда тавонистан, майлу рағбат зоҳир намудан дар кор бо бачагони хурдсол, равшан ва боваринок сухан рондан. | Моҳирона ва бо осонӣ бо одамон муомила карда тавонистан, психологияи ҳамсолони худро хубу амиқ фаҳмидан, дар ҳолатҳои гуногун тез худро мувофиқ карда тавонистан, фикри одамонро шунавида тавонистан. |

Доимо мазмун ва характери меҳнат тағйир ёфта меистад ва прогресси илмӣ-техникӣ сохтори қувваҳои ҷамъиятии истеҳсолиро бошуурона ва мақсаднок ба танзим даровардашро талаб менамояд.

Дар натиҷаи пайдо шудани касбҳои гуногун, яккачинкунӣ ва тақсимоти меҳнат ба вуҷуд меояд. Одам ба худ касб инти-

хоб карда, кӯшиш менамояд, ки ба имкониятҳои ҷисмонию интеллектуалии ӯ ҷавобгӯй бошад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки намуди кори якхеладоштаи истеҳсолот як хел омӯхта мешаванд, аммо мустақил иҷро намудан аз тарафи одамон бо натиҷаҳои гуногун ба итмом расонда мешавад. Баъзе коргарон нисбатан тез ва бо осонӣ аз худ менамоянду муваффақияти калонро бе душворӣ ба даст меоваранд, аммо баъзеҳо баръакс. Аз ин рӯ, хулоса мешавад, ки ҳалли ин мушкилот дар яккачинкунии илмӣ асоснок бояд карда шавад.

Ин кор бояд ҳамин тавр ба роҳ монда шавад, ки хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ интихоби касбро чунон ба амал оварад, ки ба донишу имконияташ мувофиқ бошаду ба ҷамъият низ зарур бошад. Барои бомуваффақият ҳал шудани ин мушкилот бояд лабораторияҳо ташкил карда шаванд, ки дар он касбҳоро ба имконияти одамон ҳаматарафа дида баромада, сипас интихоб карда шаванд.

Одатан, яккачинкунӣ ба ин ё он ихтисос мувофиқ будан ё набудани одамро муайян менамояд. Мутахассис бояд донад, ки хислату хусусияти одам ба талабот ҷавобгӯй аст. Бо ин мақсад мутахассисон профессиограмма ва психограмма (ба навор навишта гирифтани касбҳо ва психика) месозанд. Психограмма тасвир намудани хусусияти хосси касбҳои муайян буда, меҳнати касбӣ ва мазмуни онро равшан кушода дода, аз одам чӣ гуна талабот доштани касбро мефаҳмонад. Як қисми профессиограммаро психограмма ташкил медиҳад. Ин маълумоти талабот ба психикаи одам, яъне номгӯйи қобилиятнокии одам ба касби додашуда мебошад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки касби бомуваффақият интихобшуда на танҳо натиҷаи мусбати иқтисодӣ медиҳад, балки одамро ботинан низ бой гардонда, дараҷаи маърифатнокӣ ва шуури инсонро баланд мебардорад. Мувофиқи ин назардошт ҳалли дурусти масъалаи «Кӣ шудан» дар ташаккули бошуурона ва маънавии комили шахси меҳнаткаш шарти зарурӣ мебошад.

**Экоаудитор (эко-экология, аудитор-муфаттиш).** *Мутахассисе, ки корхонаҳои саноатиро тафтиш мекунад ва оид ба паст кардани таъсиррасонӣ ба муҳити атроф аз ҳисоби навкунии истеҳсолот, тағйирдиҳии амалия ва тарзҳои кор тавсия медиҳад. Сифатҳои касбӣ: тафаккури низомманд, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, иртиботи байни соҳавӣ, кор бо одамон.*

*Яккачинкунии касбӣ, қобилияти адабӣ-лингвистӣ, қобилияти риёзӣ, қобилияти техникӣ, қобилияти ташкилотчигӣ.*

## КОРИ АМАЛӢ

*1.Яке аз касбҳои дилхоҳатонро ҳамаҷониба омӯхта, маълумоти кӯтоҳро аз рӯйи чунин нақша тартиб диҳед:*

1. *Аҳаммияти касб дар хоҷагии халқ.*
2. *Оид ба фаъолияти меҳнатӣ.*
3. *Шароити кор.*
4. *Талаботи касб ба одам.*
5. *Дар куҷо ба ин касб соҳиб шудан мумкин аст?*

***Ин аҷиб аст***

*Дар замони ҳукмронии малика Виктория дар Англия касби "рӯбанда" мавҷуд буд. Ба ин вазифа бачагони аз 10 то 15-сола ва одамони синну соли калон, аммо бо саломатии хубро мегирифтанд. Ба вазифаи онҳо рӯфтани роҳ пеш аз одамони бой, ки хоҳиши пиёда сайр карданро доштанд, дохил мешуданд.*

**Савол ва супориш:**

1. *Яккачинкунии касбӣ гуфта чиро мефаҳмед?*
2. *Қобилиятҳои махсусро номбар кунед.*
3. *Яккачинкуниро ба чанд намуд ҷудо мекунанд?*
4. *Мазмуни фаъолияти экоаудитор аз чӣ иборат аст?*

## 26. МУВОФИҚШАВИИ (ОДАТКУНИИ) КАСБӢ (АДАПТАТСИЯ)

Дар раванди худмуайянкунии касбӣ одаткунии касбӣ ҳалқаи ба итмомрасии касбинтихобкунӣ ба ҳисоб меравад. Раванди ташаккулёбӣ ба қоидаю қонунҳои нави талабот, шавқу завқ ба вуқуъ меояд ва умуман, нақшаи дар ҳаётдошта то чӣ андоза амалӣ шуд, муайян мегардад.

Мувофиқшавии касбӣ раванди одаткунии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, донишгоҳҳо, техникумҳо, техникумҳои касбӣ бо равияи гуногуни касбӣ мебошад.

| | |
|---|---|
| Омилҳои мувофиқшавӣ | Мувофиқшавии (одаткунии) кооперативӣ |
| | Мувофиқшавии (одаткунии) касбӣ |
| | Мувофиқшавии (одаткунии) иҷтимоӣ |
| | Мувофиқшавии (одаткунии) ташкилӣ |
| | Мувофиқшавии (одаткунии) техникӣ (технологӣ) |
| | Мувофиқшавии (одаткунии) психофизиологӣ |

**Расми 48.** *Омилҳои мувофиқшавии (одаткунии) касбӣ*

Мувофиқшавии касбиро ба чор давра ҷудо мекунанд: тайёрӣ ба меҳнат дар мактаб, интихоби касб, тайёрии касбӣ, саршавии фаъолияти меҳнатӣ. Як қатор тадқиқотчиён раванди одаткунии касбиро ба ду давр: пеш аз истеҳсолӣ (дар мактаб, ОКТ, техникум, донишгоҳ) ва истеҳсолотӣ (аллакай дар корхона, дар шароити истеҳсолот) ҷудо мекунанд. Одаткунии касбӣ чун раванди ташкилёбӣ ба меҳнат аллакай дар давраи кӯдакӣ дар бачагон зоҳир мегардад. Мисол, вақте ки бача дар хона ё дар боғи ҳайвонот ба парандагон нигоҳубин мекунад, ба кори хона ёрӣ мерасонад. Вақте ки бачагон мактабхон мешаванд, дар дарси технология дар корҳои беруназсинфӣ ин раванд боз инкишоф меёбад. Ҳамин тавр хатмкунандагони синфи 10 дар ОКТ ё муассисаҳои махсус таҳсили худро давом доданӣ мешаванд ва раванди мутобиқшавӣ дар донишгоҳҳо давом мекунад.

Дар синфҳои болоӣ дар хонандагон ҳангоми дарсҳо, дар иттиҳодияҳои меҳнатӣ ва пас аз хатми мактаб ё муассисаҳои махсуси таълимӣ дар шароити меҳнатӣ ва баъди донишгоҳҳои олӣ дар корхонаҳо раванди одаткунӣ ба амал меояд.

Раванди одаткунии касбӣ гуфта, чунин раванди иҷтимоӣ-иқтисодиро мегӯянд, ки ба касби омӯхташаванда одам одат мекунад ва мутобиқ мешавад. Дар раванди мутобиқшавӣ ба касби аниқ, қатъиян равшан мешавад, ки оё касби интихобшуда дуруст аст ё не ва оё ба саволи « Кӣ шудан?» ҷавоби дуруст дода шуд ё не? Инчунин, камбудии касбинтихобкунӣ муайян мешавад.

Ҳамин тавр, одаткунии касбӣ ба ду тарафи ба ҳам зич алоқаманд: касбу ҳунарӣ ва психологӣ-иҷтимоӣ ҷудо мекунанд.

Одаткунии касбӣ бояд коргари ҷавонро ба қоидаю қонунҳои корхонаю коллективи он мутобиқ намояд.

Дар коллектив мутобиқшавӣ се марҳаларо дар бар мегирад:

а) Шиносшавӣ бо вазъияти нав.

б) Вазъияти мутобиқшавӣ, одаткунӣ.

в) Марҳалаи одаткунӣ (ба коллектив пурра мутобиқшудан ва аз худ намудани тартибу қоидаҳои он).

Дар корхонаҳое, ки кор бо ҷавонон ба дараҷаи баланд гузошта шудааст, қоидаҳои муайяни қабул ба кор ҷорӣ карда шудааст. Дар шуъбаи кадрҳо бо ҷавонон суҳбат гузаронида мешавад, шавқу рағбати онҳо равшан карда мешавад, нақшаи ҳаётии онҳо муайян карда мешавад, бо имкониятҳои баланд бардоштани сатҳи донишу касбии онҳо, дамгирӣ ва бо варзиш машғул шудани онҳо шинос мешавад. Сипас бо ин ҷавонон роҳбари коргоҳ ва устои он суҳбат намуда, ба коргарони ҷавон кабинет ё лаборатория муайян мекунад. Дар охир усто коргари ҷавонро ба ҷойи корӣ бурда бо бригада, шароити меҳнат, таҷҳизот ва роҳбари он шинос менамояд. Дар он коллективе, ки ваҳдат,  меҳрубонию ҳалимӣ ҳис карда шавад, одами навомада тез корро ёд мегирад ва зуд ба ҳаёти коллектив ҳамроҳ мешавад.

Барои одаткунии ҷавонони пас аз хатми мактаб рафта талаботи зиёдтар талаб карда мешавад, зеро аксарияти онҳо

нақшаи касбии ихтисоси муайян надоранд. Барои натиҷаи хуб ба даст даровардан коргаронро аввал дба ҷойи корӣ мегузаронанд, то ки онҳо доир ба ин касб таҷрибаю дониши корӣ гиранд ва маҳорату малака пайдо намоянд. Ба онҳо боз имконият дода мешавад, ки дар дигар коргоҳҳо ҳам кор карда, дигар касбҳоро ҳам омӯзанд. Аз байни онҳо касби дилхоҳро ихтиёр намоянд. Дар бисёр корхонаҳо ғайри он боз курсҳои кӯтоҳмуддат ташкил менамоянд, ки дар он донишу малакаи минималӣ доир ба ягон касби корхона омӯзонида мешавад.




**Расми 49.** *Раванди касбии мувофиқшавии (одаткунии) хонанда*

Раванди одаткунӣ барои коргарҷавонони омӯзишгоҳи касбӣ-техникиро хатмнамуда хеле бомуваффақият мебошад, зеро сатҳи тайёрии назариявии онҳо нисбатан баланд буда, онҳо аллакай дараҷаи корӣ доранд ва бо шавқу завқи баланд кор мекунанд.

Яке аз воситаҳои муҳимми одаткунии касбии коргарони ҷавон тарбиятгари меҳнатӣ мебошад, ки ин иқдом солҳои 30-юми асри гузашта сар шуда, солҳои 70-ум дар бисёр корхонаҳо паҳн шудааст. Дар шароити ҳозира вобаста ба муваффақияту инкишофёбии тарбиятгарӣ дар одаткунии касбӣ ва тарбияи

ҷавонон соҳаи педагогика ба вуҷуд омад, ки вай бо ҳодисаҳои сотсиалӣ – педагогии ҳаёти имрӯзаи мо сарукор дорад. Дар меҳнат тарбиятгар албатта шахсони калонсол буданашон лозим нест, касе, ки касбашро нағз донаду бо одамон муомилаи дуруст карда тавонад, тарбиятгар шуда метавонад.




**Расми 50.** *Субъектҳои меҳнат*

Алоқаи байни устод ва тарбиягиранда хуб бошад, аз худ намудани ин ё он касб хеле бомуваффақият мешавад. Роҳбар якчанд ҷавонро дар зери таълиму тарбияи худ гирифта, ин ё он тахассусро меомӯзонад.

**Технолог оид ба коркарди маводди такрорӣ.** *Мутахассис оид ба коркард ва татбиқи технологияи бисёркаратаи истифодаи мавод, инчунин, коркарди технологияи истеҳсолоти бепартов. Сифатҳои касбӣ: тафаккури низомманд, барномасозӣ, робототехника, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, иртиботи байнисоҳавӣ, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Одаткунии (мутобиқшавӣ) касбӣ, психологӣ-иҷтимоӣ, тарбиятгари меҳнатӣ, сотсиалӣ-педагогӣ.*

### КОРИ АМАЛӢ

*1. Номгӯйи саволҳоро тартиб диҳед, ки ҳангоми ба техникум ва мактабҳои олӣ ба саёҳат рафтан посух гирифтан мехоҳед.*

**Ин аҷиб аст**

*Касби бӯйкунанда дар соҳаи истеҳсолоти атриёт зарур мебошад. Мутахассисони ин соҳа камназир ва гаронарзиш мебошанд. Одамони кам ба чунин қувваи шоммеаи баланд соҳиб мебошанд ва қобилияти ҷудо кардани бӯйро доранд.*

**_Савол ва супориш:_**

*1. Одаткунии касбиро ба чанд давр ҷудо мекунанд?*
*2. Дар коллектив мутобиқшавиро ба чанд марҳала ҷудо мекунанд?*
*3. Нақши тарбиятгари меҳнатӣ (усто, мураббӣ) дар одаткунии касбӣ чист?*
*4. Дар бораи коркарди маводди такрорӣ ва касбҳои вобаста ба он эҷодкорона маълумот диҳед.*

## 27. ТАРБИЯИ КАСБӢ

Маълум аст, ки раванди тарбия таъсири муттаҳида ба насли наврас аст, ки натиҷаи он ташаккули шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфта ба ҳисоб меравад.

Тарбияи касбӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, мафҳуми тарбияи касбӣ раванди ташаккули дар хонандагон пайдо шудани талабот ба меҳнат ва фаъолияти касбиро мефаҳманд.

Дар раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос 3 давраи асосиро ҷудо мекунанд;

1. Давраи то дохилшавӣ ба муассисаи касбӣ-таълимӣ (касбинтихобкунӣ дар мактаб, иштирок дар фаъолияти иттиҳодияи меҳнатии хонандагон, интихоби касби хонандагони синфҳои болоӣ, таълими касбӣ).

2. Давраи омӯзиш дар муассисаи таълимӣ-касбӣ (соҳиб шудан ба донишҳои назариявӣ, маҳорат ва малакаи амалӣ, таҳқиқи пешакии интихоби дуруст, тараққиёти қобилиятҳои касбӣ).

3. Ибтидои фаъолияти меҳнатӣ (одаткунии касбӣ дар давраи гузариши таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, мустаҳкам кардан ва такмил додани донишҳои дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳ, мактаби олӣ соҳибшуда, тасдиқи охирин дар интихоби касб).

Мақсади тарбияи касбӣ дар низоми маориф ташаккули шахсияти меҳнатдӯстест, ки ба талаботи истеҳсолоти ҳозиразамон, раванди иҷтимоӣ ҷавобгӯ ва соҳиби сифатҳои баланди маънавӣ ва касбӣ бошад.

Ҳамаи шаклҳои тарбияи касбиро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд: шахсӣ, гурӯҳӣ, оммавӣ. Инҳо машғулиятҳои мактабӣ, маҳфилҳои фаннӣ, суҳбатҳо, шабнишиниҳо бахшида ба мавзуъҳои алоҳида, озмунҳо, олимпиадаҳо, мубоҳиса ва ғайра мебошад.

Усулҳои тарбияи касбӣ низ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: усулҳои ташаккули шуурнокии шахсият (суҳбат, суханронӣ мубоҳиса ва ғайра); усулҳои ташкили фаъолият ва ташаккули таҷрибаи интизоми ҷамъиятӣ (ёддиҳӣ, машқкунӣ ва ғайра); усулҳои ҳавасмандкунии фаъолият ва интизом (мусобиқа, ҳавасмандгардонӣ, ҷазо ва ғайра).

Категорияҳои тарбияи касбӣ инҳо мебошанд: уҳдадории касбӣ, шаън ва эътибори касбӣ.

Таҳти категорияи уҳдадории касбӣ маҷмуи талаботи маънавиро, ки аз тарафи ҷамъият нисбат ба шахсият талаб карда мешавад, бояд фаҳмид.




**Расми 51.** *Шарти интихоби мувофиқи (муносиби) касб*

Тарбияи уҳдадории касбӣ бо роҳи ташаккули хислатҳои шахсӣ, ба монанди нуктасанҷӣ, мақсаднокӣ, объективӣ, серталабӣ, то ба охир расонидани кори пешгирифта, мунтазам баланд бардоштани савияи дониш ифода меёбад. Тарбияи уҳдадории касбӣ бо тарбияи виҷдони касбӣ зич алоқаманд мебошад. Муносибати ҷиддии шахсӣ ба меҳнати худ, худбаҳодиҳӣ, худназораткунӣ ва худтанқидкунии рафтори касбӣ дар умум виҷдони касбиро ташкил мекунад. Ченаки виҷдони касбиро поквиҷдонӣ, интизомнокӣ, ростқорӣ ташкил мекунад.

Ба категорияи шаън ва эътибори касбӣ муносибати шахсе ба худ ва муносибати дигарон ба ӯ аз тарафи ҷамъият мебошад. Шаън ба эътибор гирифтани хизматҳои шахс аз тарафи ҷамъият мебошад. Эътибор эътирофи ҷамъият ба ҳуқуқи инсон, ҳурмати ӯ аз тарафи одамони гирду атроф мебошад.

**Баҳодиҳандаи машқияти зеҳнӣ.** *Мутахассисе, ки арзиши даромадҳои ғайримоддиро ба монанди ғоя, бизнес-моделҳо, кашфиёт, технологияҳои моддӣ ва иҷтимоӣ ва ғ. муайян мекунад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, забондонӣ ва маданиятшиносӣ, барномарезӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, иртиботи байнисоҳавӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо.*

*Тарбияи касбӣ, категория, уҳдадории касбӣ, виҷдони касбӣ, шаън ва эътибори касбӣ.*

## КОРИ АМАЛӢ

1. *Дар дафтари худ 7 номгӯйи касбҳоро нависед, ки ба фикри шумо ба ин касбҳо лоиқ ҳастед. Фикри худро шарҳ диҳед.*
2. *Номгӯйи касбҳоро нависед, ки шумо ба онҳо лоиқ нестед. Фикри худро шарҳ диҳед.*

***Ин аҷиб аст***

*Соли таҳсил барои мактаббачагон ва донишҷӯён дар Ҷопон моҳи апрел оғоз мешавад. Онҳо чунин мешуморанд, ки ин вақт барои оғози марҳалаи нави ҳаёт мусоидтарин аст. Дар Ҷопон ва Чин ба таҳсилот диққати зиёд дода мешавад, аз ин рӯ, ҷадвали хонандагон хеле ҷиддӣ аст.*

### Савол ва супориш:

1. *Мафҳуми тарбияи касбиро фаҳмонед.*
2. *Шаклҳои тарбияи касбиро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?*
3. *Категорияҳои тарбияи касбиро фаҳмонед.*
4. *Оид ба пешаҳое, ки ба фаъолияти зеҳнӣ марбутанд, эҷодкорона маълумот диҳед.*

# БОБИ V. ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБИИ ШАХСИЯТ

## 28. МОҲИЯТИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ

Меъёри муҳимтарини идрок ва маҳсулнокии ташаккули касбии шахсият қобилияти дар меҳнати касбӣ ёфтани маънои шахсият, мустақилона кашидани лоиҳа ва офаридани ҳаёти касбии худ, дар бораи интихоби касб, ихтисос ва ҷойи кор бомасъулият қабул кардани қарор ба ҳисоб меравад. Албатта ин масъалаҳои ҳаётан муҳим дар назди шахсият дар давоми тамоми зиндагиаш ба миён меоянд. Шахсият дар инкишофу тағйирёбии доимист. Пас, дар марҳалаҳои мухталифи инкишофи он вазифаҳои якхелаи марбут ба худмуайянкунии касбӣ ба таври гуногун ҳал карда мешаванд. Мунтазам аниқ кардани ҷойи худ дар олами касбҳо (ё касби мушаххас), идроки нақши иҷтимоию касбии худ, муносибат ба меҳнати касбӣ, ҷомеа ва ба худии худ ҷузъи муҳимтарини ҳаёти инсон мегардад. Баъзан эҳсоси бегонагӣ нисбат ба касб ба вуҷуд меояд, касб ба дили одам мезанад, одам аз вазъи касбиаш қаноатмандӣ ҳис намекунад, ҳодисаҳои маҷбуран дигар кардани касб (тахассус) ва ҷойи кор бисёранд. Гуфтан метавон, ки дар назди шахсият мунтазам масоиле ба миён меоянд, ки аз ӯ муайян кардани муносибаташро ба касб, баъзан таҳлилу рефлексияи дастовардҳои касбии худ, қабули қарорро дар бораи интихоби касб ё табдили он, ҳалли дигар масоили алоқаманд бо касбро тақозо мекунанд. Тамоми маҷмуи ин масоилро дар касбшиносӣ бо мафҳуми худмуайянкунии касбӣ баён мекунанд. Табиист, ки чунин ҳодисаи мураккаби равоншиносӣ дар илми равоншиносӣ шарҳу тавзеҳоту гуногун дорад. Ба мақсади муайян кардани мавқеи худ мулоҳизаю ақида ва муқарраароти муҳаққиқонеро, ки то ин ё он дараҷа масъалаи мазкурро баррасӣ кардаанд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ба назар мерасад, ки дар навбати аввал мурур кардан ба фаҳмише, ки нисбатан бештар бо консепсияи мо дар бораи ташаккули касбӣ мувофиқату мутобиқат дорад, қобили қабул аст. А. Маслоу назарияи инкишофи касбиро пешниҳод карда, дар он ба сифати мафҳуми марказӣ мафҳуми худактуализатсияро чун ҷидду ҷаҳди дар кори барои инсон муҳим ба камол расидану худро зоҳир на-

мудан ҷудо кард. Дар консепсияи ӯ мафҳумҳои «худактуализатсия», «худтатбиққунӣ», «худамалигардонӣ» ба мафҳуми «худмуайянкунӣ» наздиканд.

П. Шедровитский худмуайянкуниро чун қобилияти худ таърихи инфиродии худашро сохтани инсон, чун маҳорати моҳияти худашро такроран идрок кардани ӯ баррасӣ мекунад.

Е. Климов худмуайянкунии касбиро муфассалан таҳлил намуда, онро «чун зуҳуроти муҳимми инкишофи психикӣ ташаккули фаъолият ҳамчун иштироккунандаи фаъоли ҷамъияти «одамони касбӣ» мефаҳмад.

Дар шахсият дар солҳои гузаштаи инкишоф нисбат ба соҳаҳои мухталифи меҳнат муносибати муайян ташаккул ёфтааст, тасаввурот дар бораи бисёр касбҳо ва хударзёбии имкониятҳои хеш, самтгирӣ дар вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ, оид ба «вариантҳои эҳтиётӣ»-и интихоби касб ва бисёр чизҳои дигар, ки ҳолати омодагии дохилиро ба худмуайянкунии навбатии касбӣ тавсиф мекунанд, ба миён омадааст. Мантиқи муҳокимаронии Е. Климовро ҷамъбаст намуда, метавон ба хулосае расид, ки худмуайянкунии касбӣ амали яклаҳзаинаи интихоби касб нест ва бо хатми тайёрии касбӣ аз рӯйи ихтисоси баргузида ба охир намерасад, он дар давоми тамоми ҳаёти касбӣ идома меёбад.

Дар консепсияи миллии тарбия пешниҳод кардани худмуайянкунии касбӣ дар робита бо ҷанбаҳои гуногуни зуҳуроти он, аз қабили ташаккули карйераи касбӣ, соҳаҳои татбиқ ва худинкишофи имкониятҳои шахсиятӣ, соҳаи худтатбиққунии шахсиятӣ, ҳамчунин, муносибати воқеию амалии шахсият ба низоми омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва касбӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Афзалияти бе шакку шубҳаи ин консепсия муносибати бонизом ҳангоми таҳлили худмуайянкунии касбӣ мебошад. Айни замон маҳдуд кардани масъалаи таҳқиқ танҳо бо синну соли ҷавонии барвақт ё оғози ҷавонӣ имкониятҳои эвристии консепсияро маҳдуд менамояд. Худмуайянкунии касбӣ ва шахсиятиро Н.Пряжников мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Дар бораи муносибатҳои консепсуалии ӯ, ки аз бисёр ҷиҳат бо мавқеи мо мувофиқат дорад, муфассалтар истода мегузарем.

Таҳлили адабиёт, собиқаи бойи кори амалӣ ба Н. Пряжников имкон доданд, ки назария ва амалияи худмуайянкунии касбиро ба таври назаррас ғановатманд гардонад. Мунтазам робитаи ногусастании худмуайянкунии касбиро бо худтатбиққунии инсон дар дигар соҳаҳои муҳимми ҳаёт таъкид карда, ӯ менависад: «Моҳияти худмуайянкунии касбӣ мустақилона ва бошуурона ёфтани мазмуни кори мавриди иҷро қароргирифта ва тамоми фаъолияти ҳаётӣ дар шароити мушаххаси фарҳангию таърихӣ (иҷтимоию иқтисодӣ) мебошад!»




**Расми 52.** *Низоми тайёрии касбӣ*

Таҳлили ташаккули касбии шахсиятро ҷамъбаст намуда, лаҳзаҳои асосии ин равандро ҷудо мекунем.

1. Худмуайянкунии касбӣ ин муносибати интихобии фард ба олами касбҳо, умуман касби муайяни баргузида мебошад.

2. Асоси худмуайянкунии касбӣ интихоби бошууронаи касб бо назардошти имкониятҳои худ, талаботи фаъолияти касбӣ ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

3. Худмуайянкунии касбӣ дар давоми тамоми ҳаёти касбӣ амалӣ мегардад: шахсият доимо мулоҳизаю андеша мекунад, ҳастии касбии худро мавриди таҳлил қарор медиҳад, дар касбаш худсобиткуниро ба сомон мерасонад.

4. Ҳодисаҳои гуногун, аз қабили хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаи таълимии касбӣ, такмили ихтисос, иваз кардани маҳалли истиқомат, аттестатсия, аз кор рафтан барои актуализатсияи худмуайянкунии касбии шахсият ба сифати ангеза хизмат мекунанд.

5. Худмуайянкунии касбӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини тавсифи камолоти иҷтимоию равоншиносии шахсият, талаботи ӯ ба худтатбиққунӣ ва худактуализатсия ба ҳисоб меравад.

**Конструктори таҷҳизоти парвозкунанда.** *Мутахассисе, ки бо таҳияи нақшаҳои коркарди такрории мавод, ашёи хом, таҷҳизот ва унсурҳои таҷҳизоти парвозкунанда машғул мебошад. Лоиҳаҳои дастгоҳи хурдҳаҷми парвозкунанда (дрон)-ро таҳия мекунад, ки дар замони муосир бисёр нақшаҳои стратегӣ тариқи он амалӣ мешавад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, истеҳсолоти сарфакорона, барномарезӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ.*

*Касбшиносӣ, идрок, қобилият, ташаккули касбии шахсият*

***Савол ва супориш:***

*1. Мафҳуми тарбияи касбиро фаҳмонед.*
*2. Шаклҳои тарбияи касбиро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?*
*3. Категорияҳои тарбияи касбиро фаҳмонед.*
*4. Оид ба пешаҳое, ки ба фаъолияти зеҳнӣ марбутанд, эҷодкорона маълумот диҳед.*

## 29. МОДЕЛИ МУҲТАВОИЮ РАВАНДИИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ

Н. Пряжников худмуайянкунии касбии шахсиятро таҳқиқ намуда, модели зерини муҳтавоию равандии онро асоснок кардааст:

1. Идроки арзишмандии меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва зарурати тайёрии касбӣ (асоси арзишию ахлоқии худмуайянкунӣ).

2. Самтгирӣ карда тавонистан дар вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва пешгӯйӣ кардани обрӯю эътибори меҳнати интихобгардида.

3. Самтгирии умумӣ дар олами меҳнати касбӣ ва ҷудо кардани мақсади касбӣ – орзую омол.

4. Муайян кардани мақсадҳои наздиктарини касбӣ чун марҳалаҳою роҳҳо ба мақсади дур.

5. Иттилоъ додан оид ба касбу ихтисосҳо, муассисаҳои дахлдори таълими касб ва марказҳои касбинтихобкунӣ .

6. Доштани тасаввурот дар бораи монеа ва мушкилоти ба даст овардани мақсадҳои касбӣ, ҳамчунин, донистани афзалияту бартариҳои худ, ки ба татбиқи нақшаю дурнамо мусоидат мекунанд.

7. Мавҷудияти низоми вариантҳои захиравии интихоб дар сурати бебарории варианти асосии худмуайянкунӣ.

8. Оғози амалигардонии воқеии дурнамои касбии шахсӣ ва мунтазам ворид сохтани ислоҳу тасҳеҳ ба нақшаҳо.




**Расми 53.** *Ҳашт асоси худмуайянкунии касбӣ*

Н. Пряжников имкониятҳои эҳтимолии худтатбиққунии шахсиятро мавриди таҳлил қарор дода, ҳафт намуди худмуайянкуниро пешниҳод менамояд:

1. Худмуайянкунӣ дар вазифаи меҳнатии мушаххас. Ба ин намуди худмуайянкунӣ татбиқи худ дар доираи фаъолияти иҷрошаванда хос аст. Корманд маънои фаъолияти худро дар хушсифат иҷро кардани вазифаҳо ё амалҳои алоҳидаи меҳнатӣ (масалан, кор дар конвейер) мебинад. Озодии интихоб ва диапазони амалиёти инсон ҳадди ақаллро ташкил мекунад. Барои аксари кормандон ин меҳнати якнавохту дилгиркунанда тоқатнопазир аст. Бинобар ин, ташкилкунандагони истеҳсолот мекӯшанд чунин меҳнатро аз ҳисоби тағйир додани характери амалҳои иҷрошаванда бо вазифаҳои иловагӣ ғанитар кунанд, ҷанбаи кооперативии фаъолиятро тақвият диҳанд ва бо ин роҳ имкони худтатбиққунии кормандонро васеъ намоянд.

2. Худмуайянкунӣ дар ҷойи мушаххаси меҳнат иҷрои вазифаҳои нисбатан гуногунро (масалан, меҳнати харрот) пешбинӣ мекунад. Вазифаи меҳнатӣ бо ҳуқуқҳои муайян ва супоришҳои истеҳсолӣ, муҳити маҳдуди истеҳсолӣ, ки воситаҳои меҳнатро низ дар бар мегирад, тавсиф мешавад. Имкони худтатбиққунӣ дар ин ҷо нисбат ба варианти боло зиёд аст. Иваз кардани вазифаи муайяни меҳнатӣ ба сифату ҳосилнокии меҳнат таъсири манфӣ мерасонад ва боиси ғайриқаноатмандии коргар мешавад.

3. Худмуайянкунӣ дар сатҳи ихтисоси муайян нисбатан осон иваз кардани вазифаҳои гуногуни меҳнатиро пешбинӣ мекунад ва аз ин ҷиҳат имкониятҳои худтатбиққунии шахсиятро васеъ менамояд. Масалан, ронандаи нақлиёт ҳамаи дигар намудҳои автомобилро низ ба осонӣ идора мекунад.

4. Худмуайянкунӣ дар касби мушаххас пешбинӣ мекунад, ки коргар намудҳои ҳамҷавори фаъолияти меҳнатиро иҷро карда метавонад. Чӣ тавре ки маълум аст, касб як гурӯҳ ихтисосҳои ҳамҷаворро муттаҳид месозад. Бинобар ин, дар муқоиса бо намуди гузаштаи худмуайянкунӣ, коргар на танҳо вазифаҳои меҳнатӣ, балки ихтисосро низ интихоб мекунад.

5. Худмуайянкунии ҳаётӣ, ки ба он ғайр аз фаъолияти касбӣ, боз таҳсил, фароғат, бекории маҷбурӣ ва ғайра дохил мешавад. Моҳиятан, сухан дар бораи интихоби тарзи ҳаёт меравад. Гуфтан лозим аст, ки бисёр одамон маънои ҳаёташонро берун аз фаъолияти касбӣ мебинанд. Худмуайянкунии ҳаётӣ на танҳо аз ҷониби инсон интихоб кардану амалӣ гардонидани ин ё он нақшҳои иҷтимоӣ, балки интихоби усули ҳаёт ва худи

тарзи ҳаётро низ дар бар мегирад. Дар ин маврид, касб метавонад воситаи амалигардонии тарзи муайяни ҳаёт гардад.

6. Намуди нисбатан мураккаб – худмуайянкунии шахсиятӣ, ки зуҳуроти олии худмуайянкунии ҳаётӣ ба шумор меравад, вақте ки инсон ба вазъият ва тамоми ҳаёти худ тасаввурот пайдо мекунад.

Дар ин маврид шахсият гӯё ҳам аз касб ва ҳам нақши иҷтимоӣ болотар меистад. Инсон на танҳо нақши иҷтимоиро аз худ мекунад, балки нақшҳои нав меофарад ва то андозае бо офаридани меъёри иҷтимоию психологӣ машғул мешавад. Маҳз дар ҳамин ҳолат атрофиён дар бораи ӯ на танҳо чун духтур ё омӯзгори хуб, балки дар бораи инсони соҳибэътибор – шахсияти нодиру нотакрор сухан меронанд. Метавон гуфт, ки худмуайянкунии шахсиятӣ ин ёфтани «Образи ман»-и аслӣ, инкишофи мунтазами ин образ ва исботи он байни атрофиён мебошад.

7. Ниҳоят, намуди аз ҳама мураккаб – худмуайянкунии шахсият дар фарҳанг (чун зуҳуроти олии худмуайянкунии шахсӣ) ба шумор меравад. Дар ин ҷо ҳатман фаъолнокии ботинӣ зоҳир мешавад, ки ба «идома додани худ дар дигар одамон» равона шудааст ва ин имкон медиҳад дар бораи ҷовидонагии иҷтимоии инсон сухан ронем. Намуди олии худмуайянкунӣ дар саҳми назарраси шахсият ба инкишофи фарҳанг ба маънои васеи ин истилоҳ (истеҳсолот, санъат, илм, дин ва ғайра) зоҳир мегардад.




**Расми 54.** *Намудҳои худмуайянкунӣ*

Дар ҳар як намуди дар боло тавсифшудаи худмуайянкунӣ муаллиф шартан панҷ сатҳи худтатбиққунии инсонро ҷудо мекунад (меъёри ҷудо кардани сатҳҳо ботинан ҳамин фаъолият-ро пазируфтани инсон ва дараҷаи муносибати эҷодкорона ба он аст):

1. Фаъолона напазируфтани фаъолияти иҷрокардаистода (сатҳи деструктивӣ);

2. Кӯшиши беҷанҷол канораҷӯйӣ кардан аз ин фаъолият;

3. Иҷрои ин фаъолият аз рӯйи дастур, аз рӯйи қолаб (сатҳи ғайрифаъол);

4. Кӯшиши такмил додан, баъзе унсурҳои корро аз рӯйи фаҳмишу завқи худ иҷро кардан:

5. Кӯшиши ғанӣ гардонидану такмил додани фаъолияти мавриди иҷро (сатҳи эҷодӣ).




**Расми 55.** *Давраҳои худмуайянкунии касбӣ*

**Лоиҳакашии робототехникии бачагона.** *Мутахассисе, ки бозичаҳои бачагонаро таҳия мекунад, бозӣ, гаджетҳо ва молҳои гуногуни механикакунонидаи талаботи васеъ дар асоси роботҳои барномавӣ бо назардошти хусусиятҳои психофизиологии бачагони синну соли гуногунро таҳия мекунад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, барномарезӣ, робототехника, зеҳни сунъии ба мизоҷ тамоюлдошта, кор бо одамон.*

*Самтгирӣ, амалигардонӣ, меъёри ҷудо кардани сатҳҳо, худтатбиқкунӣ.*

**Ин аҷиб аст**

*Оё медонед, ки шунавандагони касбӣ мавҷуданд? Дар кӯчаҳои Токио бо одамоне вохӯрдан мумкин аст, ки навиштаҷоти «Ман туро мешунавам»-ро дар даст доранд. Бо пули ночиз, онҳо омодаанд танҳо шуморо гӯш кунанд, сар ҷунбонанд, табассум кунанд, баъзан хананд. Тамоми суханони шуморо гӯш мекунанд, лекин аз маслиҳат додан худдорӣ мекунанд.*

***Савол ва супориш:***

1. *Модели худмуайянкунии касбии Н.Пряжниковро фаҳмонед.*
2. *Н.Пряжников чанд намуди худмуайянкунии касбиро пешниҳод кардааст?*
3. *Чанд сатҳи худтатбиқкунии инсонро ҷудо мекунанд?*
4. *Эҷодкорона оид ба касби лоиҳакашии робототехникии бачагона маълумот диҳед.*

## 30. ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ ДАР МАРҲАЛАҲОИ ГУНОГУНИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

**Кӯдакии томактабӣ**. Ҳангоми бозӣ бо калонсолон тақлид кардани кӯдакон ва амалу фаъолияти калонсолонро такрор намудани онҳо ба ҳама маълум аст. Дар синни томактабӣ бозиҳои сюжету нақшдор бо таври васеъ паҳн мешаванд, ки ба як қисми онҳо тавҷеҳи касбӣ хос аст. Кӯдакон бозикунон ба худ нақши пизишк, ошпаз ва ғайраро мегиранд. Барои худмуайянкунии касбии минбаъда санҷишҳои ибтидоии меҳнатӣ – иҷрои амалҳои содаи нигоҳубин ба либос, рустаниҳо, тоза кардани бино ва ғайра аҳаммияти калон дорад. Ин амалиёти меҳнатӣ завқу мароқро ба меҳнат бедор мекунанд, асоси тарбия ва ангезиши мусбатро ба ҳар гуна фаъолият ташкил меnamоянд, дониши бачаҳоро дар бораи меҳнати калонсолон ғанитар мегардонанд.

Ба худмуайянкунии минбаъдаи касбӣ дониш дар бораи меҳнати калонсолон таъсири мусбат дорад. Барои ташаккул додани онҳо мушоҳида кардани кори калонсолон ва сипас, тавсиф намудани муҳтавои кор қобили қабул аст. Натиҷаи бозиҳои касбию нақшдор, иҷрои намудҳои одитарини меҳнат, мушоҳидаи меҳнати калонсолон «худмуайянкунӣ»-и томактабиён дар асоси ҷудо кардани намудҳои меҳнат ва муқоисаи касбҳои гуногун ҳисобида мешавад.

**Синни хурди мактабӣ**. Вижагии психологии мактабиёни хурдсол тақлид кардан ба калонсолон мебошад. Маҳз барои ҳамин, онҳо ба касби калонсолони барояшон обрӯю эътибордор, аз қабили омӯзгорон, падару модарон, хешону наздикони оила мароқи бештар зоҳир мекунанд. Индуксияи ба худ хосси касбӣ ба назар мерасад.

Вижагии дуюми муҳимми кӯдакони ин синну сол сабабнок кардани комёбиҳо ва албатта, пеш аз ҳама, дар соҳаи асосии фаъолият – таҳсил мебошад. Кӯдакон дар асоси таълиму бозӣ ва фаъолияти меҳнатӣ соҳиби қобилияту имкониятҳо мегарданд. Аз ҷониби кӯдак идрок шудани ин қобилияту имкониятҳо боиси ташаккули тасаввурот дар бораи касби дилхоҳ мегардад. Инкишофи қобилиятҳо дар охири синну соли хурди мактабӣ сабаб мешавад, ки байни кӯдакон тафриқаҳои инфиродӣ меафзояд ва ин ҳодиса ба васеъшавии назарраси доираи афзалиятҳои касбӣ таъсир мерасонад. Фаъолияти таълимию меҳнатӣ ба инкишофи тахайюли кӯдакон, ҳам ба таҷдидкунанда ва ҳам ба эҷодӣ мусоидат мекунад.

Дар асоси ин қобилият ғанигардии тасаввурот дар бораи муҳтавои намудҳои гуногуни меҳнат ба вуҷуд меояд, маҳорати фаҳмидани зарурати ҳодисаҳои алоҳида, худро дар касби мушаххас тасаввур кардан ташаккул меёбад. Дар кӯдак тахайюлоти аз лиҳози касбӣ гуногунранг пайдо мешавад, ки онҳо дар оянда ба худмуайянкунии касбии шахсият таъсири калон мерасонанд.

**Синни наврасӣ** давраи интихоби (оптатсияи) аввалия, амбивалентӣ аст. Наврасӣ яке аз марҳалаҳои аз ҳама пурмасъулияти ташаккули шахсият мебошад. Дар ин синну сол ба муносибати ахлоқӣ нисбати намудҳои гуногуни меҳнат асос

гузошта мешавад, ташаккули низоми арзишҳои шахсиятӣ, ки интихобӣ будани муносибати наврасонро бо касбҳои гуногун муайян мекунад, ба вуҷуд меояд. Тақлид ба шаклҳои берунаи рафтори калонсолон боиси он мегардид, ки бачаҳо – наврасон ба касбҳои «мардони ҳақиқӣ», ки дорои иродаи матин, исроркорӣ, матонат, далерӣ, мардонагӣ (кайҳоннавард, разведкачӣ ва ғайра) мебошанд, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Духтарон таваҷҷуҳашонро ба касбҳои «занони ҳақиқӣ» – духтарони ситорагарму ҷаззоб, маълуму маъруф (овозхонҳои эстрада, наттоқи телевизион ва ғайра) равона мекунанд. Самтгирӣ ба касбҳои романтикӣ таҳти таъсири воситаҳои ахбори омма, ки образҳои «калонсолони ҳақиқӣ»-ро тарғибу ташвиқ мекунанд, ба вуҷуд меояд. Ба ташаккулёбии чунин самтгирии касбии романтикӣ, ҳамчунин, ҷидду ҷаҳди наврасон ба худифодакунию худсобиткунӣ мусоидат мекунад.

Муносибати тафриқавӣ ба фанҳои таълимии гуногун, машғулият дар маҳфилҳои санъат ва эҷодиёти техникӣ дар нав-расон ниятҳои таълимию касбӣ ва орзуҳои ба касб мувофиқро ташаккул медиҳанд. Онҳо дар навбати худ ба пайдоиши ангезаҳои нави ба касб равонакардашудаи таҳсил боис мегарданд. Ба туфайли ин дар наврасон хоҳиши инкишоф додани сифату қобилиятҳое пайдо мешавад, ки ба намояндагони касбҳои матлуби онҳо хоссанд.

Тимсолҳои ояндаи матлуб, орзуҳои касбӣ марҳалаҳои равонӣ (психологӣ), хусусиятҳои худмуайянкунии касбӣ мегарданд.

**Аввали навҷавонӣ.** Вазифаи муҳимтарини ин син интихоби касб аст. Ин давраи интихоби воқеӣ аст. Нақшаҳои касбии наврас хеле хира, норӯшан буда, бештар ба орзу шабеҳанд. Ӯ аксаран худро дар нақшҳои касбии гуногуни аз ҷиҳати эҳсосотӣ ҷаззоб тасаввур мекунад. Вале аз уҳдаи интихоби асосноки психологии ниҳоии касб баромада наметавонад. Дар аввали синни навҷавонӣ ин масъала дар назди писару духтароне ба миён меояд, ки маҷбуранд муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро тарк кунанд. Ин писару духтарон тахминан сеяки навҷавононро ташкил мекунанд: баъзеи онҳо ба муассисаҳои

маълумоти касбии ибтидоию миёна дохил мешаванд, қисми дигарашон ба фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ шуруъ мекунанд.

Дар синни 14 – 15-солагӣ интихоби касб кори хеле мушкил аст. Ниятҳои касбӣ норавшану номуайян мебошанд. Орзуҳои касбӣ ва ниятҳои романтикиро дар ҳаёти имрӯза татбиқ кардан имконнопазир аст. Қонеъ набудан азояндаи ба воқеият табдилёфта инкишофи рефлексия – идроки «Ман»-и худиро ангеза мебахшад. (Ман кистам? Чӣ хел қобилиятҳо дорам? Идеали ҳаётии ман ки аст? Кӣ шудан мехоҳам?) Барои бисёр хонандагони муассисаҳои касбӣ худтаҳлилкунӣ асоси психологии худмуайянкунии мавқуфгузоштаи касбӣ мегардад. Ҳарчанд ба назар чунин менамояд, ки онҳо – гирандагони маълумоти касбӣ дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, коллеҷҳо касбашонро кайҳо муайян кардаанд. Вале омор аз он шаҳодат медиҳад, ки интихоби муассисаи таълимии касбӣ аз лиҳози психологӣ асоснок нест.

Аз лиҳози психологӣ он духтарону писароне, ки дорои маълумоти миёнаи пурра мегарданд, худро беҳтар ҳис мекунанд. Дар лаҳзаи хатми мактаб ин писару духтарон бояд аз бисёр касбҳои тахайюлотию фантастикӣ вариантҳои аз ҳама воқеию қобили қабулро интихоб кунанд. Аз лиҳози психологӣ ҳамаи фикру зикри онҳо ба оянда нигаронида шудааст, вале хуб мефаҳманд, ки некуаҳволӣ ва барор дар ҳаёти оянда аз интихоби дурусти касб вобаста аст.

Дар асоси арзёбии қобилияту имкониятҳои худ, обрӯю эътибори касб ва муҳтавои он, ҳамчунин вазъи иқтисодию иҷтимоӣ писарону духтарон пеш аз ҳама дар роҳҳои гирифтани маълумоти касбӣ ва вариантҳои захиравии ҷалб гардидан ба меҳнати касбӣ худмуайянкуниро анҷом медиҳанд.

Ҳамин тариқ, барои наврасони калон ва писарону духтарон худмуайянкунии таълимию касбӣ – интихоби бошууронаи роҳҳои маърифати касбӣ ва омодагии касбӣ хеле муҳим аст.




**Расми 56.** *Омилҳои асосии интихоби аниқи касб*

**Навҷавонӣ.** Дар синни 16–23-солагӣ аксарияти писарону духтарон маълумоти касбиро дар муассисаҳои таълимӣ ё омодагии касбиро дар корхона ё муассиса мегиранд. Мактаби миёна бо ниятҳои романтикӣ ва орзую омол роҷеъ ба касб паси сар шудааст. Ояндаи матлуб ба ҳозира табдил ёфтааст. Вале бисёриҳо аз интихоби арсаи таълимию касбӣ (бошууронаю бо хоҳиши худ ё маҷбурӣ) қаноатманд нестанд. Кӯшишҳои даровардани ислоҳу тасҳеҳ ба оғози фаъолияти касбӣ мушоҳида мешавад. Аксарияти писарону духтарон дар раванди таҳсили касбӣ ба дурустии интихобашон бори дигар боварӣ ҳосил мекунанд. Раванди ғайриироdавии мушаххасгардии самтгирии касбии шахсият давом мекунад. Тадриҷан аз худ шудани нақшиояндаи иҷтимоию касбӣ имкон медиҳад, ки ҷавонон худро чун намояндаи ҷомеаи мушаххаси касбӣ эҳсос намоянд.

**Ҷавонӣ** (то 27-солагӣ). Ин синни фаъолнокии иҷтимоию касбӣ мебошад. Шакку шубҳа оид ба дурустии интихоби касб сипарӣ шудааст. Маъмулан, дар ин син таҷрибаи муайяни

касбӣ андухта шудааст ва ҷойи кор вуҷуд дорад. Болоравии касбӣ аҳаммият пайдо мекунад. Як қисми ҳамсолон аллакай ба дастовардҳои муайян ноил гардидаанд. Вале аксарияти кулли ҷавононе, ки гӯё сохтмони ҳаётии худро ба охир расонидаанду аз лиҳози касб худмуайянкуниро паси сар кардаанд, дискомфорти психологӣ эҳсос мекунанд, ки сабаби он нақшаҳои олии амалӣ нагардида ва аз лиҳози психологӣ бо меҳнати касбӣ пурра таъмин будан аст. Набудани дастовардҳои воқеии касбӣ, номуайянии ояндаи карйера рефлексияи ҳастии худро фаъол мекунад, худтаҳлилу хударзёбии «Ман-консепсия»-ро ба вуҷуд меорад.

Давраи носозгории руҳӣ фаро мерасад. Таҷдиди назар ва таҳлилу тафтиши ҳаёти касбӣ боиси муайян кардани мақсадҳои нави ҳаётан муҳим мегардад. Баъзеи онҳоро номбар мекунем:

- такмил ва баланд бардоштани ихтисоси касбӣ;
- ангезонидани болоравии мансабӣ ва табдили кор;
- интихоби касби ҳамҷавор ё касби нав.

Як чиз возеҳ аст: барои бисёр ҷавонон дар синни 30-солагӣ масъалаи худмуайянкунии касбӣ аҳаммияти нав пайдо мекунад. Дар ин маврид ду роҳ мавҷуд аст: ё ба касби интихобкарда садоқат зоҳир намуда, мутахассиси баландихтисос, соҳибкасби ҳақиқӣ шудан ё муҳоҷирати касбӣ, яъне иваз кардани ҷойи кор ё касб.

**Камолот**. Ин синни аз ҳама сермаҳсул – давраи амалӣ гардонидани худ чун шахсият, истифодаи иқтидори касбию психологии худ мебошад. Маҳз дар ин синну сол нақшаҳои ҳаётию касбӣ амалӣ мегарданд, маънои ҳастии инсон возеҳу равшан мешавад. Касб имкон медиҳад, одам дар ҷойи кори мушаххас қобилияташро татбиқ намояд, услуби инфиродии фаъолияташро ёбад, талаботи шахсият будан, фард буданро дар меҳнати касбӣ амалӣ гардонад. Салоҳияти олӣ ба шахсият имкон медиҳад майлу рағбаташро ба фаъолнокии аз меъёр зиёди касбӣ, ки имкониятҳои фавқулодаи инсон ифода менамояд, амалӣ гардонад. Пурра ғарқи ҳаёти касбӣ шудан, қаноатмандӣ аз касби интихобкарда, мавқеи касбии бошуурона, мунтазам собит сохтани эътибору обрӯйи касбӣ, заруру муфид будани худ боиси пайдоиши вазъи махсуси эҳсосӣ – некбинии касбӣ мешавад.

Ҳамаи ин тағйироти касбӣ ба хубсобиткунии касбӣ мусоидат мекунад, худмуайянкунии шахсиятро дар фарҳанги касбӣ ба исбот мерасонад ва аз интегратсияи пурра ба муҳити касбӣ шаҳодат медиҳад.

Баробари ин тағйироти мусбати психологӣ тағйироти деструктивӣ низ ба амал меоянд. Як қисми соҳибкасбон, ки бештар ба эътирофи иқтидори касбию психологии худ эҳтиёҷ доранд ва аз мақоми касбию мансабиашон қонеъ нестанд, аз нав ба тафтиши ҳаёти касбиашон даст мезананд. «Гузаронидани аудити» комёбиҳои касбии худ онҳоро ба хулосае меорад, ки ҷойи кор, мансаб ва ҳатто касбро пурра нав кардан лозим аст. Вале бори таҷрибаи калони мусбат ва комёбиҳои касбӣ дараҷаи мутаҳаррикии касбии шахсиятро поён мебаранд, имкониятҳои муҳоҷирати касбӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд. Ангезаи гирифтан, «сазовор гардидан» ба мукофотҳои гуногуни касбӣ, мансабҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муътабар, ҷоизаю унвон ва ғайраю ва ҳоказо подоши тангшавии фазои касбӣ ба шумор мераванд.

**Миёнсолӣ**. Расидан ба синни нафақа маънои тарк кардани ҳаёти касбиро дорад. Дар 55–60-солагӣ шахсият иқтидори касбии худро то ба охир масраф намекунад. Бо вуҷуди хастагии касбӣ, дар ин синну сол инсон аз касбияти олӣ бархурдор аст, бинобар ин асоснокии банафақабаророӣ мавриди шубҳаю тардид қарор мегирад. Замони пуризтироб фаро мерасад, якбора, дар як лаҳза қолабҳои дар тули даҳсолаҳо ба миёномада, тарзи ҳаёти муқаррарӣ тағйир меёбад. Сифатҳои муҳимми касбӣ, донишу маҳорати касбӣ, таҷрибаю малака – ҳамаи ин ғайриматлуб мегардад. Ин лаҳзаҳои манфӣ пиршавии иҷтимоиро метезонанд, ҳаёти касбӣ баъди карйера танҳо барои он одамони калонсол имконпазир аст, ки қувваи давом додани кори касбии фаъолонаро дар шакли менторинг (шогирдгирӣ), интиқоли таҷрибаи касбӣ дорад.




**Расми 57.** *Давраҳои инкишофи шахсият*

Аксарияти нафақахӯрон ба ашхоси саросемаю даступогумкарда мемонанд, онҳо «бесаробонии касбӣ»-ро эҳсос мекунанд, хориҷ шудан аз муҳити касбӣ боиси ба миён омадани эҳсоси нолозимӣ ва бефоидагӣ мегардад. Боз ҳам масъалаи худмуайянкунӣ ба миён меояд. Ин дафъа инсон бояд худмуайянкуниро на дар ҳаёти касбӣ, балки соҳаи иҷтимоӣ ва фоиданоки ҷамъиятӣ ба сомон расонад. Баъзе нафақахӯрон ҷойи худро дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ меёбанд, дигарон ба ҳаёти оилавию рӯзгор ғӯтавар мешаванд, қисми сеюм ба боғдорию полезкорӣ машғул мегарданд.

Баъзеҳо ҳаёти меҳнатиро дар соҳаи бизнеси хурд идома медиҳанд. Ин давра давраи худмуайянкунии фаъолонаи иҷтимоию меҳнатӣ ва идома додани худ чун шахсият мебошад.

Таҳлили рефлексивии худмуайянкунии шахсиятро дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули касбӣ ба охир расонида, таъкид мекунем, ки худмуайянкунии касбӣ на танҳо интихоби касб ё сенарияҳои алтернативии ҳаёти касбӣ, балки раванди ба худ хосси эҷодии инкишофи шахсият мебошад. Худмуайянкунӣ метавонад ба масъалаи аз лиҳози касбият муҳим мувофиқу мутобиқ ояд, дар ин маврид шахсият гул-гул мешукуфад. Агар худмуайянкунӣ мувофиқат накунад, боиси низои ботинӣ мегардад ва ба ҷойи равандҳои инкишоф механизмҳои муҳофизатро фаъол мекунад.

Мулоҳизаҳои рефлексивию таҳлилии худро дар бораи робитаҳои мутақобили усулҳои худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули касбии шахсият дар ҷадвали 1 ҷамъбаст мекунем.

**Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият**

| **Синну сол** | **Марҳалаҳои ташаккули касбӣ** | **Тарзҳои худмуайянкунии касбӣ** |
|---|---|---|
| Тифлии томактабӣ (то 7-солагӣ) | | Бозиҳои касбию нақшӣ |
| Синни хурди мактабӣ (то 11-солагӣ) | | Индуксияҳои касбӣ |
| Синни наврасӣ (то 15-солагӣ) | Интихоби аввалияи амбивалентӣ | Тахайюлоти гуногунранги касбӣ. Ниятҳои касбии романтикӣ |
| Аввали навҷавонӣ (то 18-сола) | Интихоби дуюми воқеӣ | Интихоби вазъиятии самти таълиму касбӣ. Интихоби маълумоти касбӣ ва омодагии касбӣ |
| Навҷавонӣ (то 23-сола) | Маълумоти касбӣ, омодагии касбӣ | Худмуайянкунӣ дар арсаи таҳсилу касб |
| Ҷавонӣ (то 27-сола) | Адаптатсияи касбӣ. Касбишавии ибтидоӣ | Шаффофшавии самтгирии касбӣ. Худмуайянкунӣ дар ҷойи кори мушаххас |
| Камолот (то 33-сола) | Касбишавии соҳавӣ | Худмуайянкунӣ дар касб |
| Камолот (то 60-сола) | Маҳорати касбӣ | Худмуайянкунӣ дар фарҳанги касбӣ |
| Кухансолӣ (то 75-сола) | Менторинг, мураббигарӣ | Худмуайянкунӣ дар ҳаёти фоиданоки ҷамъиятӣ ва оилавию рӯзгор |

**Лоиҳакаши нейроинтерфейсҳо оид ба ифода кардани роботҳо.** *Мутахассисе, ки низоми идоракунии роботҳои саноатӣ ва ҷангии ба воситаи нейроинтерфейсҳои операторҳои фардӣ ва ба коллектив тақсимшударо таҳия мекунад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, барномарезӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, кор бо одамон, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Марҳалаҳо, худмуайянкунии минбаъдаи касбӣ, тахайюлот, наврасӣ, навҷавонӣ, интихоби аниқи касб.*

**Ин аҷиб аст**

*Тоза кардани тирезаҳои осмонбӯс кори хеле хатарнок ва сермузд аст.*

**Супориш:**

*Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои гуногуни синнусолӣ эҷодкорона фаҳмонда диҳед.*

## 31. НИЗОЪҲОИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ

**Худмуайянкунӣ** ҳамеша тасдиқи мавқеи худ дар вазъияти проблемавӣ мебошад. Худмуайянкунии касбӣ таҳияи мавқеи худиро дар вазъияте пешбинӣ менамояд, ки ба ин вазъият сатҳи баланди номуайянӣ хос аст. Дар ҳақиқат, пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таҳсил ба куҷо бояд рафт? Баъди гирифтани касб ба куҷо ба кор даромадан мумкин аст? Имкониятҳои моддии ин касб чӣ хел аст? Барои самтгирӣ кардан дар вазъияти проблемавӣ, шахсият бояд талабот, мавқеъ, манфиат, орзуҳои худро бо имкониятҳояш, аз қабили дараҷаи омодагӣ, қобилият, сифатҳои эҳсосию иродавӣ, вазъи саломатӣ муқоиса кунад. Дар навбати худ, имкониятҳоро бо талаботи муассисаи таълими касбӣ муқоиса кардан лозим аст. Аксаран ба ҳам мутобиқ сохтани ин мавқеъҳо хеле мушкил аст. Агар ба ин омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавқеи хешу ақраборо илова кунем, тамоман возеҳу равшан мешавад, ки худмуайянкунии касбӣ, маъмулан, ба низоъ оварда мерасонад. Азбаски сухан дар бораи худмуайянкунӣ меравад, низоъ низ хосияти дохилишахсиятӣ дорад, ҳалли низоъ бо роҳи тасҳеҳу ислоҳи ниятҳои касбӣ имконпазир мегардад. Бешубҳа, низои дохилишахсиятӣ метавонад самарабахш ва ғайрисамарабахш ҳал шавад. Тарафҳои низоии дохилишах-

сиятии худмуайянкунӣ унсурҳои таркибии сохтори шахсият мебошанд. Низоъҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба онҳо омилҳои дар поён зикргардида сабаб мешаванд:

1. Номувофиқатии унсурҳое, ки самтиятро ифода мекунанд: ихтилофи байни экспектатсияҳои (интизориҳои) иҷтимоӣ-касбӣ ва воқеияти касбӣ, байни ангезаи рушди касбӣ, комёбӣ ва некуаҳволии моддӣ, байни сатҳи баланди иддао (хударзёбӣ) ва худэҳтиромкунӣ, байни ангезаҳои идрокнашаванда (ҷидду ҷаҳд ба роҳбарӣ, тобеъ кардан) ва самтгирии арзишӣ ва ғайра.

2. Мувофиқат накардани характери фаъолияти касбӣ ва сатҳи салоҳиятнокии касбӣ, ки боиси низоъҳои дохили шахсиятӣ байни зарурати идрокшуда, такмили ихтисос ва фаъолнокии нокифояи касбӣ, байни қаноатманд набудан аз муҳтавои меҳнат ва набудани хоҳиши иваз кардани ихтисос, байни набудани ояндаи карйера ва сатҳи салоҳиятнокии касбӣ мегардад.

3. Ихтилофи байни самтгирии шахсият ба ноил гардидан ба муваффақият, карйера, дараҷаи баланди некуаҳволӣ ва сатҳи нокифояи инкишофи қобилиятҳои иҷтимоию касбӣ, сифатҳо, хислатҳои психофизиологӣ, вазъи саломатӣ.

4. Мутобиқат накардани тасаввурот дар бораи афзалияту бартарӣ ва фазилатҳои худ ва имкониятҳои воқеии касбӣ: ихтилофи байни «Мани имконпазир» ва «Мани воқеӣ», байни «Мани идеалӣ» ва «Мани деформатсияшуда». Ангезаи мувофиқат ба худии худ яке аз муҳимтарин омилҳои ангезандаи низоъ мебошад. Ин ангеза бо хударзёбӣ вобаста буда, ихтилоф накардани «Ман – образҳо»-ро таъмин мекунад.

5. Ихтилофи байни имкониятҳо, потенсиалҳо, қобилиятҳои касбӣ ва маҳдудиятҳои иҷтимоӣ, ки ба сабаби синну сол, ҷинс, мансубияти этникӣ, намуди зоҳирӣ пайдо мешаванд, байни зарурати мутаҳаррикии касбӣ ва карахтии синну солӣ; байни талабот ба идома додани карйераи касбӣ ва маҷбуран ба нафақа баромадан ва ғайра.

Гурӯҳи якуми ихтилофҳо ба ашхосе хос мебошанд, ки дар марҳалаи оптатсия (интихоб) қарор доранд. Гурӯҳи дуюми ихтилофҳо дар марҳалаҳои омодагии касбӣ ва мутобиқгардии касбӣ зуҳур мекунанд. Гурӯҳҳои сеюму чоруми ихтилофҳо дар

марҳалаҳои сатҳи баланди касбият ва маҳорат ба миён меоянд. Гурӯҳи панҷум низоъҳоро дар марҳалаи хотимавии ташаккули касбӣ ба вуҷуд меоранд.




**Расми 58.** *Таносубҳои низоъ ва марҳалаҳои инкишофи касбӣ*

Низоъҳои дохилишахсиятӣ баръакси низоъҳои байнишахсиятӣ на ҳамеша аз ҷониби инсон идрок мешаванд. Маъмулан, онҳо дар намуди эҳсосоти астеникӣ, руҳафтодагӣ, дилтангӣ, инҷиқӣ, ҷангталабӣ, изтиробзадагӣ ва ғайра зоҳир мешаванд. Аломатҳои носозии эҳсосотӣ одамро водор месозанд, ки роҳҳои рафъи ташаннуҷи психикиро ҷустуҷӯ намоянд. Ҳалли низои дохилишахсиятии худмуайянкунии касбӣ салоҳияти баланди психологиро тақозо менамояд ва на ҳамеша худи одам аз уҳдаи он мебарояд. Дар ин низоъҳо ёрию дастгирии психологиро равоншиноси амалияпардози махсус омодашуда расонида метавонад. Тарзҳои ҳалли низоъҳои дохилишахсиятӣ аз характери зиддиятҳо, номутобиқатӣ, ки дар раванди инкишофи касбии одам ба миён омадаанд, вобаста аст. Рафъи низоъҳои дохилишахсиятии худмуайянкунии касбӣ бо роҳи инкишофи салоҳиятнокии психологӣ, таҳияи сенарияҳои алтернативии ҳаёти касбӣ, баланд бардоштани фаъолнокии касбӣ, фароҳам овардани дурнамои оптималии касбӣ, тақвияти муаллифии ҳаёти кас-

бии худ, муайян намудани маъноҳои нави фаъолияти касбӣ, мутобиқгардонии муқаррароту муносибатҳои амбивалентӣ, мунтазам баланд бардоштани тахассусмандӣ, паст кардани сатҳи иддао, худнигоҳдории томияти касбии шахсият, пешбинии мушкилиҳои имконпазир ва талафоти маҷбуран аз кор сабукдӯшшавӣ ё ивази касб, пешгирии буҳронҳои эҳтимолӣ ва ғайра имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, як қатор масъалаҳои типии психологиро ҷудо кардан мумкин аст, ки зодаи низоъҳои дохилишахсиятии худмуайянкунии касбӣ мебошанд:

1) Номутобиқатии образи идеалию воқеии касб ва хударзёбӣ: «Мани воқеӣ», «Мани имконпазир», «Мани деформатсияшуда»;

2) Номутобиқатии тахассусмандии касбӣ ба сатҳи иддао дар соҳаи карйера, ҳавасмандии моддию маънавӣ;

3) Интихоби нодуруст ва маҷбурии касб, ҷойи кор ва мансаб;

4) Зиддият байни унсурҳои таркибии идрокшаванда ва идрокнашавандаи шуури касбӣ.

В.Олшанский зиддиятҳою низоъҳои дохилишахсиятии марбут ба касбро таҳлил намуда, чунин мисолҳо меорад: омӯзгор худро педагоги модарзод, риёзидони боистеъдод мешуморад ва дар синфҳои болоӣ математика дарс медиҳад. Вазъият бенизоъ аст, вале агар омӯзгор худро мусиқанавоз ҳисобаду ӯро на ба консерватория ва на ба театр ба кор нагиранд ва ӯ маҷбур шавад, ки дарси суруд диҳад ё ки дар кӯдакистон кор кунад, дар ин ҷо низои дохилишахсиятӣ ба миён меояд. Он метавонад ба оқибатҳои гуногун бурда расонад. Ҳалли босамари низоъ назаррас баланд бардоштани тахассусмандии касбӣ ва минбаъд аз кор рафтан аст. Варианти деструктивӣ: омӯзгор худаш азоб мекашад ва дигаронро азоб медиҳад, вале роҳи дигари зиндагигузаронӣ надорад, дар бораи тағйири касб сухан намеравад. Омӯзгор дар ҳолати фрустратсияи доимӣ зиндагӣ мекунад.




**Расми 59.** *Низоъҳо ва шумо*

Дар раванди ташаккули касбии шахсият мунтазам масъалаҳои худмуайянкунӣ ба вуҷуд меояд: ҳангоми интихоби муассисаи таълимии касбӣ, касб, ихтисос, ҳангоми дохил шудан ба ҷомеаи касбӣ ва ғайра ҳамеша худмуайянкунӣ характери низоъро ба худ мегирад, ки он асоси ҳодисаҳои бухронӣ мегардад.

**Биофармаколог.** *Фармакология илмест, ки ба организми одам чӣ гуна таъсир намудани доруҳоро меомӯзад ва тарзи кор фармудани онҳоро муайян менамояд. Биофармаколог мутахассис оид ба лоиҳагирии биопрепаратҳои нав бо хосиятҳои муқарраршуда ё оид ба ивази препаратҳои синтезиронидашуда буда, бояд фаҳмиши амиқ дошта бошад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, забондонӣ ва маданиятшиносӣ, барномарезӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо.*

*Низоъҳои худмуайянкунии касбӣ, низоъҳои дохилишахсиятӣ, низоъҳои байнишахсиятӣ, муносибатҳои амбивалентӣ*

***Супориш:***

*1. Сабабҳои рухдиҳии низоъҳоро номбар кунед.*

*2. Ҳалли низои дохилишахсиятиро фаҳмонида диҳед.*

*3. Масъалаҳои типии низоъҳои дохилишахсиятиро номбар кунед.*

*4. Вазъияти бенизоъро фаҳмонда диҳед.*

*5. Оид ба касби биофармаколог маълумот диҳед.*

## 32. ТАШАККУЛИ КАСБИИ ШАХСИЯТ

Дар раванди фаъолияти касбӣ ташаккули касбии шахсият ба вуҷуд меояд.

Ташаккули касбӣ, аз як тараф, раванди ташаккули муносибат ба касб, дараҷаи ҷалбшавии эҳсосотию шахсиятӣ ба он, аз тарафи дигар, андухтани таҷрибаи фаъолияти амалӣ, такмили касбӣ ва аз худ кардани маҳорат аст.

Дар раванди ташаккули касбӣ марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: ташаккули ниятҳои касбӣ, омӯзиши касбӣ, вуруд ба касб, худтатбиқкунӣ дар фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ. Натиҷаи ҳар марҳалаи ташаккули касбӣ мутаносибан интихоби касб, салоҳияти касбӣ (таълим дидану маҳорат ҳосил кардан), маҳорати касбӣ ва эҷодиёт мебошад. Ба тариқи графика ин марҳалаҳоро ба таври зайл тасвир кардан мумкин аст:




**Расми 60.** *Марҳалаҳои ташаккули касбӣ*

Марҳалаҳои ташаккули касбиро мухтасаран тавсиф мекунем. Интихоби касб мувофиқи қобилияту имконияти ҳар кас (худму-

айянкунии касбӣ) бояд дар лаҳзаи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирад. Сипас, салоҳияти касбӣ шакл мегирад. Вожаи салоҳият дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чун «шоистагӣ, қобилият, лаёқат» (ч.2, с. 183), дар «Фарҳанги бузурги сухан»-и Ҳасани Анварӣ «1. Шоистагӣ ва тавоноӣ барои анҷом додани коре, муносиб ва сазовор будан» (ч.5,с. 4754-4755) шарҳ дода шудааст.

Таҳти салоҳияти касбӣ чуқуру амиқ донистани кор ва озодона татбиқ карда тавонистани муҳтавои меҳнати касбӣ, ҳамчунин, дарки мувофиқати ин меҳнат бо имкониятҳои худ фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, салоҳияти касбӣ таълим гирифтани касбӣ, маҳорату боадабӣ, худбаҳодиҳии мутаносибро пешбинӣ мекунад. Ба таври кӯтоҳу муъҷаз салоҳияти касбиро чун сатҳи маҳорат, ки инсон дар роҳи такмили касбӣ ба даст овардааст, муайян кардан мумкин аст. Салоҳияти касбӣ аз якчанд омил вобаста мебошад. Яке аз онҳо сатҳи омодагии назариявӣ ва амалӣ, ҳамчунин, фарҳанги технологӣ, ки одам дар солҳои мактабӣ ба он ноил шудааст, мебошад.




**Расми 61.** *Ташаккул ва инкишофи шахсият*

**Маҳорати касбӣ** ин сатҳи олии аз худ кардани фаъолияти касбӣ мебошад.

Маҳорати касбӣ фақат бо донишу кордонӣ ва малакаҳо маҳдуд намешавад. Раванди аз худ кардани маҳорат, ҳамзамон, раванди ташаккули шахсияти инсон, завқу мароқи ӯ, арзишҳои маънавию идеалҳо ба ҳисоб меравад. Маҳорати касбӣ аз бисёр

ҷиҳат ба сифатҳои шахсиятӣ, аз қабили шавқу рағбати васеи ҷамъиятӣ, донишу кордонии касбӣ, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолияти мураккаби меҳнатиро таъмин мекунад, сатҳи баланди фарҳанги умумӣ ва технологӣ, мутаҳаррикии касбӣ, мустақилият ва устувории баланди касбӣ, ҷидду ҷаҳд ба худтакмилдиҳӣ, муносибати эҷодкорона ба кор вобаста аст.

Болоравӣ ба қуллаи маҳорат раванди мураккабу дуру дароз аст. Барои фатҳи қуллаи олӣ дар фаъолияти касбӣ вақту неруи зиёд лозим аст.

Мутаассифона, одамоне ҳастанд, ки ба «будаш» қаноат мекунанд, бо иҷрои вазифаҳои ҳаррӯза маҳдуд мешаванд, барои ба даст овардани натиҷаҳои олии касбӣ ҷидду ҷаҳд намекунанд. Ин ҳолат метавонад сабабҳои зиёд дошта бошад. Худмуайянкунии нобарори касбӣ, нокифояти донишҳою маҳорати касбӣ (сатҳи пасти салоҳият) аз он ҷумлаанд. Дар хотир доштан лозим аст, ки имкониятҳои потенсиалии инсон хеле калон аст ва ҳар кас метавонад устоди кори худ шавад.

Маҳорати касбӣ ба эҷодкории касбӣ вобаста аст. Эҷодкории касбӣ дар рафти фаъолияти касбӣ аз ҷониби одам офаридани маҳсули нав, нодир мебошад.

Эҷодкорӣ дар фаъолияти касбӣ метавонад ба инкишофи ҳам худи раванди фаъолият ва ҳам муҳтавои он мусоидат кунад. Ҳар гуна фаъолияти эҷодкорона, аз ҷумла, эҷодкории касбӣ аз лиҳози ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ ба вуҷуд овардани чизи нав аст.

Чизи нави объективӣ ҳамаи он чизҳоест, ки дар таърихи инсоният вуҷуд надошт.

Чизи нави субъективӣ ҳамаи он чизест, ки барои инсон ё гурӯҳи инсонҳо нав аст (Масалан, ба шароити нав татбиқ кардани усулҳои кайҳо маъруфи кор, ба фаъолияти худ дохил кардани воситаҳо, тарзу усулҳои нав, васеъ кардани марзи амал ва ғайра ба ҳисоб меравад).

Эҷодкории касбӣ, маъмулан, аз офариниши чизи нави субъективӣ оғоз меёбад. Эҷодкории касбӣ аз ҳама бештар дар ихтироъкорию ратсионализаторӣ зуҳур мекунад. Тамоми неъматҳои маданият, ки инсоният мавҷудияти худро бе онҳо тасаввур карда наметавонад, дар асоси технология ва

воситаҳои техникие ба вуҷуд оварда шудаанд, ки одамони эҷодкор ихтироъ кардаанд.




**Расми 62.** *Омилҳои ташаккули шахсият*

Пештар чунин гумон мекарданд, ки эҷодкорию ихтироъкорӣ насиби баргузидагон, одамони дорои қобилияти модарзод аст. Алҳол, миллионҳо ихтироъкорону ратсионализаторон маъруфанд, ки ба туфайли меҳнати дуру дароз аз рӯйи ихтисоси худ қобилияти эҷодиашонро тақвият бахшиданд ва «муҳаррикони прогресс»-и замони худ шуданд.

Одами муосир тасаввур карда наметавонад, ки ҳамаи чизҳои алҳол ӯро иҳотакунандаи одию сода ҳамагӣ 150-200 сол пеш ба назари одамон ғайриимкон менамуданд. Аз ҷумла, неруи барқ ва суратгирӣ, интиқоли садо ва тасвир, автомобил ва дастгоҳи парвоз ва ғайра.

«Имконнопазир» монеаест, ки дар шуури ихтироъкор дар як ҳолат пайдо мешавад: вақте ки ӯ аз ҳалли масъалае даст мекашад, ки пеш аз вай одамони маъруф дар ҳалли масъалаи мазкур оҷиз монда буданд. Баромадан ба қуллаи эҷодӣ дар ҳамаи касбҳо, пеш аз ҳама, аз рафъи ҳамин монеаи «имконнопазир ва номумкин» оғоз меёбад.

Аз хотир баровардан лозим нест, ки ба ҳар инсон тахайюл – фантазия, тасаввурот, қобилияти ба вуҷуд овардани шароит ва вазъиятҳои хаёлие хос аст, ки дар воқеият вуҷуд надоранд.

Бисёр вақт аз ибораи «мисли афсона» лоиҳаҳои хеле ҷасурона арзи ҳастӣ намудаанд.

Бинобар ин, инкишофи қобилият ба эҷодиёт вазифаи имконпазиру ҳалшаванда аст. Ҳар кас метавонад эҷодкор шавад, агар барои офаридани чизи нав, чизе ки то ҳол набуд, ба манфиати худ ва одамон ҷидду ҷаҳд кунад.

**ГМО-аграном –** *мутахассис оид ба геннотағйирёбии маҳсулот дар хоҷагии деҳот, ки ба тадбиқи муваффаққиятҳои биотехнология ва ба даст овардани маҳсулот бо хосиятҳои додашуда машғул мебошад. Маҳорат ва малакаҳои касбӣ: тафаккури низомманд, ба мизоҷ тамоюлдошта, иртиботи байнисоҳавӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, забондонӣ ва маданиятшиносӣ.*

*Ташаккули касбӣ, салоҳияти касбӣ, маҳорати касбӣ, эҷодкории касбӣ, чизи нави объективӣ, чизи нави субъективӣ*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*Номгӯйи донишу маҳоратҳои касбиро тартиб диҳед, ки инсони дар ҷодаи касби шумо интихобкарда бояд аз онҳо бархурдор бошад.*

### *Савол ва супориш:*

*1. Марҳалаҳои асосии ташаккули касбии шахсиятро номбар кунед.*
*2. Салоҳияти касбӣ чист?*
*3. Маҳорати касбӣ гуфта чиро мефаҳмед?*
*4. Эҷодиёти касбӣ чӣ маъно дорад?*
*5. Оид ба самти фаъолияти ГМО-аграном маълумот диҳед.*

## 33. КАРЙЕРАИ КАСБӢ

Зуд маъруфу машҳур гардидан, дар фаъолияти касбию хизматӣ ё фаъолияти дигар ба зудӣ муваффақ шудан, босуръат ба даст овардани манфиатҳои моддӣ ва некуаҳволиро дар адабиёти илмии Ғарб бо калимаи фаронсавии "карйера" ифода мекунанд. Ин калима ду маъно дорад: маънои якумаш, чи тавре зикр гардид, ҳаракати бомуваффақият дар соҳаи ҷамъиятӣ, фаъолияти хидматӣ, илмӣ ва ғайра аст. Маънои

дуюмаш намуди иштиғолу касб мебошад, масалан мегӯянд, «ӯ дар илм карйераи хуб кард», яъне шахси мавриди назар дар илм муваффақу комёб гардид. Дар маънои аввал калимаи карйераро ба забони мо бо вожаҳои «мақом», «манзалат» тарҷума мекунанд, ҳарчанд тарҷума баъзе тобишҳои маъноии ин калимаро пурра ифода намекунад. Бинобар ин, мо қарор додем ин вожаро бе тарҷума истифода барем.

**Карйераи касбӣ** гуфта дар фаъолияти касбӣ фаъолона ба комёбӣ ноил гардидани инсонро меноманд. Карйераи касбӣ бо ташаккулу маҳорати касбӣ зич робита дорад. Ғайр аз ин, ба мундариҷаи карйераи касбӣ пардохти музди меҳнати нисбатан баланд (шоистаю сазовор), беҳтар гардидани шароити манзилу маишӣ, болоравӣ дар зинаҳои хизматӣ, ишғол кардани мансабу вазифаҳои муайян, ба даст овардани озодию мустақилият дар қабули қарорҳо, арзёбии ҷамъиятии хизматҳои меҳнатӣ, қонеъгардии шахсӣ аз фаъолияти касбӣ дохил мешаванд.

Карйераи амудию уфуқиро фарқ мекунанд. Карйераи амудӣ болоравии мансабӣ, ҳаракат дар зинаҳои хидматӣ, карйераи уфуқӣ – болоравию такмили маҳорати касбиро дарбар мегирад. Дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки агар маҳорат бошад, мансаб замима мегардад. Ба қавли Лоиқ Шералӣ, «Сар амон бошад, кулоҳ ноёб нест!» Барои карйера як нукта хеле муҳим аст: на танҳо ба мансаби муайян ноил гардидан, балки онро нигоҳ доштан лозим аст.

Карйераро ба маънии ноил шудан ба мансаб, ё ҷидду ҷаҳд кардан ба мансаб, аз карйеризм – мансабпарастӣ фарқ кардан лозим аст. Мансабпарастӣ ба даст овардани неъматҳои моддӣ, манфиат, ҳукумат, мукофот бо роҳҳои бешарафона ва беviҷдонона (масалан, бо роҳи порaю ришва, хушомадгӯйӣ, дурӯғу фиреб ва ғайра) аст.

Худмуайянкунии касбӣ, интихоби бошууронаи касб ва тайёрии касбӣ марҳалаи аввали карйераи касбӣ мебошанд. Ба карйераи касбии инсон сатҳи иддао, яъне сатҳи мақсад ё комёбии навбатии дар пеши худ гузоштаи инсон таъсири калон мерасонанд.

Сатҳи иддио мумкин аст паст, баланд ва воқеӣ бошад. Сатҳи иддиои паст ё баланд дар интихоби мақсадҳои аз ҳад зиёд сабук ё аз ҳад зиёд вазнин, нобоварӣ ба неруи худ, аз

ҳад зиёд изтироболудагӣ ва ғайра зоҳир мешавад. Одамоне, ки дорои сатҳи воқеии иддао мебошанд, ба неруи худ боварӣ доранд, дар ноил шудан ба мақсад суботу пойдорӣ нишон медиҳанд, хеле сермаҳсуланд, нисбат ба худ серталабанд. Таъсири сатҳи иддао ба карйераи касбии инсон дар ҷадвали поён оварда шудааст:

| Сатҳи иддао | Карйера |
|---|---|
| Паст | Болоравии назарраси карйераи амудӣ ба амал намеояд (такмили мансаб) |
| Баланд | Болоравии назарраси карйераи уфуқӣ ба амал намеояд (такмили маҳорат) |
| Воқеӣ | Болоравии карйераи амудию уфуқӣ таъмин мешавад. |

Бешубҳа завқу рағбат ба карйераи касбӣ таъсир мерасонад. Завқу рағбат дараҷаи олии коршоямии касбӣ мебошад, ки дар мувофиқати комили инсон ба талаботи фаъолияти касбӣ ифода меёбад. Меҳнате, ки инсон нисбат ба он майлу рағбат дорад, ғайр аз комёбии зоҳирӣ, қаноатмандии дохилӣ низ мебахшад. Одам аз натиҷаи меҳнат ва худи раванди фаъолият қонеъ мегардад.

Пас, саволе пайдо мешавад, ки майлу рағбат нисбат ба ягон кор чӣ тавр пайдо мешавад?

Аввалан, одам бояд аз олами касбҳо бохабар бошад, касби интихобкардаашро донад. Барои ин касби мазкурро на танҳо аз ҷиҳати назария, балки амалан омӯхтан лозим аст.

Дуюм, одам бояд худашро донад (майлу рағбат, шавқу завқ, вижагиҳои хотира, хулқу табиат, саломатӣ ва ғайра). Дар натиҷаи худшиносӣ худогоҳии касбӣ (образи «ман») ба вуҷуд меояд.

Ба туфайли ягонагии шуури предметӣ ва худшиносии касбӣ шавқу рағбат пайдо мешавад. Таъсири шавқу рағбат ба карйераи касбӣ дар ҷиҳатҳои зерин зоҳир мешавад:

- Одам ба натиҷаҳои баланди меҳнат ноил мегардад;
- Маҳорати касбӣ хеле тез боло меравад, одам устоди кори худ мешавад;

- Мутаносибан ӯ музди бештар мегирад, аз дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ бархурдор мешавад;

- Инсон аз натиҷаи меҳнати худ қаноатманд мегардад, нисбат ба худ эҳтиром пайдо мекунад.

Комёбӣ дар карйераи касбӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст: омилҳои шахсиятӣ, хизматию истеҳсолӣ, иҷтимоию иқтисодӣ. Вале пеш аз ҳама, дар карйераи касбӣ ба қобилияту имкониятҳои худ такя кардан лозим аст. Масалан, карйераи соҳибкор барои шахсе муносиб аст, ки аз таваккал, ба дӯши худ гирифтани масъулияти кори худ наметарсад. Ба шахси дигар бошад бештар карйераи хидматчӣ муносиб аст, ҳарчанд дар ин кор низ имкони болоравии касбӣ ё мансабӣ вуҷуд дорад. Хизматчии давлатӣ низ бояд ташаббускору эҷодкор бошад. Дар ҳамаи корҳо, дар карйераи дилхоҳ омили таваккал, яъне риск мавҷуд аст. Вале таваккал ба шахсоне, ки ба худ эътимод ва ба имкониятҳои худ боварӣ доранд, он қадар даҳшатнок нест.

*Ҷадвали 19.*

**Омилҳое, ки ба карйераи касбӣ таъсир мерасонад:**

| Гурӯҳи омилҳо | Муҳтаво |
|---|---|
| Шахсиятӣ | Худмуайянкунии касбӣ, сатҳи иддао, майлу рағбат, ҷинс, синну сол, маълумот, собиқаи кор, салоҳияти касбӣ, маҳорат |
| Хизматию истеҳсолӣ | Соҳа, маҳсулот, ҷойгиршавии территориявӣ, даромаднокӣ, миқёси корхона, вазифаҳои истеҳсолӣ |
| Иҷтимоию иқтисодӣ | Пешниҳодоту талабот дар бозори меҳнат, вазъи бозор, сатҳи музди меҳнат, ҳавасмандгардонии моддӣ, ҳифзи иҷтимоӣ |

Карйераи касбиро ба нақша гирифтан мумкин ва зарур аст. Карйера бо мақоми иҷтимоӣ вобаста мебошад, бинобар ин, ба нақша ҳамчунин масоили иҷтимоию иқтисодиро ворид кардан зарур аст. Сохтори нақшаи карйераи касбӣ метавонад моддаҳои зеринро дар бар гирад:

- маъною мақсади ҳаёт;
- касби ба нақша гирифташаванда (асосӣ ва вариантҳои эҳтиётӣ);

- маълумоти эҳтимолӣ (муҳтаво ва сатҳ);
- маҳорати касбӣ (разряд, синф, категория);
- мансаби эҳтимолӣ;
- ҳаҷми музди матлуби меҳнат;
- ҷойи истиқомат, шароити манзил.

Бо мурури замон нақшаи карйераи касбӣ мушаххасу муайян мегардад.

**Сити-фермер** – *мутахассис оид ба хизматрасониҳои хоҷагиҳои аграрӣ (инчунин, парвариши маҳсулоти хӯрока) дар бомҳо ва деворҳои иморатҳои осмонхароши шаҳрҳои бузург мебошад. Маҳорат ва малакаи касбӣ: тафаккури низомманд, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, барномарезӣ, роботехника, зеҳни сунъӣ, истеҳсолоти сарфакорона.*

*Карйера, карйераи касбӣ, сатҳи иддао, майлу рағбат.*

***Савол ва супориш:***

1. *Карйераи касбӣ гуфта шумо чиро мефаҳмед?*
2. *Фарқи байни "карйера" ва "карйеризм"-ро шарҳ диҳед.*
3. *Сатҳи иддао ва майлу рағбат ба карйераи касбӣ чӣ тавр таъсир мерасонад?*
4. *Омилҳои дигари ба карйера таъсиррасонандаро тавсиф кунед.*
5. *Компонентҳои сохтории нақшаи карйераи касбиро номбар кунед.*
6. *Оид ба касби ситифермер маълумот диҳед.*

## 34. ТАЙЁРИИ КАСБӢ

**Тайёрии касбӣ.** Маҷмуи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус, ки ба иҷрои кор дар соҳаи муайяни фаъолият имкон медиҳад, тайёрии касбӣ номида мешавад. Низоми тайёрии касбии кадрҳоро дар намуди ҷадвали зерин тасвир кардан мумкин аст:

*Ҷадвали 20*

| Сатҳҳои тайёрӣ | Дар куҷо амалӣ мегардад? |
|---|---|
| Аввалия | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо |
| Ибтидоӣ | Истеҳсолот, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ |
| Миёна | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус (коллеҷ, омӯзишгоҳ) |
| Олӣ | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо) |

Низоми мазкур болоравии касбии кадрҳоро таъмин мекунад, ояндаю дурнамои болоравиро ба вуҷуд меорад. Дар бораи ҳар як марҳала маълумоти мухтасар медиҳем.

Тайёрии аввалии касбӣ ин раванди таълиму тарбия аст, ки дар натиҷаи он худмуайянкунии бошууронаи касбӣ ба амал меояд. Ин кор дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо аз рӯйи самтҳои зерин сурат мегирад:

- ташаккули нияти касбинтихобкунӣ;
- аз худ кардани донишу малакаҳои аввалияи касбӣ;
- ташаккули сифатҳои муҳимми касбии шахсиятӣ;

Ин тайёрӣ аз рӯйи касбҳои сода дар мавриди мавҷудияти пояи моддию техникӣ ва кадрӣ сурат мегирад. Бо хоҳиши хонанда ва волидони ӯ хатмкунандаи мактаби миёна метавонад имтиҳони

ихтисос супорида, дар бораи аз худ кардани ин ё он ихтисос шаҳодатнома гирад.

Тайёрии ибтидоии касбӣ дар истеҳсолот ва омӯзишгоҳҳои касбӣ дода мешавад. Тайёрӣ дар истеҳсолот дар мавридҳои зерин сурат мегирад: агар аз рӯйи ин касб ё ихтисос омӯзиш дар нақшаҳои таълимии омӯзишгоҳҳо пешбинӣ нашуда бошад ё теъдоди хатмкунандагони омӯзишгоҳҳо талаботро ба ин касб қонеъ нагардонанд. Муҳлати чунин тайёрӣ маъмулан аз 6 моҳ бештар нест. Баъди супурдани имтиҳонҳои тахассусӣ дар истеҳсолот толибилмон шаҳодатнома мегиранд.




**Расми 63.** *Омилҳои таъсиррасон ба тайёрии касбӣ*

Омӯзишгоҳи касбӣ муассисаи таълимиест, ки мақоми симои ҳуқуқӣ дорад ва тибқи иҷозатнома барномаҳои таълимии маълумоти ибтидоии касбиро дар амал татбиқ мекунад. Алҳол омӯзишгоҳҳои олии касбӣ, литсейҳо кушода шудаанд. Муҳлати таҳсил дар омӯзишгоҳи касбӣ дар асоси маълумоти миёнаи нопурра 3 сол, дар асоси маълумоти миёнаи пурра як сол аст. Раванди таълим таълими назариявӣ, таълими истеҳсолӣ ва таҷрибаомӯзиро дарбар мегирад. Таълими назариявӣ дар кабинетҳои махсус, таълими истеҳсолӣ дар устохонаҳо ё бевосита истеҳсолот сурат мегирад. Ба толибилмон омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ дарс мегӯянд. Ба хатмкунандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ диплом дар бораи додани касб ва гирифтани маълумоти миёнаи пурра дода мешавад. Ба толибилмоне, ки синфи 11-умро хатм кардаанд, аттестат дар бораи дода шудани ихтисоси муайян месупоранд.

Мутахассисони миёнаи махсусро барои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт муассисаҳои таълимии миёнаи махсус – коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, мактабҳо тайёр мекунанд. Муассисаи таълимии миёнаи махсус гуфта муассисаи таълимиеро меноманд, ки мақоми симои ҳуқуқӣ дорад ва тибқи иҷозатнома барномаи таълимии миёнаи махсус қариб аз рӯйи 500 ихтисос мутахассис тайёр мекунанд. Ба онҳо хатмкунандагони синфҳои 9-ум ва 11-умро, ки бомуваффақият имтиҳонҳои қабулро месупоранд,

қабул мекунанд. Дар сурати хониши аъло ба толибилмон стипендия дода мешавад. Муҳлати таълим 2,5 –5 сол вобаста ба мураккабии ихтисос ва баъди итмоми кадом синф дохил шудани толибилм мебошад. Муассисаҳои таълимии миёнаи махсус шаклҳои таълими рӯзона, шабона ва ғоибона доранд. Хатмкунандагон дипломи мутахассиси ихтисосаш миёнаро мегиранд.

Мутахассисони дорои маълумоти олиро муассисаҳои таълимии олӣ – донишгоҳҳо, донишкадаҳо, академияҳо тайёр мекунанд. Мактаби олӣ гуфта муассисаи таълимиеро меноманд, ки дар асоси қонунгузорӣ амал мекунад, мақоми симои ҳуқуқӣ дорад ва тибқи иҷозатномааш барномаҳои таълимии маълумоти олии касбиро дар амал татбиқ мекунад. Ба ин мактабҳо шахсоне қабул мешаванд, ки маълумоти пурраи миёна доранд, имтиҳонҳои қабулро бо муваффақият супурдаанд ва аз озмун гузаштаанд. Ба шаҳрвандони ҶТ дар асоси озмун гирифтани маълумоти олии бепул кафолат дода мешавад, ба шарте, ки ин маълумоти олии якум бошад. Гирифтани маълумоти олии дуюм ва таҳсил дар гурӯҳҳое, ки илова ба нақшаи муассисаи таълимӣ сурат мегирад, пулакӣ аст. Дар ҶТ дараҷаҳои зерини маълумоти олӣ муқаррар карда шудааст:

- бакалавр (муҳлати таълим камаш 4 сол, дипломи бакалавр дода мешавад);
- мутахассиси дорои маълумоти олӣ (муҳлати таълим камаш 5 сол, диплом дар бораи маълумоти олии касбӣ дода мешавад);
- магистр (муҳлати таълим камаш 2 сол, дипломи магистр дода мешавад).

Маълумоти касбии баъди мактаби олӣ дар аспирантура, ординатура, адюнктура, докторантура ба амал бароварда мешавад. Азхудкунии барномаи маълумоти олии касбӣ шаклҳои гуногуни таълим дорад: рӯзона, шабона, ғоибона, инчунин, экстернат. Ба шахсоне, ки мактаби олиро хатм накардаанд, ҳуҷҷат дар бораи маълумоти олии нотамом дода мешавад. Таълим дар муассисаҳои таълимии касбӣ дар асоси стандартҳои давлатии маълумот сурат мегирад.

**Меъмори маҳсулоти трансмедивӣ** – *мутахассисест, ки дар самти лоиҳакашӣ (персонажҳо, таърих, низоъҳо, муаммо, мазмуни таълим) ва хизматгузорӣ барои якчанд воситаҳои иртиботи оммавӣ (телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ, телеграмма, бозиҳо ва ғайра) ҳамчунин бо таҳлил намудани низоми таъсири мутақобили онҳо фаъолият менамояд. Маҳорат ва малакаҳои касбӣ: тафаккури низомманд, иртиботи байнисоҳавӣ, ба мизоҷ тамоюлдошта, забондонӣ ва маданиятшиносӣ, малакаи эҷодиёти бадеӣ, роҳбарӣ ба лоиҳаҳо, кор бо одамон.*

*Тайёрии касбӣ, омӯзишгоҳи касбӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, мактаби олӣ.*

## *КОРИ АМАЛӢ*

*1. Аз маълумотнома барои дохилшавандагон ба муассисаҳои таълимии касбӣ истифода бурда, бо омӯзишгоҳҳои касбӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, мактабҳои олӣ, ки дар минтақаи мо ҷойгиранд, шинос шавед.*

*2. Роҳи худро бобати аз худ кардани касб ва рушди касбӣ шарҳ диҳед.*

**Савол ва супориш:**

*1. Ба сатҳҳои тайёрии касбӣ дар ҶТ тавсифнома диҳед.*
*2. Тайёрии аввалияи касбӣ чист ва дар куҷо амалӣ мегардад?*
*3. Дар куҷо тайёрии ибтидоии касбиро гирифтан мумкин аст?*
*4. Низоми маълумоти олӣ ва маълумоти пас аз мактаби олиро тавсиф кунед.*
*5. Оид ба касби таҳиягари маҳсулоти трансмедивӣ маълумот диҳед.*

## ЛОИҲАИ ЭҶОДИИ НАМУНАВӢ

### «Нақшаҳои ҳаётии ман ва карйераи касбӣ»

**I. Мақсаду вазифаҳои лоиҳа**

1. Нақшаҳои ҳаётии худро муайян кардан ва тибқи он роҳи инкишофи карйераи касбиро мушаххас намудан;

2. Қобилияту завқу мароқи худ ва дар касби оянда ба ҳамоии мусоиди онҳоро ошкор кардан;

3. Самтгирӣ намудан дар олами гуногуни касбҳо;

4. Ёд гирифтани мустақилона интихоб кардани муассисаҳои таълимӣ, ба нақша гирифтани карйераиояндаи худ;

5. Қобилияту имкониятҳои худро беғаразона арзёбӣ кардан.

**II. Нақшаи амалҳо**

1. Асоснок кардани интихоби мавзуи лоиҳа. Ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот барои дохилшавандагон ба макотиби олӣ;

2. Ба маркази интихоби касб рафтан. Ошкор сохтани мароқу қобилиятҳо;

3. Асоснок кардани интихоби касб;

4. Асоснок кардани интихоби муассисаи таълимӣ (таҳсили пулакӣ ё бепул);

5. Баррасии вариантҳо дар мавриди дохил нашудан;

6. Дохилшавӣ;

7. Арзёбӣ ва ҳифзи лоиҳа;

Мухтасаран татбиқи давра ба давраи нақшаро пешниҳод мекунем.

**1. Асоснок кардани интихоби мавзуи лоиҳа**

Дар вақти хатми мактаб бисёр хонандагон бояд интихоб кунанд, ки ба куҷо ба хондан мераванд. Ин қарор дар ҳаёти онҳо қарори хеле муҳим аст, зероояндаи инсон аз он вобаста аст. Албатта, маслиҳату машваратҳои омӯзгорону волидон ёрӣ мерасонанд, вале барои кумак ба машваратгарони маркази интихоби касб ва психологҳо муроҷиат кардан беҳтар аст. Муносибати босалоҳият ба интихоби касби оянда имкон медиҳад дар олами касбҳо самтгирӣ карда, дар асоси лоиҳаи «Нақшаҳои ҳаётии ман ва карйераи касбӣ» қарори мусоид қабул карда шавад.

**2. Ба маркази интихоби касб рафтан**

Ошкор сохтани шавқу мароқ, қобилиятҳо, сифатҳои муҳимми касбӣ;

Дар маркази интихоби касб баъди омӯхтани хусусиятҳои инфиродии шахс ба ӯ дар бобати худмуайянкунии касбӣ маслиҳати босалоҳият медиҳанд. Машваратгар тавсияҳояшро дар асоси натиҷаҳои суҳбат, пурсиш, тестгузаронӣ, омӯзиши харитаи тиббӣ ва маълумоти дигар дар бораи маслиҳатгиранда пешниҳод менамояд.

**3. Асоснок кардани интихоби касб**

Намунаи асосноккуниро меорем:

«Аз кӯдакӣ ман ба асарҳои санъат, кино, театр, намоиши осори рассомони маъруф шавқу мароқ доштам ва падару модарам маро ба мактаби рассомӣ доданд. Бо гузашти солҳо шавқу рағбати ман ба ин ҳунар меафзуд. Ман ҳангоми кашидани расм хеле завқу лаззат мебарам. Бинобар ин, хеле хоҳиш дорам, ки касби ояндаи ман бо завқу мароқам мувофиқату мутобиқат кунад.

Тестгузаронӣ дар назди машваратгар оид ба интихоби касб сатҳи баланди шавқу мароқи маро ба фаъолияти касбӣ дар соҳаи «инсон – образи бадеӣ» нишон дод. Сатҳи дониш ва маҳорат дар ин соҳа олӣ аст. "Одам - техника", "Одам – низоми аломатӣ", "Одам – одам", "Одам – табиат" соҳаи сатҳи миёнаи дониш мебошанд.

Саволномаҳои афзалиятҳои касбӣ оид ба интихоби касб чунин тавсияҳоро пешниҳод карданд: дизайнер – ороишгар, моделйер, моделйери либос, рассом.

Сатҳи худмуайянкунӣ олӣ аст.

Ҳамин тариқ, шавқу завқи шахсии ман бо натиҷаҳои машварати интихоби касб мувофиқат доранд.

Ман қарор додам ихтисоси дизайнерро интихоб кунам».

**4. Асосноккунии интихоби муассисаи таълимӣ (бо таҳсили пулакӣ ё бепул)**

Мисоли асосноккунӣ:

Инро ҳам донистан лозим аст, ки аз рӯйи ихтисоси интихобкарда мутахассисонро кадом муассисаҳои таълимӣ омода мекунанд. Шумораи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ кам нест. Бинобар ин, муҳим аст, ки барои дурусту дақиқ интихоб кардани онҳо низ довталаб имконият ва шароити худро дар madди назар дошта, аз ҷумла меъёрҳои зеринро ба эътибор гирад:

- шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ) ва намуди таҳсил (ройгон, пулакӣ);
- макони ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ;
- зерсохтори муассисаи таълимӣ (хобгоҳ, китобхона, толорҳои варзишию фарҳангӣ);

• нуфуз ва эътибор (рейтинг)-и муассисаи таълимӣ;

• фикру ақидаи аҳли ҷомеа дар бораи муассисаи таълимӣ.

Дар рафти ҷамъоварии маълумот дар бораи мактабҳои олӣ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров маро ҷалб намуд. Дар донишгоҳи мазкур 18 факултет ва 99 ихтисосҳои омӯзгорӣ, иқтисодӣ, ҷамъиятшиносӣ ва тиббӣ мавҷуд мебошад. Муҳлати таҳсил барои ихтисосҳо 4 сол буда, барои ихтисосҳои ҳамгиро (дорои аз ду ва зиёда касб) 5 сол таҳсил муқаррар гардидааст. Барои 48 ихтисос шакли таҳсили фосилавӣ амал мекунад. Ба донишгоҳ тариқи Маркази миллии тестӣ довталабон дохил шуда метавонанд. Шартномаи таҳсил дар соли 2023 аз 2800 то 4800 сомонӣ вобаста ба ихтисос ва шакли таълими он муқаррар гардидааст.

**5. Баррасии вариантҳо дар мавриди дохил нашудан ба мактаби олӣ**

Дохилшавӣ ба донишгоҳ ва донишкадаҳои ҷумҳурӣ бо шаклу низом ва тартибу талаботи муайян амалӣ мегардад. Дар ҳар мамлакат низоми муайяни тартиби қабули довталабон аз ҷониби ҳукумати он муқаррар мегардад.

Бо мақсади таҷдиди низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии “Маркази миллии тестӣ” таъсис дода шуд, ки тибқи оинномa фаъолияти он ба ташкилу баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ равона гардидааст.

Ихтисосҳо аз рӯйи монандию наздикии фанҳои имтиҳон ба ҳам дар 5 гурӯҳи (кластери) ихтисосҳо муттаҳид гардидаанд:

**1) табиӣ ва техникӣ;**

**2) иқтисод ва география;**

**3) филология, педагогика ва санъат;**

**4) ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ;**

**5) тиб, биология ва варзиш**

Ман ҳуқуқи интихоби то 12 комбинатсияи ихтисосро вобаста аз муассисаи таълимӣ, шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ) ва намуди таҳсил (ройгон, пулакӣ) тибқи нақшаи қабули донишҷӯён дар доираи танҳо як гурӯҳи ихтисосҳо до-

рам. Ман интихобҳои худро дар рӯйхат бояд аз рӯйи бартарияшон (афзалияташон) ҷо ба ҷо гузорам, яъне комбинатсияҳои ихтисосҳои барои худ бештар мувофиқ ва писандро дар болотар бигзорам. Ба таври дигар гӯем, бартарии интихоб ин аст, ки бояд он ихтисосе дар рӯйхати интихобҳо дар ҷойи аввал (аз ҳама боло) монда шавад, ки он барои ман писанд ва зарууртар аз ихтисосҳои дигари интихобшуда аст. Сипас, интихобҳои боқимондаро (мувофиқи хоҳиш) дар ҷойҳои дуюм, сеюм ва ғайра то дувоздаҳум ҷо ба ҷо гузоштан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки барои ихтисосҳои санъати тасвирӣ, санъати мусиқӣ, актёрӣ ва дигарон, ба ғайр аз супоридани тест дар Маркази миллии тестӣ, ҳамчунин, супоридани имтиҳони эҷодӣ зарур дониста шудааст.

Ман ихтисоси санъати тасвирӣ, нақшакашӣ ва дизайни графикиро дар садри ҷадвал интихоб намуда, 11 ихтисоси ба он монандро низ ҷудо намудам. Аз сабаби он ки маҳорати хуби тасвири расм ва нақша дорам, барои дохилшавӣ имконияти васеътар барои ин ихтисосҳо бароям мавҷуд аст.

**6. Дохилшавӣ:**

Натиҷаи имтиҳоноти маркази тестӣ – 270 хол.

Натиҷаи имтиҳоноти эҷодӣ:

1. Расмкашӣ – 30 хол;
2. Мусаввирӣ – 30 хол;
3. Нақшакашӣ – 35 хол.

Ҳисоби миёнаи холҳо барои дохил шудан ба факултети санъати тасвирӣ ва технология аз 300 хол боло буд. Ман бо гирифтани 365 хол ба интихоби аввалини худ ихтисоси санъати тасвирӣ, нақшакашӣ ва дизайни графикии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров дохил шудам.

**7. Арзёбӣ ва ҳифзи лоиҳа**

Иҷрои лоиҳаи «Нақшаҳои ҳаётии ман ва карйераи касбӣ» ба ман имкон дод, ки ба неруи худ эътимод ҳосил кунам, ҷустуҷӯйи мустақилона ва ҷамъоварии иттилоотро (кор дар китобхона, маркази интихоби касб) ёд гирам, барои дохил шудан ба мактаби олӣ тайёрии нағз бинам. Кори тадқиқотӣ оид ба лоиҳа маро водор сохт дар бораи тақдириояндаам дар сурати дохил нашудан ба донишгоҳ андеша кунам. Дар натиҷа ман ба имтиҳонҳо бо масъулияту қувваи дучанд тайёрӣ дидам.

## Хотима

Шиносоии ибтидоии шумо бо асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбӣ ба охир расид. Оре, соҳибкорӣ шарти асосии фаъолияти самарабахши иқтисоди бозаргонӣ мебошад ва он алҳол ба як ҷузъи таркибии ҳаёти мо табдил ёфтааст.

Барои он ки бизнеси муосир худро дилпур ҳис кунад ва бомуваффақият шавад, бисёр чизро омӯхтану донистан лозим аст. Аз соҳибкор меҳнатдӯстӣ, қатъият ва суботкорӣ барои ноил шудан ба мақсад, тайёрӣ ба таваккал ва маҳорати муносибату муошират бо одамон талаб карда мешавад.

Ҳамагӣ баъди муддати кӯтоҳе дар назди шумо масъалаи интихоби касби оянда ба миён меояд. Ба интихоби касб бо масъулияти тамом муносибат кунед.

Маблағи рӯзгузаронӣ, яъне барои зиндагӣ заруриро бо роҳҳои гуногун ба даст овардан мумкин аст. Шумо метавонед ба сифати коргари кироя ба кор дароед. Аксарият ҳамин роҳро интихоб мекунанд. Лекин шумо имкон доред кори худро оғоз кунед. Ҳуқуқи интихоб дар дасти шумост. Вале ҳеч гоҳ истисно кардан мумкин нест, ки бо ҳукми тақдиру шароит бекор монданатон мумкин аст. Мутаассифона, бекорӣ дар иқтисодиёти бозоргонӣ ҳодисаи ногузир аст. Дар ин маврид шумо маҷбур мешавед ба соҳибкорӣ машғул шавед.

Дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки ба бизнес бо виҷдони поку соф машғул шудан лозим аст. Ин танҳо сухани зебо нест. Соҳибкории ҳарисона, ки бо вайрон кардани принсипҳои ахлоқию маънавӣ сурат мегирад, оғози бунёдкорона надорад ва ҳамеша, чӣ дар ҷамъият ва чӣ дар байни худи соҳибкорон маҳкум карда мешавад. Номи некро аз даст додан кори осон аст, аз нав ба боварии шарикон ноил гардидан кори хеле меҳнатталаб мебошад.

Тоҷикистон дорои потенсиали бузург – захираҳои хеле бойи табиӣ, меҳнатӣ ва истеҳсолӣ мебошад. Чӣ тавр ба он соҳибихтиёрӣ кардан аз ҳар яки мо вобаста аст. Аз маҳорати дуруст истифода бурдани ин сарват некуаҳволии ҳар яки мо ва иқтидори тамоми мамлакат вобаста аст.

Яке аз мақсадҳои асосии мо, хонандагони муҳтарам, омода сохтани шумо ба худмуайянкунии асосноки касбӣ буд. Бинобар ин, ҳангоми омӯхтани курси технология, шумо ба олами меҳнату касб дохил шудед, бо соҳаҳои мухталифи фаъолияти меҳнатӣ ошно гаштед. Шумо лоиҳаҳоро иҷро кардед, аз санҷишҳои ба худ хосси касбӣ гузаштед, лаззати комёбиро дар фаъолияти эҷодӣ эҳсос намудед. Кадом касбро интихоб накунед ва кӣ нашавед – менеҷер, ҳуқуқшинос, муҳандис, иқтисоддони лоиҳаҳои технологӣ ба шумо лозим мешаванд. Дар ҳамаи касбҳо донишҳои шумо оид ба усулҳои ҳалли вазифаҳои эҷодӣ мададгоратон хоҳанд гашт.

Дар рафти омӯхтани технология, иҷрои лоиҳаҳои эҷодкорона шумо донишҳои назариявиатонро аз фанҳои физика, химия, математика ва дигар фанҳо мустаҳкам кардед ва айни замон, худатонро омӯхтед, завқу мароқи касбӣ, майлу қобилиятҳоятонро аниқ кардед. Маҳз ҳамин асоси интихоби касбии шумо гардид.

## Замима

*Замимаи 1*

### Тест барои арзёбии қобилиятҳои соҳибкории худ

Таҷриба нишон медиҳад, ки соҳибкорони муваффақ хислату хусусиятҳои умумӣ доранд. Тести дар поёновардашуда меъёри илмии асосноки қобилияти соҳибкорӣ нест. Бо вуҷуди ин, як бор худро санҷед. Ҷавобҳои саҳеҳро ба суолҳо бо аломати √ ишора кунед.

| Суол | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| 1. Оё шумо кори сар кардаро ба монеаҳо нигоҳ накарда ба охир мерасонед? | | |
| 2. Оё шумо дар карори қабул кардаатон қатъият зоҳир мекунед ё фикри шуморо дигар кардан осон аст? | | |
| 3. Оё шумо масъулиятро ба дӯши худ гирифтану роҳбарӣ карданро дӯст медоред? | | |
| 4. Шумо саломатед? | | |
| 5. Оё хамсинфону ҳамсолон шуморо ҳурмату эҳтиром мекунанд ва ба шумо итминон доранд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| 6. Оё шумо тайёред аз субҳ то шом меҳнат кунеду фавран подоши онро набинед? | | |
| 7. Оё шумо муошират бо одамон ва кор кардан бо онҳоро дӯст медоред? | | |
| 8. Оё шумо аксаран ақидаи қисми зиёди рафиқонатонро ба тарафи худ кашида метавонед? | | |
| 9. Оё шумо дар он соҳа, ки кори худро сар карданиед, таҷрибаи кор доред? | | |
| 10. Оё ба шумо ғояю фикри дигарон фаҳмост? | | |
| 11. Оё дар шаҳратон (деҳаатон) ба мол ё хизмате, ки шумо истеҳсол карданӣ ҳастед, талабот мешавад? | | |
| 12. Оё шумо дар соҳаи маркетингу молия омодагии базавӣ доред? | | |
| 13. Оё кори дигар соҳибкорони хурди дар соҳаи шумо фаъолияткунанда дар шаҳратон (деҳаатон) бобарор аст? | | |
| 14. Оё шумо ба қадри кофӣ воситаҳои ибтидоии молиявӣ доред, то корхонаатонро дар давоми соли аввали мавҷудияти он дастгирӣ кунед? | | |
| 15. Оё шумо таҳвилгарони масолеҳи ба шумо заруриро «таги чашм» карда мондаед? | | |
| 16. Оё шумо одамонеро ёфта мондед, ки дорои таҷрибаю донишҳои кофие бошанд, ки ба шумо ин чизҳо намерасад ва барои дар лаҳзаи мушкил ба шумо ёрӣ расонидан омода бошанд? | | |
| 17. Оё шумо бо қоидаҳои амалкунандаи андозбандӣ, бурдани ҳисоби муҳосибӣ, калкулятсияи музди меҳнат шиносед? | | |
| 18. Оё шумо бо одамоне, ки аз шумо хеле калонанд, ба осонӣ робита баркарор мекунед? | | |
| 19. Оё шумо бо одамони ношинос ба осонӣ робита муқаррар мекунед? | | |
| 20. Оё шумо итминон доред, ки қарори дуруст кушодани кори худиро қабул кардед? | | |

Акнун миқдори ҷавобҳои мусбатро шуморед. Агар ҷавобҳои мусбат 17 ва аз он зиёд бошад, пас шумо барои сар кардани кори худ ва дар он комёб шудан ҳамаи сифатҳои заруриро доред.

Аз 13 то 17 ҷавоби мусбат: шанси шумо ба бобарор шудани кор возеҳу равшан нест. Вале дилсарду рӯҳафтода нашавед. Ҳамаи саволҳоеро, ки ба онҳо ҷавоби манфӣ додед, навишта гиред, онҳоро бодиққат таҳлил кунед ва аз рӯйи виҷдон ба худ ҷавоб диҳед: Оё шумо ягон корро ислоҳ карда метавонед ва барои ин чӣ кор кардан лозим аст?

Агар ҷавобҳои мусбат аз 13 кам бошад, ба назар чунин мерасад, ки шумо ба сифати соҳибкор ба муваффақият ноил шуданатон мушкил аст. Ба оғоз кардани кори худ саросема нашавед, таҷриба андузед, такрор ба такрор завқу мароқ ва хоҳиши худро санҷед.

**Замимаи 2**

**Намунаи ғояҳои соҳибкорӣ, ки дар шароити устохонаҳои таълимӣ ё хона онҳоро амалӣ гардонидан мумкин аст**

1. Брелок – кушоянда, армуғонӣ барои калидҳо
2. Либосовезак
3. Дарзмолтахта
4. Бозичаҳо барои кӯдакистон, аз ҷумла бо муҳаррики барқӣ
5. Интерйер барои бозичаи бачаҳо (миз, кат, шкафча, курсӣ ва ғайра)
6. Қафас барои паррандаҳои хонагӣ, донхӯрак барои парандаҳо
7. Сабаду сабадчаҳо аз навда
8. Макети биною иншоот, хона ва мебел барои бозичаҳои бачагона
9. Моделҳо бо электромагнит (чароғи раҳнамо, шлагбаум ва ғайра)
10. Рафи китоб, рафи гулдон, телефонмонак ва ғайра
11. Чаҳорчӯба барои сурат, портретҳо
12. Чорпоякҳо барои дарзмол, китоб (китобмонаки қату ростшаванда)

13. Чумча, дастаи дар ва ғайра аз чӯб
14. Оштахта, ҷӯба, тахтаю тирак
15. Хокпарто барои кӯдакон
16. Мизчаю чорпоя барои гузоштани телевизор, мизи хурд
17. Шатранҷ, шашка, нард
18. Турбтарош, шона

Дар боло номгӯйи маҳдуди намунаҳои ғояҳои соҳибкорӣ оварда шуданд. Дар асл ташаббусро ба худи бачаҳо вогузор кардан лозим аст, то онҳо он ашёеро, ки дар минтақаашон сер-харидор аст, фикр карда ёбанд. Ғайр аз ин, маснуоти дилхоҳро такмил додан мумкин аст, то он бештар ҷаззобу назаррабо гардад. Бояд асоси ғояи шуморо хоҳиши қонеъ гардонидани эҳтиёҷу талаботи одамони алоҳида, оила, мактаб, ҷамъият ташкил кунад.

Ғояи хуб асоси муваффақият дар бизнеси дилхоҳ аст!

## МУНДАРИҶА

Муқаддима....................................................................... 3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ**

1. Мафҳуми фаъолияти касбӣ. Тақсим ва махсусгардонии меҳнат.............................................................................. 5
2. Ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат.......................................... 11
3. Мафҳуми фарҳанги меҳнат............................................... 18
4. Технологияи таъсиси корхона ва манбаъҳои маблағгузории корхона....................................................... 22
5. Захираҳо ва омилҳои истеҳсолот...................................... 28
6. Лоиҳаи эҷодӣ: Нақшаи истеҳсолот.................................. 32

**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ЛОИҲАКАШИИ МАСНУОТ**

7. Хусусиятҳои лоиҳакашии муосир.................................... 43
8. Алгоритми дизайн............................................................ 49
9. Фикран сохтани маҳсулоти нав......................................... 56

**БОБИ 3. АСОСҲОИ СОҲИБКОРӢ**

10. Субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо ва вазифаҳо.. 64
11. Ҷомеаи меҳнатӣ. Пардохти музди меҳнат........................ 69
12. Арзиши аслии маҳсулот.................................................. 75
13. Нархи молу хизмат.......................................................... 84
14. Андозбандӣ...................................................................... 90
15. Менеҷмент дар фаъолияти корхона. Маркетинг дар фаъолияти корхона............................................................ 98
16. Фурӯши мол ва хизмат..................................................... 111
17. Таблиғ (реклама) дар низоми соҳибкорӣ......................... 116
18. Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ............................. 119
19. Бизнес-нақшаи ширкати хонандагон “Чевар”................. 125
20. Лоиҳаи эҷодии «Фаъолияти соҳибкории мустақилонаи ман»............................................................................... 130

## БОБИ 4. НИЗОМИ КАСБИНТИХОБКУНӢ

21. Маърифати (маълумотдиҳии) касбӣ................................ 142
22. Маърифати касбӣ дар чорабиниҳои беруназсинфӣ......... 148
23. Ташхиси касбӣ.................................................................. 155
24. Машварати касбӣ............................................................. 158
25. Яккачинкунии касбӣ........................................................ 164
26. Одаткунии касбӣ (адаптатсия)........................................ 170
27. Тарбияи касбӣ................................................................. 174

## БОБИ 5. ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБИИ ШАХСИЯТ

28. Моҳияти худмуайянкунии касбӣ.................................... 178
29. Модели мухтавоию равандии худмуайянкунии касбӣ...... 181
30. Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият................................................................... 186
31. Низоъҳои худмуайянкунии касбӣ.................................... 195
32. Ташаккули касбии шахсият............................................. 200
33. Карйераи касбӣ................................................................ 204
34. Тайёрии касбӣ................................................................. 208
Лоиҳаи эҷодии намунавӣ...................................................... 212

**АЗИЗОВ АБДУЛАТИФ,**
**РАҲИМОВ САИДМУҲАММАДХОН,**
**АЗИЗОВ ШЕРЗОД**

# ТЕХНОЛОГИЯ

**(ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)**

Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Р. Умар |
| Мусаҳҳеҳ | С. Неккадамов |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Назаров |
| Тарроҳ | М. Раҷабов |

Ба чоп 20.10.2023 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Андоза 60х90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 14,0
Адади нашр 40 000 нусха.
Супориши № 90/2023

Нархаш 27 сомонӣ 39 дирам

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66, Email: nashriya@maorif.tj

Дар ҶСП "Нашриёти муосир" чоп шудааст.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3.